1. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷ. II, - Душанбе. 1989. –С. 142. БҶ ВФ ҶТ //Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанг дар соли 2015 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2016.-Душанбе, 2016. – С57.
2. Рубин В. В поисках гармонии // Музыкальная жизнь. 2009. - № 9, - С 15.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.07.2010 таҳти №322 дар бораи тасдиқи «Барномаи давлатии рушди мусиқии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015»- Душанбе, 2010.- С3.
4. БроннерМ. Композитор и современное музыкальное сообщество / / Музыкальная жизнь. 2009. - № 11, - С. 23.
5. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва масъалаҳои ҳалталаби татбиқи он. – Душанбе.20.11.2007. – С.22.

МАКТАБИ МУСИҚӢ ВА САҲМИ ОН ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ – ЭСТЕТИКИИ НАСЛИ НАВРАС

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур оиди саҳми мактабҳои мусиқӣ дар таълиму тарбияи ахлоқӣ – эстетикии насли наврас сухан меравад. Муаллиф қайд менамояд, ки педагогикаи мусиқӣ як шохаи педагогикаи умумӣ буда, манбаҳои омӯзишӣ, хусусиятҳо ва категорияҳои худро дорад. Инчунин, дар мақолаи мазкур оид ба масъалаҳои ҳалталаби таълим ва тарбияи мусиқӣ ва мушкилиҳое, ки дар фаъолияти мактабҳои мусиқӣ ба миён омадааст, сухан меравад. Баҳри бартараф гардидани камбудӣ ва норасоиҳо дар фаъолияти ин муассисаҳо якчанд таклифҳо пешниҳод гардидааст.

Калидвожаҳо: мактаби мусиқӣ, таълимоти мусиқӣ, категорияҳои мусиқӣ, тарбияи зебоӣ, педагогикаи мусиқӣ, манбаҳои омӯзиш, маҳорат ва малака.

МУЗЫКАЛЬНАЯ ШКОЛА И ЕЕ ВКЛАД В ОБРАЗОВАНИЕ ЭТИКА - ЭСТЕТИКА МОЛОДОГО ПОКОЛЕНИЯ

Аннотация. В данной статье обсуждается вклад музыкальных школ в образовательное и этическое образование - эстетику молодого поколения. Автор утверждает, что музыка является общепедагогическим направлением, имеет свои учебные ресурсы, особенности и категории. Также в данной статье рассматриваются вопросы, связанные с образованием и обучением музыке, а также проблемы, с которыми сталкиваются в музыкальных школах. Существует несколько предложений по устранению недостатков в деятельности этих учреждений.

Ключевые слова: музыкальная школа, преподавание музыки, музыкальные категории, эстетическое образование, педагогика музыки, учебные ресурсы, навыки и умения.

MUSIC SCHOOL AND ITS CONTRIBUTION TO EDUCATION ETHICS - AESTHETICS OF THE YOUNG GENERATION

Annotation. In this article, it is said about the deposition of music institutions in ethical and aesthetical teaching education. The author notices that music pedagogic is a branch of common pedagogic that has its educational origin, characters and categories.

Thus, in this article noticed about the requiring problems of education and music and those problems that appeared in the activities of music institutions. There are some recommendations suggested for eliminating problems and insufficiencies in these institutions activities.

Key words: music institution, music education, music categories, the beauty of education, the pedagogic of music, educational origin, the ability and assimilation.

АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ НИЗОМИ ИНТИХОБОТ

Шифои К. Б.

Донишгоҳи давлатии Данғара

Асосҳои ҳуқуқии низоми интихобот дар моддаҳои 27, 48, 49, 65, 66, 77 ва 82-и Конститутсия, қонунҳо "Дар бораи тартиби интихоботи Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон", "Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон", "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" ва баъзе қарорҳои Маҷлиси Олӣ ва карорҳои Комиссияи марказии интихобот танзим ёфтаанд. Мувофиқи онҳо интихобот дар Тоҷикистон дар асоси интихоботи умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад. Ҳар яке аз ин усулҳо ба худ мазмуни хоса доранд ва бо роҳҳои гуногун

кафолат дода мешаванд. Интихоботи Раиси ҷумҳур ва вакилони халқ умумӣ мебошад. Ҳар як шаҳрванди синни 18 сола новобаста аз аҳволи иҷтимоӣ ва молу мулк, мансубияти миллӣ ва нажодӣ, ҷинс, забон, маълумот, муносибат ба дин, навъу хислати машғулият ҳуқуқи интихоб кардан дорад. Ин ҳуқуқ дар маъракаи интихобот бо чораҳои ташкилӣ кафолат дода мешавад. Дар асоси қонун шаҳрванди синнаш дар рӯзи интихобот ба 18 расида, ки дар қаламрави маҳалли интихобот доимӣ ё муваққатӣ истиқомат мекунад ва ҳуқуқи дар овоздиҳӣ иштирок кардан дорад, ба рӯйхати интихобкунандагон дохил карда мешавад.

Интихобкунанда фақат дар як маҳалли интихоботи ба рӯйхат гирифта мешавад. Дар давраи баъди ба эътибори умум пешниҳод кардани рӯйхати интихобкунандагон, интихобкунанда имконияти дар рӯзи интихобот дар ҷои истикомати худ истодан надошта бошад (ба рухсатӣ рафтан, ба табобат равон кардан ва ғайра), ҳуқуқдор аст аз комиссияи махаллии интихобот варақаи интихобот талаб намуда, дар он нисбати номзадҳои пешбарӣ шуда муносибати худро муайян намояд ва дар конверти пӯшида онро ба комиссия супорад. Комиссия ба конверт мӯҳр гузошта, онро нигоҳ медорад ва дар рӯзи интихобот баъди анҷоми овоздиҳӣ барои ба ҳисобгирӣ пешниҳод мекунад. Шаҳрванди дар рӯзи интихобот синнаш ба 18 расида ҳуқуқи интихоб кардан ба вакили Маҷлиси маҳаллии вакилони халкро дорад. Ҳуқуқи интихобот баробар мебошад. Шаҳрванд дар интихобот дар асоси баробар иштирок намуда, ҳар як кас як овоз дорад.

Бо мақсади таъмини баробарии ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон қонун муайян мекунад, ки ҳавзаҳои интихоботӣ дар ҳадди барои ҳамин Маҷлиси вакилон муқаррар гардида, бояд аз рӯи шумораи интихобкунандагон тақрибан баробар бошанд. Ташкили ҳавзаҳои интихобот бояд дар марзи ҳар як шаҳр ва ноҳия қарор гирад. Барпо

кардани ҳавзаҳои интихобот аз ҳисоби ноҳияю шаҳрҳои ҳамсарҳад манъ аст. Дар Тоҷикистон ба хизматчиёни артиши миллӣ низ ҳуқуқи интихобот дода шудааст.

Ба ҳамин тариқ, усули ҳуқуқи баробари шаҳрвандон дар интихобот қонунан кафолат дода шудааст. Вале, дар маъракаҳои интихоботии ҳозира, ки чандин номзадҳои як мандата вакилӣ мубориза мебаранд, таъмини ҳақиқии баробари иштироки онҳо дар маъракаи пешазинтихоботӣ хеле мураккаб аст. Гарчи қонун таъминоти моддии интихоботро аз ҳисоби давлат пешбинӣ кардааст, аммо имкониятҳои ҳақикии номзадҳо ба вакилӣ гуногун буда, ба татбиқи ҳукуқи интихобшавии онҳо таъсири бевосита мерасонад. Хусусан, ба Маҷлисҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳо дар асоси қонун додани ҳукуқи пешбарии номзадҳо ба вакили Мачлнси Олӣ, ки мазмуни пешбарию интихоби раисони онҳоро дорад, нобаробарии номзадҳои бо ин "номзад-раис" интихобшавандаро боз ҳам назаррас мегардонад. Тасодуфӣ нест, ки дар ҳайати Маҷлиси Олии даъвати якум қариб 100 фоиз вакилон Раисони шаҳру ноҳияҳо мебошанд.

Дар Конститусия ва қонунҳои интихобот ҳуқуқи баробари интихобот доштани занон, бо мардон ва кафолати он махсус қайд наёфтааст. Аммо бе кафолатҳои амалан баробарҳуқуқии занон бо мардон дар интихобот, озодона интихоб шудани занон ба вакили Маҷлиси Олӣ кариб ғайриимкон аст. Ҳайати ҳозираи Маҷлиси Олӣ ин хавфро пурра тасдиқ мекунад. Ба ҳайати он ҳамагӣ раисони шаҳру ноҳияҳо интихоб гардидаанду халос. Дар шароити мамлакати мо, бе кафолатҳои амалӣ, ба монанди ба занон ба тарзи конститутсионӣ ҷудо кардани миқдори муайяни ҷой дар парламент, дар хусуси баробарҳуқуқии онҳо дар интихобот сухан рондан бемазмун аст. Интихоботи Раиси ҷумҳур, вакилони Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллӣ ба тарзи мустақим сурат мегирад. Раиси ҷумҳур ва вакилони

халқро интихобкунандагон бевосита интихоб менамоянд.Тарзи мустақиман интихоб кардани вакилоии халқ шакли демократии интихоб буда, ба интихобкунандагон имкон дода мешавад, ки шахси ҳақиқатан ба бовариашон сазоворро интихоб намоянд. Баръакси ин, низоми интихоботи баъзе мамлакатҳо тарзи интихоботи бисёрзинагӣ ва нисбиро пешбинӣ менамоянд. Дар интихоботи бисёрзинагӣ, одатан фақат зинаҳои поёнии мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи интихобкунандагон мустақиман интихоб карда мешававд.Зинаҳои болоӣ ва олии макомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ аз тарафи вакилони мақомоти поёнӣ пешбарӣ ва интихоб карда мешаванд. Масалан, вакилони палатаи якуми (болоии) Шветсия аз тарафи лавдстингҳои (Маҷлиси губернияҳо) ва намояндагони Маҷлиси ваколатдори шаҳрҳои калонтарин интихоб карда мешаванд. Шӯрои палатаи болоӣ парламенти Ҳиндустон аз намояндагоне, ки мақомоти қонунгузори иёлот интихоб мекунанд ва 12 нафар аъзоёне, ки Раиси ҷумҳур таъин мекунад, иборат аст. Бундесрати (палатаи болоӣ) парламенти Олмон аз аъзоёии ҳукуматҳои заминҳо (аз 3 то 5 намоянда) иборат аст [3,с.6].

Бояд кайд кард, ки мувофиқи Конститусияи Тоҷикистон соли 1931 намояндаҳо ба Анҷумани Шӯроҳои Тоҷикистон (мақомоти олии қонунбарор), аз тарафи Анҷумани Шӯроҳои шаҳру ноҳияҳо интихоб карда мешуданд. Дар баъзе мамлакатҳо як қисми аъзоёни парламентро Раиси ҷумҳур таъин мекунад, қисми дигар аз собиқ раисони ҷумҳур иборат аст, ки якумра дар асоси ҳуқуқи хоси худ дар кори парламент иштирок менамоянд. Масалан, бо ҳамин усул Сенати парламенти Италия ташкил меёбад[5,с.8].

Теъдоди интихоботи нисбӣ онро мефаҳмонад, ки интихоботи Раиси ҷумҳур ва вакилони парламент на мустақиман аз тарафи интихобкунандагон, балки аз тарафи коллегияи интихобкунандагон,

ки ваколатдор карда шудаанд, интихоб карда мешаванд. Коллегияи интихобкунандагонро шаҳрвандон дар интихоботи умумӣ интихоб мекунанд. Онҳо дар навбати худ Раиси ҷумхур, вакилони парламент ва дигар мақомотн конунгузорро интихоб менамоянд. Масалан, вакилонн Маҷлиси Миллии Покистои бо усули интихоботи нисбӣ интихоб карда мешаванд. Дар интихоботи Раиси ҷумҳури ИМА шаҳрвандон на худи Раиси ҷумҳурро, балки намояндагонро ба коллегияи интихобкунандагон интихоб мекунанд ва онҳо дар Маҷлиси худ Раиси ҷумҳурро интихоб менамоянд. Овоздиҳӣ дар интихоботи Раиси ҷумҳур ва интихоботи вакилони Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллӣ пинҳонӣ мебошад. Ба назорат аз болои изҳори иродаи овоздиҳандагон роҳ дода намешавад. Бо усули пинҳонӣ гузарондани овоздиҳӣ дар интихобот бо роҳи андешидани чораҳои ташкилӣ кафолат дода мешавад. Овоздиҳӣ дар биноҳои махсус, ки дар он ҳуҷраҳои ҷиҳозонидашуда мавҷуд аст, гузаронида мешавад. Дар он ҷой барои супурдани варақаҳои интихобот муайян карда шуда, қуттиҳои интихобот гузошта мешаванд [4,с.14].

Дар ҳуҷраи овоздиҳӣ худи интихобкунанда варақаро пур карда ба қуттӣ мепартояд. Агар интихобкунанда имконияти варақаро пур кардан надошта бошад, метавонад шахси дигареро, ғайр аз аъзои комиссияи интихобот таклиф намояд. Пеш аз саршавии овоздиҳӣ раиси комиссияи интихобот қуттии овоздиҳиро мӯҳр мезанад ва баъди анҷоми он қуттиро дар ҳузури аъзоёни комиссия мекушояд. Агар интихобкунанда бо ҳолати саломатӣ ё сабаби дигар ба бинои овоздиҳӣ омада натавонад, бо хоҳиши ӯ комиссияи маҳаллии интихобот ба аъзоёни комиссия супориш медиҳад, ки дар ҷои истиқомати интихобкунанда овоздиҳиро гузаронанд.

Дар ин хусус дар рӯйхати интихобкунандагон қайд карда мешавад. Интихобкунандае, ки бо ягон сабаб ба руйхат дохил карда

нашудааст, бо пешниҳод кардани ҳуҷҷати шахсӣ, ки дар он ҷои истиқомат қайд ёфтааст, ба замимаи рӯйхати интихобкунандагои дохил карда мешавад. Мувофиқи қонунҳои интихобот тайёрӣ ва гузарондани интихоботи Раиси ҷумҳур ва вакилони халқ кушод ва ошкоро мебошад. Комиссияҳои интихобот дар хусуси кори худ, ташкили ҳавзаю маҳалҳои интихобот, ҳайат, ҷойи зист ва вақти кори комиссияҳо, рӯйхати интихобкунандагон, ҷамъбасти ба қайдгирии номзадҳо, маълумот дар бораи тарҷумаи ҳоли номзадҳои аз қайд гузашта, натиҷаи овоздиҳӣ нисбати ҳар як номзад ва ҷамъбасти интихобот ба шаҳрвандон маълумот медиҳанд.

Дар маҷлисҳои комиссияҳои интихобот, дар бинои овоздиҳӣ дар рӯзи интихобот ва дар ҳисобкунии овозҳо як намояндаи (мушоҳидачӣ) субъектони ҳуқуқӣ пешбарии номзадҳо, шахсони боваринок, намояндагони расонаҳои ахбори омма, ки ваколати онҳо дар ҳуҷҷати махсус тасдиқ шудааст, иштирок менамоянд. Дар хусуси намояндагони ваколатдори худ субъектони мазкур то панҷ рӯз пеш аз интихобот ба комиссияи ҳавзавии интихобот хабар медиҳанд[6, с.7].

Мудохилаи намояндагои ба рафти овоздиҳӣ ва фаъолияти комиссияҳои интихобот манъ аст. Аммо онҳо бо иҷозати раиси комиссия метавонанд саволҳо диҳанд ва ҷавоб талаб намоянд, ба вайронкунии қонуни интихобот диққати аъзоёни комиссия ва шахсони ҳузур доштаро ҷалб намоянд. Расонаҳои ахбори омма аз хусуси рафт тайёрӣ ва гузарондани интихобот бояд маълумоти объективӣ диҳанд.

Усули кушод ва ошкоро гузаронданн интихобот яке аз рукнҳои демократии интихобот буда, мухим аст, ки он моҳиятан риоя карда шавад. Дар маъракаи интихобот сифатҳои сиёсӣ, корӣ ва шахсии номзад ба вакилӣ бояд хеле чуқур ва объективона таҳлил гардад[2, с.16].

Мувофиқи моддаи 58-и Конститутсия вакили халқ ки дар Маҷлиси Олӣ доимӣ кор мекунад, наметавонад вазифаи дигареро иҷро кунад ва

фаъолияти соҳибкорӣ дошта бошад, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ. Дар асоси моддаи 68-и Конститутсия Раиси ҷумҳур наметавонад вазифаи дигарро иҷро намояд, вакили мақомоти намояндагӣ бошад, ба соҳибкорӣ машғул шавад. Қонунҳои интихобот муқаррар менамоянд, ки аъзоёни Ҳукумат, додрасҳо, додситони кулл ва додситонҳо, роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, муовинони онҳо, инчунин роҳбарон ва шахсони мансабдори бонкҳо, роҳбарони идораҳои дахлдори ҳокимияти иҷроия дар як вақт вакили Маҷлиси Олӣ ва Маҷлисҳои маҳаллӣ шуда наметавонанд.

Номзадии онҳо ба вакилӣ ҳамон вақт ба қайд гирифта мешавад, ки агар дар хусуси дар сурати иитихоб гардидан ба вакилӣ аз мансаб даст кашидан ариза пешниҳод намоянд. Инчунин дар қонун нишон дода шудааст, ки хизматчиёни касбии иттиҳодия ва ташкилотҳои динӣ ҳамчун номзад ба вакили халқ ба кайд гирифта намешаванд. Чунин меъёр ба моддаи 17-и Конститутсия дар хусуси баробарҳуқуқии шаҳрвандон сарфи назар аз эътиқоди динӣ мувофиқат намекунад. Ин маҳдудият беасос буда, зарур аст, ки он бекор карда шавад. Конститутсия муқаррар мекунад, ки шаҳрванди Тоҷикистон дар як вақт вакили зиёда аз ду мақомоти намояндагӣ буда наметавонад. Дар моддаи 2-и қонун дар бораи интихоботи Маҷлиси Олӣ низ чунин маҳдудият пешбинӣ шудааст. Мақсад аз муқаррар кардани чунин меъёр дар он аст, ки пеши ҳодисаҳои ба ҳайати ҳамаи мақомоти намояндагии ҳокимият вакил интихобшавии баъзе шахсон гирифта шавад. Ин чора бо мақсади гирифтани пеши роҳи кушиши Маҷлисҳоро ба мақомоти корношоям ва бесалоҳият табдил додан аст.

Адабиёт:

1. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурни Тоҷикистон. 1994, № 13
2. Ковлер А. И. Франция: партии и избиратели. М., 1984, с. 14-31 3

3. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистои. 1994, № 23-24, моддаи 444.
4. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1994, № 23-24.
5. Барняшев А. М. Теория разделения власти: становления, рювипк и применение. Томск, 1988.
6. Ковачев ДА. Механизм правотворчсства социалистического государства. М., 1977: Ковачев ДА. Законодателъкын процесс в европейсхих социаенстческих государствах. М.
7. Тихомиров ЮА. Теория эакона. М.. 1982, с. 179-221.
8. Пробдемы парламентсхого права России. Центр консгитуцнонный исследований Московского общественный научной фонда. М., 1966, с. 7 -23

АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ НИЗОМИ ИНТИХОБОТ

Аннотатсия. Дар замони муосир масъалаи интихобот яке аз масъалаи муҳим ва зарурӣ ба шумор меравад. Зеро давлатҳое, ки режими идоракуниашон демократӣ мебошад, масъалаи интихобот дар ҷойи аввал меистад. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки орзӯю омоли халқро дар раванди интихобот нишон диҳад ва андеша дорад, ки тамомияти арзӣ ва ҳуқуқу озодиҳои шахс дар раванди интихобот айён мегардад.

Калидвожаҳо: ҳуқуқ, низоми интихобот, Тоҷикистон, асосҳо, усулҳо.

ПРАВОВАЯ ОСНОВА ИЗБИРАТЕЛЬНОЙ СИСТЕМЫ

Аннотация. Автор исследует правовые основы избирательной системы. Автор анализирует избирательную систему Таджикистана и других стран и выявляет особенности системы страны.

Ключевые слова: закон, избирательная система, Таджикистан, основы, методы.

LEGAL FRAMEWORK FOR THE ELECTORAL SYSTEM

Anatatsion. The author examines the legal basis of the electoral system. And analyzes the electoral system of Tajikistan and other countries and identifies the specifics of the country's system.

Keywords: law, electoral system, Tajikistan, basics, methods.

ТАЪСИРИ КАСБИЯТИ ОМӮЗГОР ДАР ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОН

Боронова М. С.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Омӯзгор нафарест, ки барои ӯ ғановати маънавӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, рафтори шоиста, хулқу одоб, шарафу шарафнокӣ, некиву некбинӣ, ҳимматбаландӣ, хоксориву фурӯтанӣ, покию покизагӣ, ростиву парҳезкорӣ арзиши асос дорад. Омӯзгор бояд донад, ки инсони озод ва мустақил тариқи инкишофи қобилияти инфиродии худ тамоми умр ҳамчун шахс ташаккул меёбад ва ин сифатҳоро дар замири шогирдони худ тарбия менамояд. Барои расидан ба ин ҳадаф ӯро зарур аст, ки мунтазам баҳри андӯхтани дониши касбии худ машғул шавад.

Таҳлил ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки барои ба мартабаи омӯзгори шоиста сазовор гардидан барои ҳар муаллим зарур аст дар худ маҳорати педагогиро ташаккул диад. Омӯзгорро зарур аст, ки бо кӯшишҳои доимӣ, забони ширину гуворо, талаффузи равон шогирдонро ба дарс ҷалб намояд, шавқу ҳаваси хонандагонро ба фаъолияти эҷодӣ ва маърифатҷӯӣ бедор намояд.

Баррасии ташаккул ва инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорон ҳамчун раванди азхуднамоӣ ва тағйири арзишҳо мавриди диққати аксарияти муҳаққиқон ва педагогҳои машҳур қарор дода шудааст. Мувофиқи ақидаи мутахассисон, фаъолияти омӯзгорӣ бо се арзиши

меъёрӣ – шахсияти омӯзгор, фаъолияти педагогӣ, муносибати тарафайни шахсияти омӯзгор ва шахсияти хонанда муайян карда мешавад ва инкишофи фаъолияти педагогӣ бо инкишоф ва вазъияти ин ҳар се арзиш алоқаманд аст.

Раванди мубаддал гардидани арзишҳои меъёриву маънавиро ба арзишҳои шахсӣ метавон ба таври зерин шарҳ дод:

--дар аввал омӯзгор дорои як арзиш аст, ки бо арзишҳои меъёрии фаъолияти ӯ мувофиқ аст;

--дар давраи дуюм боз як арзиши дигар пайдо мешавад, ки ба ин восита дар ӯ ду арзиши меъѐриву маънавӣ фаъолият менамоянд;

--дар давраи сеюм ҳамаи арзишҳои меъѐрию маънавӣ ба арзишҳои шахсии омӯзгор мубаддал мегарданд. Вале он ҳама арзишҳои меъѐриву маънавии омӯзгор ба маънои томаш на дар ҳама ҳолат бо арзишҳои меъѐриву маънавии умумӣ мувофиқат менамояд, ки маҳз чунин вазъият восита ё худ сабаби ташаккул ва инкишофи маҳорати касбии омӯзгор мегардад.

Ба ҳам мувофиқат накардани меъёрҳо дар чунин ҳолатҳо ба миѐн меояд: агар яке аз арзишҳои меъёриву ахлоқӣ ба монанди шахсияти омӯзгор дар муносибат бо хонанда мувофиқат накунад, ё ин ки мундариҷаи арзишҳои меъёриву ахлоқӣ чун шаклҳои таҷассум намудан, дарк ва фаҳмиш ва ё таассуроту ҳиссиёт ба мундариҷаи арзишҳои шахсии омӯзгор мувофиқ набошад.

Номувофиқияти арзишҳои меъёриву ахлоқӣ ба арзищҳои омӯзгор ба паст рафтани самаранокии фаъолият, ба пайдо гардидани монеаҳо ва қатъ гардиҳои фаъолият дар ӯ оварда мерасонад. Ин ҳолатҳо омӯзгорро водор месозад, ки имконият ва воситаҳои ба ҳампайвандии арзишҳои берунӣ ва шахсиро ҷустуҷӯ намояд. Ин нуқта низ, яъне раванди ҷустуҷӯи имкониятҳо ва воситаҳои ташкили ҳамгиросозии арзишҳо, аз ҷумлаи моҳияти инкишофи салоҳияти касбии омӯзгор ба ҳисоб меравад.

Арзишҳо ба омӯзгор дар шакли эҳсосот низ дода мешавад аз ин лиҳоз, эҳсосот қисми ҷудонашавандаи ташкили ҳамгироии арзишҳо мебошад. Кор ва амал намудан дар заминаи эҳсосот имконият медиҳад, ки вазъи номутобиқатии арзишҳо ва мазмуну мундариҷаи онҳо, ки дар шакли маъно, муқаррарот ва намуна мавҷуданд, муайян карда шаванд. Ба ифодаи дигар, кор бо эҳсосот – заминаҳои асосии инкишофи салоҳияти касбии омӯзгор маҳсуб меёбад. Ва маҳз эҳсосот ба омӯзгор вазъи номувофиқатии арзишҳоро маълум менамояд ва ӯро водор месозад, ки он номувофиқатии арзишро дар ҳамгироияшон ҳаллу фасл намояд.

Маълум аст, ки фаъолияти омӯзгор дар ду маврид – дар доираи унсурҳои сохтории фаъолияти педагогӣ ва вазифаҳои фаъолияти педагогӣ амалӣ мегардад [1, с. 210].

Омӯзгор бояд қобилияти дӯст доштани кудаконро дошта бошад, онҳоро дарк намояд ва чи тавре ки онҳо ҳастанд бо бартариҳову камбудиҳояшон қабул намояд. Он омӯзгоре, ки дорои чунин ҳунарҳо набошад, ӯ шахсият ё тақдири касеро албатта, тақдири хонандаро намебинад.

Педагогҳои машҳур таъкид намудаанд, ки низому тартибот ба чубдасти «тарбия»и устод иртибот надорад. Талаботҳои доимӣ ва боандешаву дурандешона кудаконро даврa ба даврa ба ҳаёти мустақилона омода месозанд. Амалҳои солеҳ якҷо бо иродаи матину дили пур аз меҳру муҳаббат ва ҳавасмандкунандаи омӯзгор аст, ки бо гузашти вақти муайян кудаконро тарбият ва таълим менамояд. Аз ин хотир, зарур аст, ки дар раванди тарбия ба тарбиятгиранда бояд имконият дод, то тарбиятгиранда эҳсос намояд, ки, новобаста аз рафтор ва сифатҳои зоҳирӣ, устодон ба ӯ бо меҳру муҳаббат рафтор менамоянд.

Омӯзгор зимни фаъолияти касбӣ ва рафтори худ бояд бо кудакон бо эҳтиром муносибат намояд. Дар ин бобат омӯзгор на танҳо услуб ва шакли

муносибатро бо шогирдон муайян менамояд, балки ӯҳдадор аст, ки шахсияти онҳоро ҳифз ва эҳтиром намояд. Чунон ки Я. Корчаг қайд менамояд, ки «қади баланди инсон ин гувоҳи бартарии ӯ аз нафарони ӯро иҳотакарда нест» [4, с.210].

Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза дар мактабҳои кишвар чунин як эҳтироми тарбиятгиранда аз тарафи омӯзгор ба назар намерасад, ки, бешубҳа, ба самаранокии раванди таълиму тарбия таъсири манфӣ мерасонад. Ин ҳолат дар аксарияти мавридҳо дар шакли авторитарӣ (раво донистани ҳукми тарафайн) муносибати омӯзгор-тарбиятгиранда ба назар мерасад. Чунон чи гӯѐ хонанда ҳуқуқ дорад, ки ба дарс бе тайёрӣ биѐяд. Аз ин рӯ, дар бисѐр ҳолатҳо мавқеи беузр, беасос ва авторитарии (ҳукмравоӣ) омӯзгор нисбат ба хонандагон ба тайѐриҳои сусти мактаббачагон шарҳу эзоҳ дода мешавад. Бо вуҷуди ин дар асоси хулосаи педагогҳои машҳур омӯзгорро зарур аст, ки новобаста ба надонистани дарс ва тайёр набудани кӯдакон бо кудакон бо эҳтиром муносибат намояд.

Хонандаро тавассути методҳои маъмули педагогӣ бо истифода аз дониш ва меъёрҳои мавҷуда дар ниҳоди кудак ҳисси масъулиятшиносиро тарбия намояд. Ҷавобан ба ин ғамхориҳои устод хонанда бояд дар раванди таълимиву тарбия кӯшиш менамояд, ки донишҳоро аз худ намояд.

Ҳамчунин, таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки омӯзгори бадқаҳру хашмгин омӯзгори олӣ нест. Хашму ғазаб, норозигӣ, тундмизоҷӣ, нафрату адоват, агар ба пуррагӣ шуури педагогро тасарруф намоянд, дар ӯ бемориҳои рӯҳӣ, девонагӣ ва дигар ҳолату касалиҳои ба инҳо монанд пайдо мешаванд. Аз ин лиҳоз омӯзгори ояндаро зарур аст, ки ба нигоҳ доштани ҳиссиѐти манфии худ ва дар муддати кутоҳ тассали додани худро дар ҳолатҳои душвору мураккаб аз худ намояд.

Худназорат будан доиман қобилияти наранҷиданро дар ҳар гуна вазъияти мураккабу мушкил эҳё менамояд. Бояд тазаккур дод, ки дар

бобати нигоҳ доштани эҳсосот дар муносибатҳо психологҳо ва педагогҳои машҳур ақида ва ё фикрҳои ҷолиби диққат пешниҳод намудаанд. Масалан, Л. Фейхтвапген ҳушдор намудааст, ки «дар ҳолате, ки шумо ба касе қаҳру ғазаб доред, аз наздик шудан ба ӯ натарсед. Ба назди ӯ равед, таъзим намоед, оромона чизеро, ки аз ӯ ба шумо дарду алам меорад, гӯед. Беҳтарини Шумо ҳамон аст, ки якумин шуда, ба таъзим меояд»[11, с. 87].

Ҳамин тариқ, дар асоси таснифотҳои мухталиф, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки муносибат, пеш аз ҳама, алоқаи байни одамон аст, ки барои фаъолияти якҷоя зарурат дошта ва дар доираи чунин фазо таъсир расонидани як нафар ба нафари дигар амри вуҷуд пайдо мекунад. Ба ҷуз ин, муносибат раванди бисѐрсамтаест, ки метавонад дар як ҳолат ҳамчун раванди таъсиррасонии байниҳамдигарии одамон ва ҳамчун раванди иттилоотӣ истифода шавад. Ниҳоят, инсон таввасути муносибат ва è алоқаҳои тарафайн метавонад, дар худ ҷанбаҳои зеринро ташаккул диҳад:

- эътиқод, муносибат ва самтгириҳои арзишии ташаккулёфтаро, ки мавқеи иҷтимоиву маънавии ӯро муайян менамоянд;

- услуби рафторро дар муносибат вобаста ба алоқаҳои гуногунҷабҳа;

- кӯшиши амалӣ намудани мақсадҳои нақшавии худ ва хубсобикунӣ;

- нияти фаҳмидани нафари дигар, қабул намуданитаҷрибаи нав, омӯзиш, дарк намудан ва баҳогузории объективона;

- воситаи таъсиррасонии ташаккулёфта ба шарики ҳаммуносибати муҳоҷ ба ѐрӣ, талқин ва тақлид намудан [12,с. 231].

Дар воқеъ муносибати педагогӣ раванди бисёрсамтаи озмуни муқарарнамоӣ ва инкишофи коммуникатсия, якдигарфаҳмӣ, инчунин, таъсири тарафайни байни омӯзгор ва хонандагон аст, ки аз мақсад ва мундариҷаи фаъолияти якҷояи онҳо бармеояд [10,с.157]. Аз ин хотир, муҳаққиқон ва педагогҳои машҳур қайд менамоянд, ки муносибат ин моҳият, асос ва методи интегралии тарбия ба ҳисоб меравад. Муносибати

педагогӣ аз ҷумлаи ҷанбаҳои боғановату пурмаҳсул ҳисобида мешавад, ки натиҷаи он боиси ғанӣ гардидани маънавиёти ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда мегардад. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки чунин амал дар сурате имконпазир мегардад, ки агар педагог мавқеи субъектро ишғол намуда, ба тарбиятгиранда низ ҳамчун ба субъект муносибат намояд, ки ин нуқта дар асоси критерияҳои зерин муайян карда мешавад:

- аз тарафи педагог эҳтиром гардидани ҷаҳони маънавии хонанда ва эътирофи ҳуқуқи норозигии ӯ ба омӯзгор;
- шавқу ҳавас ба ҷаҳони хонанда ва шарик будан ба вазъияти ӯ, изҳори хурсандӣ намудан дар мавриди муваффақият ва ҳамдардӣ намудан дар мавриди нокомиҳои хонанда;
- қабул намудани фардияти хонанда ҳамчун арзиш, ки он сифатҳо танҳо ба ӯ тааллуқ доранд. Албатта, чунин муносибат намудани омӯзгор ба хонанда дар доираи сатҳи инкишофи салоҳияти педагогии омӯзгор сурат мегирад. Умуман, хусусиятҳои асоси ва ҳаммусбати муносибати педагогӣ нақши волоро дар фаъолияти омӯзгор бозида, қобилияти коммуникативии ӯро намоиш медихад. Аз нуқтаи назари ҷанбаҳои этикии муносибат, дар ин ҷода диққати асосӣ ба ҳамон вазифаҳое равона карда мешавад, ки дар ташаккули салоҳияти муносибатҳо нақши боризро доро бошанд. Ва он вазифаҳо нуқтаҳои зеринро дар бар мегиранд:
- ба муносибат ҷалб намудани кӯдак, бедор намудани хоҳиши ӯ ба муносибат, бартараф намудани фишорвариҳои психологӣ, бартараф намудани тарсу ваҳм дар назди ҳодисот, бовар кунонидани хонанда дар интихоби озоди хелҳои муносибат (танҳо дар асоси меъѐрҳои маънавӣ), баланд бардоштани худбаҳодиҳӣ ва боварӣ ба худ, бовар кунонидани хонанда нисбат ба муносибати мусбии омӯзгор ба ӯ;
- «шарики»-и кудак дар раванди муносибат, дастгирии хонанда дар доираи кӯшишҳои ӯ ба муносибат, ба худ гирифтани як қатор мушкилиҳо, ёрӣ

расонидан ба тарбиятгиранда, зоҳир намудани шавқу рағбати ӯ ба ҷаҳони дохилии худаш;

- «болобардори»-и кудак ё худ таърифкуниҳо. Дар раванди чунин муносибати тарафайн ба хонанда муяссар мегардад, ки чунин фарҳанги этикии муносибатро нигоҳ дошта, ба шарофати кӯшишҳои маънавӣ ва ҷисмониаш ба арзишҳои нави маънавӣ ворид гардад, ки дар ҳамин замина сифатҳои маънавии шахсият дар ӯ ташаккул меёбад [15, с.154].

Амалӣ гардидани ин вазифаҳо, албатта, боз ҳам аз қобилияти амалии касбии омӯзгор вобаста аст, ки ба самаранокии раванди таълиму тарбия таъсири назаррас хоҳад расонд. Боиси қайд аст, ки омӯзгор ҳамеша ва ҳаматарафа кӯшиш менамояд, ки муносибати ӯ бо хонандагон самаранок бошад. Дар ин бобат таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои таъмин намудани самаранокии муносибати омӯзгор як қатор критерияҳо мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки, тахминан, онҳоро метавон дар чунин қолабҳо тарҳрезӣ намуд:

- донистани қонуниятҳои асосии муносибат;
- донистани сохтори муносибат, хусусиятҳои амалӣ намудани вазифаи коммуникативӣ, интерактивӣ ва идрокии муносибат;
- донистани методикаи муносибат ва муносибатҳои байнишахсӣ;
- донистани талаботҳои психологиву педагогӣ ва этикӣ, барои ташкили муносибати педагогӣ бо хонанда. Ҳамчунин, принсипҳои ахлоқии муносибати педагогӣ дар худ яке аз шаклҳои шуури этикии педагогро таҷассум менамоянд. Чунки дар он принсипҳо талаботҳои умумигардонидашудаи салоҳияти муносибати педагог бо хонандагон инъикос меёбанд. Принсипҳои муносибати педагогиро мақсадҳои тарбия муайян менамояд ва дар асоси ҳамон мақсадҳо муносибати педагог ва хонандагон дар мадди назар қарор дода мешавад.

Дар ин бобат метавон чунин принсипҳоро махсусан номбар кард:

- принсипи ғайризӯрӣ;
- принсипи баробарии муносибатҳои тарафайн;

- принсипи эҳтироми меҳнати маърифатии хонанда;
- принсипи эҳтироми бемуваффақияти кӯдак;
- принсипи эҳтироми кори душвор ва ё мураккаби инкишоф;
- принсипи эҳтироми мустақилияти хонанда;
- меҳру муҳаббат зимни табассуму сарҷунбониҳо ифодакардаи тарбияткунанда ба тарбиягиранда;
- серталабӣ ва эҳтироми самимона доштан ба хонавода;
- принсипи такя намудан ба ҷиҳатҳои мусбии хонанда;
- принсипи созишкорӣ дар ҳалли масъалаҳои баҳснок [14, с. 324].

Қайд намудан зарур аст, ки ин принсипҳои аз тарафи педагогҳои машҳур амалан мавриди истифода қарор дода шуда,зимни онҳо далелҳои бадастомада низ баррасӣ шудаанд. Чунончи Л.В. Калашникова дар рисолаи «Психологияи меҳнати омӯзгор» механизми психологии муносибати педагогии мувофиқро мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки дар ҷараёни он як идда вазифаҳои психологӣ-педагогӣ ба иҷро оварда мешаванд. Масалан, дар ин бобат Л. В. Калашников амалишавии чунин вазифаҳоро дар назар дорад:

- инкишофи асосҳои сабабияти рафтор ва фаъолият;
- ташаккули муносибати эҷодӣ ба навъҳои гуногуни фаъолият;
- ташаккул ва инкишофи шахсияти хонанда. [8, с.28].

Ҳамин тариқ, омӯзгор дар раванди муносибат ва робита бо хонандагон донишҳои худро оид ба шахсияти кӯдак васеъ намуда, бо роҳҳои мухталиф ва ё гуногун хонандагонро дар ин ё он вазъият қабул ва баҳогузорӣ менамояд, ки ин ҳама ба ташаккули муносибатҳои эмотсионаливу байнишахсии хонандагон ва омӯзгор нақши назаррас мебозад.Умуман, дар шароити имрӯза дар ҳолати пайдо гардидани ҳиссиёти нафрату адоват нисбат ба хонанда, ки омӯзгор бо ӯ аз нигоҳи танқидӣ, аз рӯи ғараз муносибат намуда, ҷиҳатҳои мусбии рафтори ӯро нодида мегирад, дар ниҳояти кор чунин таваҷҷуҳи манфӣ дар доираи ташкил намудани раванди муътадили таълиму тарбия ва таъмин

намудани самаранокии ин раванд ҳатман таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҷумла, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксарияти ҳолатҳои пайдо шудани таваҷҷуҳи манфӣ зарурати нохуше пеш меояд: яъне, омӯзгор бояд иваз карда шавад. Чунки чунин омӯзгор, мувофиқи назарияҳои мавҷудаи педагогӣ, ба талаботҳои умумии психологиву педагогии салоҳияти педагогӣ ҷавобгӯ намебошад, аз ин рӯ бояд ба фаъолияти дигар гузарад, ё ин ки бо истифода аз методҳои гуногуни психологӣ худнигоҳдории эҳсосотро омӯзад.

Адабиёт:

1. Архангельский С.И. Учебный процесс в высшей школе, его закономерные основы и методы. М., 1980.
2. Журавлев В. И. Основы педагогической конфликтологии. - М., 1995.
3. Конюхов Н. И. Словарь-справочник по психологии. - М., 1996.
4. Корчак Я. Избранные педагогические произведения / Я. Корчак; Пер.с пол. К.Э. Сенкевич. - М.: Педагогика, 1979. - 474с.
5. Краткий психологический словарь / Сост. Карпенко Л.А.; под ред. Петровского А.В., Ярошевского М.Г.. - М.: Политиздат, 1985. - 431 с.
6. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. –Душанбе, 2017. 88с.
7. Мнацаканян Л. И.Личность и оценочные способности старшеклассников. - М.: Просвещение, 1991.
8. Натанзон Э. Ш.Психологический анализ поступков ученика. -М.: Просвещение, 1991.
9. Педагогика: Учебное пособие / Сластенин В.А., Исаев И.Ф., Шиянов Е.Н.- М.: Академия, 2002.- 576 с.

10. Педагогика: Учебное пособие для студентов педагогических учебных заведений /Сластенин В.А., Исаев И.Ф., Мищенко А.И., Шиянов Е.Н. М.: Школа-Пресс, 1998.
11. Попов Л. А. Этика: Курс лекций. - М.: Центр, 1998.
12. Смирнов В. И. Общая педагогика в тезисах, дефинициях, иллюстрациях. - М.: Педагогическое общество России, 1999.

МАҚОМИ ТАЪСИРИ КАСБИЯТИ ОМӮЗГОР ДАР ТАШАККУЛИ ХОНАНДАГОН

Аннотатсия. Муаллиф дар мақолаи худ баррасии ташаккул ва инкишофи салоҳияти касбии омӯзгоронро ҳамчун раванди азхуднамоӣ ва тағйири арзишҳо қарор додааст. Раванди мубаддал гардидани арзишҳои меъёриву маънавиро ба арзишҳои шахсӣ метавон ба таври зерин шарҳ дод: дар аввал омӯзгор дорои як арзиш аст, ки бо арзишҳои меъёрии фаъолияти ӯ мувофиқ аст. Дар давраи дуюм боз як арзиши дигар пайдо мешавад, ки ба ин восита дар ӯ ду арзиши меъёриву маънавӣ фаъолият менамоянд. Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ касро ба хулоса меоварад, ки эмпатияи хайрхоҳӣ асосан хоси хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад, вале эмпатияи ҳамдардӣ ба синфҳои болоӣ хос аст.

Калидвожаҳо: инкишоф, омӯзгор, азхуднамоӣ, машҳур, шахсӣ, мувофиқ, ҳамдардӣ, восита.

ВЛИЯНИЕ ПРОФЕССИИ УЧИТЕЛЯ В ФОРМИРОВАНИИ УЧЕНИКОВ

Аннотация. В своей статье автор рассматривает формирование и развитие профессиональной компетентности учителей как процесс усвоения и изменения ценностей, которому уделяют внимание многие известные исследователи и педагоги.

Процесс трансформации нормативных и моральных ценностей в ценности личности можно объяснить следующим образом: во-первых, у учителя есть ценность, соответствующая нормативным ценностям его работы. На втором этапе есть еще одна ценность, через которую проходят две нормативные и моральные ценности. Анализ научных источников показывает, что сочувствие чаще встречается у учеников начальной школы, но сочувствие чаще встречается в старших классах.

Ключевые слова: развитие, учитель, мастерство, известные, личные, уместные, эмпатия, инструмент.

IMPACT OF THE PROFESSION OF TEACHER IN THE FORMATION OF STUDENTS

Anatatsion. In his article, the author discusses the formation and development of professional competence of teachers as a process of assimilation and change of values, which is the focus of many well-known researchers and educators.

The process of transformation of normative and moral values into personal values can be explained as follows: First, the teacher has a value that corresponds to the normative values of his work. In the second stage there is another value, through which there are two normative and moral values.

An analysis of scientific sources suggests that empathy is most common in primary school students, but empathy is more common in upper grades.

Key words: development, teacher, mastery, famous, personal, appropriate, empathy, tool.

ФУНКЦИОНАЛЬНО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ АСПЕКТМЕТА ФОРИЧЕСКОГО ПОЛЯ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Гулямов Х. К.

Институт технологии и инновационной тменеджмент в городе Куляб.

Согласно А. Ричардс, парафразы практически всегда неудачны не потому, что у метафоры отсутствует особое когнитивное содержание, а потому, что «полученные неметафорические утверждения не обладают и половиной проясняющей и информирующей силы оригинала. Я особенно хочу подчеркнуть, что в данном случае речь идет о потерях в когнитивном содержании. Недостатки буквальной парафразы заключаются не в ее утомительном многословии, чрезмерной эксплицитности и дефектах стиля, а в том, что она лишена того проникновения в суть вещей, которое свойственно последней» [2 , с. 44-67].

Из вышеизложенного следует, что в обычном взгляде на метафору есть натяжка. С одной стороны, в нем есть стремление думать, что метафора служит чему-то такому, что невозможно для обычных высказываний, с другой стороны — стремление объяснить метафору в терминах когнитивного содержания, которое составляет цель и смысл тех же самых обычных высказываний. Пока мы остаемся в рамках этой теории, продолжает А. Ричардс, нам все время будет казаться, что эта цель достижима или по крайней мере возможно весьма близкое приближение к ней [2: с. 44-67].

Существует простой выход из этого тупика: мы должны отказаться от мысли, что метафора несет какое-то содержание или имеет какое-то значение, кроме, конечно, буквального. Все теории, рассмотрением которых мы занимались, неправильно понимают свою цель. Они выдают за метод расшифровки скрытого содержания метафоры то воздействие, которое она оказывает на нас. В настоящей статье мы рассматриваем

функционально-семантическую особенность метафорических выражений и элементов двоякого толкования, которые участвуют в смысловом развертывании текста.

Приведем пример на материале таджикского языка:

“Ки, эй шердил, гурди гарданфароз.... Нахоҳад касе, к-ӯ бувад паҳлавон.Касеро расад гурдиву сарварӣ, Ки Меҳри фалакро кунад Муштарӣ. Ту, эй шердил, меҳтари девбанд,Зи меҳри кӣ гаштӣ чунин мустаманд?На расми ҷаҳонгириву сарварист, Ки аз меҳри моҳе бибояд гирист,Туро хонд фарзанд Афросиеб, Туӣ сарвар имрӯз бар хушку об” (Фирдавсӣ, 2, 246) –

“Сухрабу мудрый так сказал Хуман: “О гордый, с львиным сердцем пахлаван! В былое время витязь с лучшим другом Почел бы жар, пылающий в крови, И опьяненье от вина любви. Ты – лев могучий, ты от льва рожден, - И ты – о, стыд! – любовью поражен? Тебя царем Афрасияб нарек, Назвал владыкой гор, морей и рек” (перевод В. Державина).

В данном контексте ядерная метафора: Ту – шердил; ты – лев вводится конструкцией: гурди гарданфароз – храбрый, отважный пахлаван.

К метафорическим выражениям относятся: шер – лев, шердил – львиное сердце, гурди гарданфароз - храбрый, сарвар бар хушку об – владыка гор, морей и рек.

Элементами двоякого толкования являются следующие конструкции: туро хонд фарзанд Афросиеб – ты назван сыном Афрасияба (Тебя царем Афрасияб нарек); туӣ сарвар имрӯз бар хушку об – владыка ты морей и гор и рек.

Метафорическое выражение шер – лев совпадает с обозначающим ядерной метафоры: ту – шердил; ты – лев и потенциально вызывает целый ряд импликаций – ассоциаций с обозначающим. Очень часто слово шер – лев в метафорическом значении «смелый, храбрый» используется при

характеристике героев и богатырей (в данном случае Рустам сравнивается со львом).

Композиты гурди гарданфароз - храбрый, сарвар бар хушку об – владыка гор, морей и рек являются признаками обозначающего. Данные метафорические выражения конкретизируют признаки, которые в процессе развертывания текста приписываются обозначаемому – человека – Рустаму, переносятся на него. Происходит своего рода “наложение” этих признаков на соответствующие признаки обозначаемого.

Элементы двоякого толкования: туро хонд фарзанд Афросиеб – ты назван сыном Афрасияба (Тебя царем Афрасияб нарек); туӣ сарвар имрӯз бар хушку об – владыка ты морей и гор и рек описывают признаки, которые присущи как обозначаемому, так и обозначающему. Можно отметить, что это признаки, выводящие механизм метафоры на поверхность, указывают на реальное сходство объектов и служать основой метафоризации.

Следовательно, элементы двоякого толкования в тексте, с одной стороны, создают общий контекст, то есть “спасивают” текст, с другой стороны, поддерживают семантическую двуплановость, присущую метафоре.

Приведем пример на материале английского языка:

“But tell me: what was that devil’s toy you used on the cocky young brave? It amazed me”.

Hamilton looked pleased and displayed his new weapon. Mordan looked it over. “Oh, yes,” he said, “a simple heat engine burning a nitrate fuel. I think I have seen its pattern, have I not, on display at the Institution?”

Felix acknowledged the fact; a little crestfallen that Mordan was so little surprised at his toy. But Mordan made up for it by discussing in detail with apparently, lively interest the characteristics and mechanism of the machine. “If I were a fighting man, I would like to have one like it,” he concluded” (Heinlein R.

Beyond This Horizon, 158) – “Но скажите мне: что это за дьявольская игра, которую вы затеяли против молодых и дерзких? Меня это поразило».

Гамильтон выглядел довольным и показал свое новое оружие. Мордан посмотрел на него. «О, да, - сказал он, - простой тепловой двигатель, сжигающий нитратное топливо. Кажется, я видел его образец, не так ли, на выставке в Институте?

Феликс признал тот факт; немного смутившись, что Мордан не был сильно удивлен его игрушкой. Но Мордан воспользовался этим, чтобы подробно обсудить, заинтересовавшую его механизм машины. «Если бы я был бойцом, я бы хотел, чтобы он был таким, - закончил он”.

Ядерной метафорой в данном тексте является: weapon is a toy – оружие - игрушка, и оба композита вербализованы в тексте.

Метафорические выражение с лексемой toy – игрушка совпадают с ядерной метафорой: devil’s toy; weapon is a toy.

Элементы двоякого толкования мы разделили на следующие две группы: a simple heat engine burning a nitrate fuel; its pattern; the characteristics; machine. Данные элементы обозначают признаки, которые присущи как оружию, так и механической игрушке, также они явно отражают связь двух элементов метафоры. Следовательно, функция данных элементов указанной группы – подтвердить категоризацию объектов, данную метафорой.

Во вторую группу мы включили элементы, которые выявляют ассоциативную связь двух понятий. Они обозначают факультативные, второстепенные признаки - в данном случае, определенное отношение к чему-либо. Сюда мы включили: It amazed me; looked pleased and displayed his new; a little crestfallen that (Mordan) made up for it by discussing in detail with, apparently, lively interest…. Данные элементы передают скрытый смысл, который следуют понимать так: мужчины, словно дети, восхищаются новым и удивительным игрушка.

Таким образом, элементы двоякого толкования первой группы обозначают признаки, которые объективно присущи обозначаемому и обозначающему метафоры. Элементы второй группы выражают субъективные признаки объектов, которые втягиваются в метафорическое поле и занимают его периферию.

Поэтому до того, как приступить к грамматическому или семантическому анализу текстов, необходима процедура, называемая катализ, то есть дополнение эмпирических текстов. Если в тексте отсутствуют указания, позволяющие реконструировать его полный вариант, то анализ нельзя довести до конца [6, с. 82-109].

Литература:

1. Ахманова, О. С. Очерки по общей и русской лексикологии [Текст] / О.С. Ахманова. – М.: Учпедгиз, 1957. – 295 с.
2. Ричардс, А. Философия риторики // Теория метафоры [Текст] / А. Ричардс. – М.: Прогресс, 1990. – С. 44 – 67.
3. Русско-таджикский словарь [Текст] / под ред. М.С. Асимова. – М.: Русский язык, 1985. – 1279 с.
4. Таджикско-русский словарь [Текст] / под ред. Л.В. Успенской, М.В. Рахими. – М.: Просвещение, 1963. – 1215 с.
5. Телия, В.Н. Коннотативный аспект семантики номинативных единиц [Текст] / В.Н. Телия. – М.: Наука, 1988. – 142 с.
6. Уилрайт, Ф. Метафора и реальность // Теория метафоры [Текст] / Ф. Уилрайт. – М.: Прогресс, 1990. – С. 82–109.
7. Ortony, A. Interpretating metaphors and idioms // J. Verbal Learning and Verbal Behavier, 1978.
8. Trier J. Deutsche Bedeutungsforschung // Germanische Philologie, Ergebnisse und Methoden. – Behaghel – Heidelberg, 1934. – P. 173–200.

ҶАНБАҲОИ ФУНКСИОНАЛӢ– СЕМАНТИКИИ МАЙДОНИ МАҶОЗИИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои функционалӣ – семантикии ифодаҳои маҷозӣ ва таркибии духела тафсиркунӣ дида мешавад.

Муаллифи мақола чунин мешуморад, ки аз нуқтаи муқарарӣ ба ифодаҳои маҷоз номафҳумӣ вуҷуд дорад. Ин аз як тараф барои рушан нагаштани ифодаҳои маҷозӣ, аз тарафи дигар – кӯшиши баёни ифодаҳои маҷоз дар истилоҳи мазмуни маърифатӣ мусоидат менамоянд.

Ба ҳар сурат ба ақидаи муаллиф роҳи аз ноилоҷӣ баромадан ҷой дорад. Бояд аз ақидае, ки ифодаҳои маҷоз ким чи хел мазмун медарорад ё ин, ки мазмунеро дорост, ғайр аз маънои аслӣ, даст кашем. Ҳама назарияҳо, ки муаллиф ба таҳлили онҳо машғул буд, мақсади худро нодуруст мефаҳманд.

Муаллиф боварии қатъӣ дорад, ки то дами шурӯъ кардан ба таҳлили грамматики ё семантики матнҳо, тартибе зарур ҳаст, ки катализ, яъне иловашавии матнҳои эмпирикӣ ном дорад. Агар дар матн ишорае вуҷуд надошта бошад, ки имконияти таҷдиди вариантҳои вайро дошта бошад, таҳлилро то ба охир расонидан мумкин нест, аммо ҷузъиёти ду намуд шарҳдиҳӣ хусусиятеро мефаҳмонанд, ки ба майдони маҷозӣ кашида мешаванд ва макони музофотиро ишғол мекунанд.

Калидвожаҳо: хусусият, маъно, матн, нигоҳ, оддӣ, таркиб, хизмат мекунад, истилоҳ, баён, мақсад, мазмун, катализ

ФУНКЦИОНАЛЬНО-СЕМАНТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ МЕТАФОРИЧЕСКОГО ПОЛЯ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Аннотация. В настоящей статье рассматривается функционально-семантическая особенность метафорических выражений и элементов

двоякого толкования, которые участвуют в смысловом развертывании текста.

Автор данной статьи считает, что в обычном взгляде на метафору есть натяжка. С одной стороны метафора служит чему-то такому, что невозможно для обычных высказываний, с другой стороны — стремление объяснить метафору в терминах когнитивного содержания, которое составляет цель и смысл тех же самых обычных высказываний. По мнению автора, существует простой выход из этого тупика: мы должны отказаться от мысли, что метафора несет какое-то содержание или имеет какое-то значение, кроме буквального. Все теории, рассмотрением которых автор занимался, неправильно понимают свою цель. Автор уверен, что до того, как приступить к грамматическому или семантическому анализу текстов, необходима процедура, называемая катализ, то есть дополнение эмпирических текстов. Если в тексте отсутствуют указания, позволяющие реконструировать его полный вариант, то анализ нельзя довести до конца, а элементы двоякого толкования обозначают признаки, которые втягиваются в метафорическое поле и занимают его периферию.

Ключевые слова: особенность, смысл, текста, взгляд, обычный, элемент, служит, термин, объяснение, цель, содержание, катализ

FUNCTIONAL-SEMANTIC ASPECT OF THE METAPHORICAL FIELD OF ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Anatatsion. This article discusses the functional-semantic feature of metaphorical expressions and elements of double interpretation that are involved in the meaningful unfolding of the text. The author of this article believes that in the ordinary view of the metaphor there is a stretch. On the one hand, the metaphor serves something that is impossible for ordinary utterances, on the other hand, the desire to explain metaphor in terms of cognitive content, which is the purpose and meaning of the same ordinary utterances. According to the

author, there is a simple way out of this impasse: we must abandon the idea that the metaphor carries some content or has any meaning other than the literal one. All the theories that the author has dealt with, misunderstand their purpose. They pass for the method of deciphering the hidden content of the metaphor of the impact that it has on us.

The author is confident that before proceeding to the grammatical or semantic analysis of texts, a procedure called catalysis, that is, the addition of empirical texts, is necessary. If there are no instructions in the text that allow reconstructing its full version, then the analysis cannot be completed, and elements of double interpretation designate signs that are drawn into the metaphorical field and occupy its periphery.

Keywords: feature, meaning, text, look, ordinary, element, serves, term, explanation, purpose, content, catalysis

ТАДҚИҚОТҲОИ МАТЕМАТИКҲОИ БАРҶАСТАИ ТОҶИК ВА ТАДБИҚИ БАЪЗЕИ ОНҲО ДАР САНОАТИКУНОНИИ КИШВАР

Убайдуллои А., Чолова С.П.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Тараққиёти ҷаҳони муосирро бидуни масъулияти олимони соҳаи математика тасаввур намудан имконнопазир аст. Маҳз,олимони математика метавонанд, навгониҳои илмро кашф намуда, онро дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар амал тадбиқ намоянд ва дар рушду тараққиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳмгузор бошанд.

Ҳамин тариқ, мо қисми зиёди олимон–математикони тоҷикро медонем, ки дар тараққӣ бахшидани илм саҳми беназир гузошта, ҳамчун муҳаққиқони оламшумул эътироф гардидаанд. Яке аз чунин олимоне, ки тадқиқотҳояш дар сатҳи ҷаҳонӣ эътибор ва нуфузи хоса

пайдо намудаву асарҳои илмияш дар аксар давлатҳои дунё бо забонҳои гуногун тарҷума ва нашр гардидаанд, доктори илҳои физика-математика, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Михайлов Леонид Григориевич–асосгузори илми математика дар Тоҷикистон оид ба «Муодилаҳои дифференсиалӣ бо нуқтаҳои сингулярӣ» мебошад, ки дар давоми фаъолияти кориаш 12 нафар докторон ва 29 нафар номзадҳои илмро тайёр намудааст. Соҳаи илми математика, ки академик Л.Г.Михайлов дар Тоҷикистон асос гузоштааст, дар тамоми дунё ҳамчун як соҳаи афзалиятноки илмҳои дақиқ эътироф карда мешавад.

Яке аз шогирдоне, ки устод Михайлов Л.Г дар тайёр намудани кори доктории он роҳбарӣ намудааст, профессор Акбаров Раҳмат Акбарович мебошад, ки дар мавзӯи «Масъалаҳои канорӣ барои функсияҳои аналитикӣ ва аналитикии умумишуда бо сарбории аъзои озод ва шартҳои иловагӣ», ки дар ин кор масъалаҳои канории Риман, Гилберт, Газеман ва ғайраҳоро тадқиқ намуда, дар ин соҳа навигариҳо дохил намудааст. Вай барои мактабҳои олӣ чор ҷилди китоби дарсиро бо номи «Математикаи олӣ» таълиф намуда, дар он тамоми қисмҳои таҳлили математикиро ҷой додааст ва он аз ҳамаи он китобҳое, ки дигар муаллифон бо ин ном таълиф намудаанд, ба куллӣ тафоввут дорад.

Инчунин, профессор Акбаров Р.А. дар тарбияи олимони ҷавони соҳаи математика бешак саҳм гузоштаанд. Эшон баъди оне, ки курси аспирантураро ба анҷом расонида, ба Донишкадаи давлатии омӯзгории ш. Кӯлоб (ҳозира ДДК ба номи А.Рӯдакӣ) барои идомаи фаъолияти илмӣ – омӯзгорӣ баргаштанд, як гурӯҳ муҳаққиқони ҷавонро барои таҳсил дар аспирантура ба Федератсияи Руссия фиристоданд, ки А. Абдулазизов, С. Зарипов, С. Тағайназаров ва О. Ҷураев аз ҷумлаи онҳоянд.

Дар даврони истиқлолият низ нақши устод Акбаров Р.А дар тарбияи олимон-муҳаққиқони ҷавони соҳаи математика дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бориз ҳисобида мешавад.

Дар ин давра бо кумаку дастгирӣ ва тавсияҳои профессор Р.А.Акбаров дотсент Хидиров Х.С низ дар илм қадам гузошта, муваффақияти калон ба даст овардааст. Ҳамин хел, ӯ санаи 23-юми феврали соли 2011 зери роҳбарии академик Л.Г.Михайлов бомуваффақият рисолаи номзадӣ дифоъ намудааст ва айни замон тадқиқоти худро барои дастрас намудани дараҷаи илмии доктори илмҳои физика ва математика дар мавзӯи «Системаи муодилаҳои дифференсеалӣ бо сарбории аъзои озод ва шартҳои иловагӣ» идома дода истодааст. Устод Р.А.Акбаров дар корҳои илмӣ–тадқиқотии қисме аз муҳаққиқони ҷавон, ба мисли Мирзоев Ҷ., Ҷураев К., Каримова Н., Кӯлобиев М. роҳбарӣ мекарданд. Аммо барои ба итмом расонидани онҳо умр бевафогӣ карду устод Р.А.Акбаров 10-уми сентябри соли 2016 ҷаҳони фониро падрӯд гуфтанд.

Дигар шогирде, ки мактаби математикии Л.Г.Михайловро сарбаландона гузашта, ҳамчун олими машҳури соҳаи математика дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст, доктори илмҳои физика-математика, профессор, академики АИ Тоҷикистон Нусрат Раҷабов мебошад, ки асарҳои илмияш дар сатҳи ҷаҳонӣ нуфуз пайдо намуда, бо забонҳои гуногуни дунё тарҷума ва нашр гардидаанд. Профессор Нусрат Раҷабов бениҳоят олими сермаҳсул буда, тадқиқоти худро дар самте, ки Л.Г.Михайлов дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи математика асос гузоштааст, равона мекунад. Дар тӯли фаъолияти илмии худ Профессор Нусрат Раҷабов чандин нафар докторон ва номзадҳои илми физика ва математикаро дар дохил ва хориҷи кишвар тарбия ва тайёр намудааст. Нақши дар рушду такомули илми

математика дар он аст, ки баъди ба итмом расонидани кори докториаш дар якчанд Шӯроҳои диссертатсионӣ ки дар самти «Муодилаҳои дифференсиалӣ» таъсис дода шуданд, ба ҳайси аъзои он Шӯроҳо пазирӯфта шудааст.

Имрӯз устод дар синни мубораки 80-солагӣ қарор доранд ва ҳоло ҳам барои ривоҷ додани илми математика дар самти муодилаҳои дифференсиалӣ кӯшиш ба харҷ дода истодааст. Айни ҳол устод Шӯрои диссертатсионии ДМТ –ро дар самти «Муодилаҳои дифференсиалӣ» роҳбарӣ карда истодааст, ки имрӯзҳо дар он олимони ҷавони соҳаи математика рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ худро дифоъ карда истодаанд. Шогирдони Н.Раҷабов бо ифтихору сарфарозӣ бо номи устоди хеш мефахранду ифтихор мекунанд ва бо сарфарозӣ пешаи устоди хешро идома мебахшанд. Ҳамин тавр шогирдони дигари Н.Раҷабов номзади илмҳои физика-математика, дотсенти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Шамсудинов Файзуллоро метавон ном бурд, ки ба ҷавонии худ нигоҳ накарда, дар тақвият бахшидани корҳои илмии дар самти «Муодилаҳои дифференсиалӣ бо нуқтаҳои регулярӣ» саъю талошҳои беназир менамояд. Аллакай дар синни ҷавонӣ Ф.Шамсудинов ҳамчун муҳаққиқи соҳаи математика эътироф гардида, тадқиқоташ дар сатҳи ҷаҳонӣ нуфузу эътибори ба худ хос пайдо намудааст ва профессор Н.Раҷабов низ бо номи чунин шогирдонаш мефахраду худро дар ҳалқаи онҳо сарфароз меҳисобад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёданд математикони бузурге, ки ба монанди академик Михайлов Л.Г. дар самти пешаи интихобнамудаи худ муваффақ гардида. Дар ин қатор бо ифтихор номи муҳаққиқони барҷастаи соҳаи математика Тимуров С., Илолов М., Ҷангибеков Г., Шабозов М., Усмонов З., Исҳоқӣ М. Муртазоев А., Усмонов Н. Юнусӣ М.Қ., Ҳасанов Ю., Сафаров Ҷ.Х., Комилов А.Ш., Раҳмонов З., Табаров А.Ҳ. Ҷумъабой Сафаров., –ро мисол овардан мумкин аст, ки

тадқиқотҳояшон нуфузу эътибори ҷаҳонӣ пайдо намуда, баъзе корҳои онҳо дар амалия тадбиқ ёфта истодаанд. Олимони математика дар Тоҷикистон дар қатори дигар математикони дунё мақоми махсусро ишғол менамояд. Моделсозиҳои математикӣ, ки дар тадқиқоти Юнусӣ М.Қ. дарҷ гардидаанд, дар баъзе соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи хуб дода истодааст. Масалан, дар зиёд намудани шумораи ҳайвоноти мамнӯъгоҳҳои Тоҷикистон, системаи моҳипарварӣ, идора намудани иқтисодиёти баъзе корхонаҳо.

Барои ба эътидол овардани ҷараёни дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохтани обанборҳои сунъӣ, мустаҳкамии онҳо он моделҳое, ки математикони ҳозираи тоҷик сохтаанд, аҳамияти муҳиман калон доранд. Умуман, тараққиёти Тоҷикистон ва беҳтаршавии некуаҳволии мардуми онро бе ихтироъ намудани навгониҳои илмҳои табиию риёзӣ тасаввур намудан мумкин нест.

Ҳамин тавр, дар самти методикаи таълими математика тадқиқотҳои олимони тоҷик, ба монанди М.Нӯъмонов, Ҷ.Шарифов, И.Н.Ғуломов, В.П. Пазина, М.Шодиев, Т.Шукуров, А.Пирназаров ва дигаронро метавон номгир кард, ки бешубҳа дар инкишофи донишҳои математикии хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорони фанҳои табиию риёзӣ ҳамчун дастуру воситаҳои методӣ ба кор рафта, дар илм ва таҳсилот тадбиқи васеи худро ёфтаанд. Қисме аз тадқиқотҳои онҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ ва шинохта гардидаанд.

Ҳамагон хуб медонем, ки Ҳукумати мамлакат барномаи давлатиро «Дар бораи рушди илмҳои табиию риёзӣ барои солҳои 2020-2040» қабул намуд, ки омили асосиест, дар рушди илмҳои дақиқ ва воситаи хубест, дар амалигардони ҳадафи чоруми стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар.

Адабиёт:

1. Ғуломов И.Н. «Таърих ва методологияи математика» Душанбе – 2003
2. «Энциклопедия (Донишнома) – и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» Душанбе, 2015
3. Табаров А.Ҳ., Хайруллоев Ш.А., Давлатбеков А.А. «Маҷмӯаи мисолу машқҳо аз алгебра ва назарияи ададҳо» Душанбе – 2014, 270с.

ТАДҚИҚОТҲОИ ИМАТЕМАТИКОНИ БАРҶАСТАИ ТОҶИК ВА ТАДБИҚИ БАЪЗЕИ ОНҲО ДАР САНОАТИКУНОНИИ КИШВАР

Аннотатсия. Мақола оиди аҳамияти мактаби математики Л.Г. Михайлов дар рушди илми математика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот додааст. Инчунин, дар бораи рушди усулҳои таълими математика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷорӣ намудани кашфиёти методологӣ ва педагогии олимони тоҷик дар соҳаи илм ва маориф маълумоти мухтасар ва муфассал дода шуд.

Калидвожаҳо: математика, математикҳои тоҷик, тадқиқоти математикӣ.

ИССЛЕДОВАНИЯ ВЫДАЮЩИХСЯ ТАДЖИКСКИХ МАТЕМАТИКОВ И ПРИМЕНЕНИЕ НЕКОТОРЫХ ИЗ НИХ В ИНДУСТРИАЛИЗАЦИИ СТРАНЫ

Аннотация. В статье рассматривается значение математической школы Л.Г. Михайлова в развитии математической науки в Республике Таджикистан, а также популярность исследований таджикских математиков и применение некоторых из них в

промышленности. Также была дана краткая и подробная информация о развитии методики обучения математике в Республике Таджикистан и внедрении методических и педагогических открытий таджикских ученых в науку и образование.

Ключевые слова: математика, таджикские математики, математические исследования.

STUDIES OF OUTSTANDING TAJIK MATHEMATICIANS AND THE USE OF SOME OF THEM IN THE INDUSTRIALIZATION OF THE COUNTRY

Anatatsion. The article discusses the meaning of the Mathematical School L.G. Mikhailov in the development of mathematical science in the Republic of Tajikistan, as well as the popularity of research of Tajik mathematicians and the use of some of them in industry. It was also given a brief and detailed information on the development of the methodology for learning mathematics in the Republic of Tajikistan and the introduction of the methodological and pedagogical discoveries of Tajik scientists in science and education.

Keywords: mathematics, Tajik mathematics, mathematical studies.

ВАСФИ ШОҲИ ОДИЛ ВА РАИЯТПАРВАР ДАР ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Асозода Ҳ. Р.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун мутафаккири барҷастаи илму маданияти асрҳои миёнаи Машриқзамин дар ривоҷи илоҳиёт, ҷамъиятшиносӣ, фалсафа, адабиёт ва тасаввуф саҳми босазо дорад. Сайид Алии Ҳамадонӣ дар таълимоти хеш ақидаи муҳтоҷ будани

ҷамъияти инсониро ба шоҳи одил пурра ҷонибдорӣ мекунад. Қайд менамояд, ки ҷамъияти инсонӣ аз одамони гуногунақида, гуногунфитрат иборат аст ва маҳз ҳастии шоҳи одил метавонад бо адолати хеш гурӯҳҳои мухталифи ҷомеъаро бо ҳам дӯсту бародар гардонида ба ҳам пайвандад. Дар ҷойи дигар зикр менамояд, ки шоҳи одил барои он лозим аст, ки низоъу нифоқро аз байни одамон дур созад ва доди мазлумро аз золимон ситонад ва мустаҳаққонро бо неъматҳои илоҳӣ таъмин намояд.

Алии Ҳамадонӣ шоҳону ҳокимонро ба се гурӯҳ ҷудо мекунад. Ба гурӯҳи аввал ӯ шоҳону ҳокимонеро мансуб медонад, ки дорои адлу инсоф ва маҳорати хоси худододиянд. Ба гурӯҳи дуюм бошад, шоҳону ҳокимонеро мутааллиқ медонад, ки рағбату кӯшишашон ба донишомӯзию адолатхоҳӣ зиёд аст. Ва ниҳоят гурӯҳи сеюм, ки дар осори аллома зери тозиёнаи танқид қарор доранд, ин шоҳону ҳокимони беадолату бешафқат, золиму ҷоҳил мебошанд. Ҳатто, Алии Ҳамадонӣ ин қабил шоҳону ҳокимонро душмани Худо ва пайравони иблису Даҷҷол гуфтааст.

Сайид Алии Ҳамадонӣ подшоҳону ҳокимони оқилу адолатпешаро дастгирӣ намуда, ба эшон панду насиҳати муфид медиҳад ва ашхоси дигари ҷамъиятро ба итоат намудан ба амрҳои чунин сарвар таблиғ менамояд. Ва баракс, ҳокимону сарварони ҷоҳилу ғофилро мазаммат намуда, раъияте, ки пайравии чунин шоҳону ҳокимони мутакаббирро менамоянд, ба ҳақношиносӣ маҳкум менамояд.

Амири Кабир таъкид менамояд, ки шоҳ маҳз ба воситаи адолатҷӯйию ростқавлӣ дар дили мардумон ҷой мегирад. Шоҳи бо адлу инсоф касест, ки аҳкому аркони шариъатро муқаддас донад ва ба зердастону раъияти хеш иҷрои онҳоро амр намояд.

Хубтарин шоҳ касе аст, ки халқ ба ӯ эҳтирому маҳбубияти хоссае зоҳир намуда, аз дилу ҷон пайи амалӣ сохтани супоришҳояш

мегарданд. Аз ин ҷост, ки Алии Ҳамадонӣ халқро беҳтарин меъёри беҳбудиҳои ҳокимон медонад.

Ба ақидаи адиб дар сари ҳокимият бояд шахси мусалмон ва донандаи хуби нозукиҳои зиндагию давлатдорӣ нишаста бошад. Ӯ таъкид менамояд, ки шоҳ дар сиёсатдорӣ фирефтаи нафси аммора нашавад. Вай гаштаю баргашта пайравӣ намудан ба хислатҳои писандидаи хулафои рошидин, пайғамбарони мурсал ва соликону муттақиёни аҳли салафро гӯшрас менамояд. Аз ҳаёти ин қабил одамони некрой нақлу қиссаҳои марғубро пешкаш менамояд. Масалан аз ҳаёти Юсуф пайғамбар чунин ривоятро манзури шоҳони замон ва мобаъдӣ менамояд: «Дар хабар аст, ки чун Юсуф алайҳиссалом дар Миср ба подшоҳӣ бинишаст, ҳар рӯз заифтар таррортар шудӣ. Аз ин ҳол аз ӯ савол карданд, ҳеҷ нагуфт. Рӯзе илҳоқ (илтимос) карданд. Гуфтанд, ки агар ин заъф аз ҷиҳати марази ниҳонӣ аст, ҳукамо ба муолиҷа машғул гарданд.

Гуфт: Илоҷи марази мо ҳозир аст.

Гуфтанд: Чи гуна?

Гуфт: Ҳафдаҳ сол аст, ки дар подшоҳӣ нафси ман дар орзӯӣ он аст, ки ӯро аз нони ҷав сер диҳам ва надодам.

Гуфтанд: Ин ҳама машаққат бар нафси худ чаро мениҳӣ?

Гуфт: Ба мувофиқати гуруснагон ва мӯҳтоҷон ин машаққат мекашам. Ва метарсам, ки яке гурусна бошад дар вилояти ман ва маро дар мавқуфи қиёмат гирифтор кунанд, ки ба мулк машғул гаштӣ ва аз ҳоли заъифон хабар надоштӣ» [1, 102].

Ба ақидаи Сайид Алии Ҳамадонӣ, шоҳи одил бояд дорои хислатҳои ҳамидаи инсонӣ аз қабили ҳалимӣ, сабурӣ, боандешӣ, диндорӣ, раъиятпарварӣ ва амсоли инҳо бошад. Ва дар акси ҳол, худи шоҳ сабабгори рехтани хуни чандин бегуноҳ ва сабабгори сар задану паҳн гардидани фисқу фуҷур ва нооромии мамлакат мегардад, ки чунин шоҳи осиму осиро шоҳи боадолат хондан хатост.

Ӯ зикр менамояд, ки шоҳи одил бояд аз ҳоли раъият, аз ҳаводисе, ки дар мамлакати ӯ рӯй медиҳад, ҳамвора бохабар бошад. Ва агар акси суханҳои боло амал кунад, ӯро шоҳи ғофилу расво ном бурдан лозим аст. Алии Ҳамадонӣ ҳокимони замонашро ба пайравии ашхоси покиза ва мӯътабар даъват менамояд. Ӯ тавассути нақлу ривоятҳо ҳокимонро аз мукофоти амал огоҳ мекунад: «Ва овардаанд, ки малики солеҳ аз сулаҳои Шом буд. Шабҳо бо як ғулом берун омадӣ ва дар масҷид ва мақобир ва бозорҳо гаштӣ ва аҳволи ҳар кас таҳаффус кардӣ. Шабе дар сармои зимистон мегузашт, ба масҷиде расид. Дарвешеро дид, ки аз бараҳнагӣ ва сармоҳо ларзида ва мегуфт: Илоҳо, агар дар қиёмат ин подшоҳони ғофилро, ки неъмати туро сармояи ҳузузи нафс ва ҳаво сохтаанд ва давлати фониро тухми таҷаббур ва такаббур гардонидаанд ва аз аҳволи заъифон бехабаранд, дар биҳишт роҳ диҳӣ, ба иззат ва ҷалоли ту, ки ман қадам дар биҳишт наниҳам. Малики солеҳ ҷомае бо як бадри зар дар пеши дарвеш ниҳоду бигрист ва гуфт: шунидам, ки Расул салаллоҳу алайҳи вассалам фармуданд, ки подшоҳони биҳиштӣ касоне бошанд, ки дар дунё эшонро қут ва пӯшише набошад. Имрӯз ки навбати подшоҳии мост, ман дар сулҳ омадам. Фардо ки навбати подшоҳии шумо расад, дари хусумат бар ман макушоед ва сояи ҳумои ҳимоят аз ҳоли мо боз магиред. Ва файзи фазли шафоъат аз мо дареғ мадоред» [1,с.103].

Ба ақидаи Алии Ҳамадонӣ, шоҳону ҳокимон ба воситаи адлу инсофашон муқарраби даргоҳи илоҳиянд. Беинсофию беадолатӣ онҳоро аз лутфу марҳамати эзидӣ маҳрум сохта, ҷойи ин зумра шоҳону ҳокимонро зери сақар мегардонад. Чи тавре ки болотар зикр намудем, ин қабил сарваронро ӯ душмани Худо ва Расули Худо меҳисобад. Барои тақвияти фикри хеш Алии Ҳамадонӣ чунин ривоятеро ёдрас мешавад: «Абуҳурайра разиаллоҳу анҳу ривоят кард, ки Расул салаллоҳу алайҳи васаллам фармуд, ки дӯсттарини мардум назди Худои азза ва ҷалла рӯзи қиёмат ва наздиктарини эшон рӯзи қиёмат

ҳокими одил аст ва душмантарини мардум назди Худои азза ва ҷалла ва гирифтортарини халқ рӯзи қиёмат, ки дар азоби сахт бошад, подшоҳи золим аст» [1,с. 102].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун яке аз сутунҳои устувори шохаи тасаввуф иҷрои аҳкому аркони шариатро барои ҳама табақаҳои ҷамъият заруру ҳатмӣ меҳисобад. Вале барои шоҳону ҳокимон адои ҳуқуқи раъиятро аз афзали ибодот медонад. Ва ин ҷо таъкид мекунад, ки рӯзи маҳшар аввал чизе, ки аз оммаи халқ пурсида мешавад, ин аҳкому аркони ислом аст. Аммо аз ҳокимону подшоҳон аввал аз ҳуқуқи раъият ва марҳамату эҳсонашон нисбат ба табақоти камбизоат ва эҳтиёҷманд пурсида мешавад: «Дар хабар аст, ки аввал чизе рӯзи қиёмат савол кунанд, аз намоз бувад, аммо подшоҳонро аввал чизе, ки савол кунанд, аз адл ва эҳсон бувад» [1,с.102].

Ва маънии болоро дар мавриди дигар адиб чунин меорад: «пас, шарти подшоҳи мусалмон он аст, ки пайваста мунтазири ҳоҷати мӯҳтоҷон бошад. Ва чун донад, ки мусалмоне бар дари хонаи ӯ мунтазир ва мӯҳтоҷ аст, то ҳоҷати ӯ кифоя накунад, ба ҳеҷ ибодате машғул нашавад. Ва ба ҷиҳати роҳати нафси худ эҳмоли ҳоҷати мусалмоне раво надорад» [1,с. 102].

Подшоҳӣ ба назари аллома баландтарин ва масуълиятноктарин мартабаи шахс аст. Албатта, подшоҳ барои ҳар амру фармонаш ва аъмоли содир намудааш дар назди Худо ҷавобгӯ аст. Агар шоҳ одил бошад, мулк ободу халоиқ дилшод ва саъодатмандии дуҷаҳонӣ ёри ӯ ҳоҳад гардид, агар шоҳ бадкирдору бадкеш ва бадрой бошад, салтанаташ нопойдор, халқаш аз ӯ безор ва бадбахтии ҳарду кавн натиҷаи аъмолаш мегардад. Ин фикрро Алии Ҳамадонӣ дар «Рисолаи қуддусияи амирия» чунин баён намудааст:

Подшоҳӣ завқи маънӣ бурдан аст,

Не ба зӯру зулм дунё хӯрдан аст.

Гар чу курсӣ сарфарозӣ боядат,

Тарки мулку нонамозӣ боядат.

Филмасал, гар сад ҷаҳон аст они ту,

Он чӣ бифристӣ ту, он аст они ту.

Гар дар ин раҳ банда, гар озодаӣ,

Менабинӣ он чӣ нафристодаӣ.

Чун ту дар дунё накардӣ кори соз,

Дар қиёмат чун шавӣ аз аҳли роз [3,с. 176, б].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун дигар бузургони аҳли салафи мо дар ақидаест, ки шоҳи одил баргузида ва ноиби Худо дар рӯйи замин аст. Ба қавли Саъдии бузург:

Подшоҳ сояи Худо бошад,
Соя бо зот ошно бошад.

Тавре ки дар боло зикр намудем, ҳакими нуктасанҷ дар осори хеш аз ҳаёти ашхоси табаррук нақлу ривоятҳои пурмазмунро ниҳоят устодона истифода намудааст, ки ҳадафи ин гуфторҳо танҳо ба хотири сулҳу салоҳ ва ободию оромии мамлакат ва ҳидояти шоҳону ҳокимон ба роҳи дуруст, ки боиси осудаҳолии раъият хоҳад гардид, мебошад. Агар шоҳ ё худ ҳокими мулк майл ба кадом амале намояд, раъияти он сарзамин ба анҷоми он амал рағиб мегардад.

Дар ривояте дузахро сарой номида, шоҳонро саройбон медонад. Ба қавли ҳаким, агар дузах сарой бошад, шоҳ бо неъматҳои Худо аз ҷумлаи шамшер, тозиёна ва мол ба дари ин сарой истодааст. Бояд ҳоким ё шоҳ аз он неъматҳои худодода бошуурона ва бо дарки масъулият истифода намояд, то ки худаш ба биҳишт равад ва раъияташро дунболаи хеш ба он макони муқаддас бубарад. Вале дар сурати истифода бурда натавонистани ин неъматҳо аввал шоҳ ба дузах

меравад ва баъд раъияташро аз дунболи хеш ба дузах мебарад. Ба қавли аллома, шамшер барои нест намудани золимону ёғиён, тозиёна барои адаб кардани фосиқону фоҷирон ва ашхоси бадтарбия, мол барои гирифтани садди роҳи фоқаи камбағалон ато гаштааст: «Ҳорунаррашид Шақиқи Балхиро талаб карду гуфт: маро панде бидеҳ. Гуфт: Эй амралмуъминин, Худойро сароест, ки онро дузах хонанд. Ва туро дарбони он сарой гардондааст. Ва туро се чиз додааст, то бад-он се чиз халқро аз дузах боздорӣ. Молу шамшеру тозиёна. Бояд ки ба мол садди фоқаи мӯҳтоҷон кунӣ, то ба сабаби изтирор иққоми шубҳот накунанд. Ва золимро бо шамшер қамъ кунӣ ва фосиқонро бо тозиёна адаб кунӣ. Агар ҳамчунин кардӣ, ҳам наҷот ёфтӣ ва ҳам халқро наҷот додӣ. Ва агар бар хилофи ин бошӣ, ту пеш аз ҳама ба дузах хоҳӣ рафт ва дигарон аз пайи ту»[1,с. 54].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тарафдори шоҳи одилу маорифпарвар мебошад. Яке аз вазоифи аввалиндараҷаи шоҳ дар атрофаш гирд овардани олимону донишмандони улуми мухталиф ва ашхоси боақлу некройи бетамаъ мебошад. Ин зумра одамон дар пешбурд ва анҷоми корҳои хуби давлатдорӣ мусоидат менамоянд. Шоҳ бояд рӯзе як маротиба ба ваъзи донишманде гӯш бидиҳад, то суханони ӯ барои хубтару беҳтар намудани аъмоли шоистаи шоҳ мададгор бошад. Зеро пайваста шунудани суханони мутааллиқ ба дунё ва он чи мутааллиқ аст ба дунё ба шоҳ асари бад хоҳад дошт. Дар ин замина Алии Ҳамадонӣ мефармояд: «Ва ҳар рӯз оинаи дили худро бо мавоъизи сулаҳо ҷило диҳад. Чу мубошират ҳукумат ва ихтилоти халқ дилро торик гардонад. Чу ин ду торикӣ дар дил мустамир гардад, хавфи хатари дин бувад, ки муҷиби гирифтории абадӣ ҳирмони сармадӣ аст» [1,с. 112].

Амири Кабир шоҳону ҳокимонро даъват менамояд, ки ҳамеша дар фикри сарпарастӣ ва нигоҳубини раъияти хеш бошанд. Ҳатто таъкид мекунад, ки аз он чи мехӯранд, зердастони худро аз он хӯриш

хӯронанд ва он чӣ мепӯшанд, зердастони хешро низ аз он пӯшишҳо баҳраманд гардонанд. Алии Ҳамадонӣ, ки дар замони боқӣ мондани баъзе унсурҳои ғуломдорию ғуломфурӯшӣ умр ба сар бурдааст, баъзе фикрҳоро нисбат ба муносибати ҳокимону шоҳон ба ғуломон баён сохтааст. Аз ҷумла, ӯ мефармояд, ки бандагонро бе узри шаръӣ хоҷагонашон зарбу лат нанамоянд. Агар феъли нописандидае аз эшон содир шавад, онҳоро насиҳат кунанд ва дар ислоҳи он кӯшиш намоянд. Вале агар он феъл аз бандагон ислоҳ нагардид, онҳоро бифурӯшанд. Бандагонро аз қадри тавону тоқаташон барзиёд кор фармудан низ, аз нигоҳи ӯ номумкин аст. Дар ин маврид аллома ёдрас мешавад, ки худи шоҳону ҳокимон низ бандагони Худоанду мулке, ки дар тасаруфи онон аст, аз Худост. Ва мағрурӣ ба давлати муваққатӣ корест бас хато: «Расул алайҳиссалом фармуд, ки битарсед аз Худои азза ва ҷалла. Ва ҳаққи касоне, ки дар мулку тасарруфи шумоанд, нигоҳ доред, яъне, бихӯронед эшонро аз он чӣ мехӯред ва бипӯшонед эшонро аз он чӣ шумо мепӯшед. Ва эшонро кор мафармоед, ки тоқати он надошта бошанд. Он чӣ аз эшон мехоҳед, нигоҳ доред ва он чӣ аз эшон намехоҳед, бифурӯшед ва бандагони Худойро азоб макунед. Ба дурустӣ, ки Худои азза ва ҷалла эшонро мулки шумо гардонида ва агар хоҳад, шуморо мулки эшон гардонад. Қодир аст, ҳар чӣ хост, кард ва ҳар чӣ хоҳад, кунад» [1,с. 127].

Алии Ҳамадонӣ раъиятро ба ду қисм ҷудо мекунад – раияти мусалмон ва раияти кофир. Ва шоҳи одил касест, ки байни ин қисматҳо ҳадди эътидол нигоҳ дошта метавонад. Яъне, новобаста аз ақидаашон барои беҳзистии бандагони Худо саъю кӯшиш менамояд.

Ва бо мақсади осон гардонидани пешбурди кори салотин дар заминаи гуфтаҳои Имом Ғаззолӣ Алии Ҳамадонӣ низ даҳ шартро ба шоҳон пешкаш мекунад. Аввал он аст, ки дар воқеа, ки пеш ояд, подшоҳу ҳоким худро яке аз раоё дар он воқеа тасаввур кунад ва дигаре баробари худ ҳоким бинад.

Дуввум он, ки қазои ҳоҷоти мусалмононро аз афзали тоот шуморад. Саввум он, ки дар хӯрдан ва пӯшидан иқтидо ба сифати хулафои рошидин кунад. Чаҳорум он, ки дар ҳукм сухан ба мадоро гӯяд ва бе муҷиб дурушт накунад. Ва аз шунидани ҳоҷати бисёр малул нашавад. Панҷум он, ки ба ҷиҳати ризои Ҳақ дар ҳукм сустӣ ва мудоҳанат накунад. Ва барои хушнудии ҳар кас мухолифати шаръ ва ҳақ раво надорад. Шашум он, ки аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад ва яқин донад, ки мансаби аморату ҳукумат олатест, ки бад-он олат ҳам саодату некномии охират метавон касб кард ва ҳам шақовату бадномӣ ва гирифтории абадӣ бад-он ҳосил мешавад.Ҳафтум он, ки дар зиёрат ва сӯҳбати сулаҳо ва уламои дин роғиб бувад.

Ҳаштум он, ки ба сабаби таҷаббур халқро аз худ муставҳиш нагардонад, балки бо адлу эҳсон ва шафқат бар заъифон ва зердастон худро маҳбуби раоё гардонад.Нӯҳум он, ки аз таҷсис, хиёнат, савобу зулми аъмол ғофил мабошад. Яъне, чун зулму хиёнат дар мулки ӯ содир шавад, хешро дар канор нагирифта, доди мазлум аз золим биситонад. Ва хоинонро ба хиёнати кардаашон маҳкум созад.Даҳум он, ки подшоҳ ва ё ҳоким ҳар воқеаю ҳодисаро бо диққат омӯхта, пеш аз баровардани ҳукмаш, ҷиддан, мулоҳиза намояд.Баъди гуфтани ин шартҳо Алии Ҳамадонӣ бори дигар такрор менамояд, ки шоҳ ё ҳокими пайрави ин шартҳо салтанати поянда дошта, хушҳолии раият ва худро барқарор гардонида бошад.

Инчунин Алии Ҳамадонӣ чун фарди мусалмон аз тарафи мусулмонони мамлакат ба шоҳон аз 20 ҳуқуқи раоёи мусулмон ёдрас мешавад, ки адои ин ҳуқуқ боиси ободии мамлакат ва сарбаландии шоҳону ҳокимон хоҳад гардид.

Носеҳи арҷманд ба шоҳону ҳокимони замонаш рӯ оварда изҳор менамояд, ки фарҳангу маърифат сифати олӣ ва мартабаи баланди онон аст. Ободии мулк ва мустаҳкамии салтанат, аввалан, дар адлу инсоф ва баъдан, дар маърифатпарварию хирадмандии шоҳону амирон мебошад.

Маҳз ба туфайли донишу хирад ва фаросати баланди шоҳону сарварон пояи мамлакат устувору раият осудаҳол аст. Маърифат чашмаест поку зулол ва бояд амру фармоишоти шоҳону ҳокимон аз ин сарчашмаи нодир бархӯрдору бонасиб бошад:

Ҳаст доим салтанат дар маърифат,
Ҷаҳд кун, то ҳосил ояд ин сифат.
Ҳар кӣ масти олами ирфон бувад,
Бар ҳама халқи ҷаҳон султон бувад [3,с. 332, а].

Тавре ки мушоҳида мегардад, тарғиби шоҳи одилу раиятпарвар дар тамоми осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ вобаста ба мавридҳои гуногун мақоми басо бориз дорад. Ба ин мавзӯъ ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намудани Алии Ҳамадонӣ бесабаб нест. Замоне, ки ӯ умр ба сар бурдааст, пур аз низоъҳо ва ихтилофоти сиёсӣ, мубориза барои ба даст овардани тахту тоҷ, беадолатию мансабхоҳӣ ва забткорию истилогарии Амир Темур буд.

Ҳанӯз ҳам байни хонадони Темуриҳо ҷангу ҷидолҳои қабилавӣ идома меёфтанд. Амир Темур ба Эрон лашкар кашида, дар Шероз чандин ҳазор одамони бегуноҳро қатл намуд, ҳатто, дар Исфаҳон калламанора сохт. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамаи ин ҳаводисро мушоҳида мекард ва баъзан, аз даҳони мардум мешунид ва таълифи «Захиратулмулук», «Баҳромшоҳия» ва умуман, шоҳи одилу раиятпеша дар осораш орзӯю умед буд. Бо офаридани ин қабил асарҳо ӯ шоҳону ҳокимон ва ҳама ашхоси табақоти воломақоми ҷамъиятро насиҳат намуда, эшонро барои расидан ба қуллаи умед раҳнамоӣ менамуд.

Ҳодисаи солҳои 1990-1992 дар Тоҷикистон рухдода бори дигар исбот намуд, ки ҷамъияти инсонӣ ба роҳбари одилу раъиятпарвар ва сарвари фозилу ботадбир ҳамеша мӯҳтоҷ аст. Рӯ овардан ба гуфтори саромадони адабу ҳикмати беш аз ҳазорсолаамон дар шароити кунунӣ, ки баъди ҳазор сол истиқлоли давлатӣ ба даст оварда, қадамҳои

аввалини давлатдориямонро ниҳода истодаем, боз ҳам заруртар мегардад.

Адабиёт:

1. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулк.Лоҳур, 1905.
2. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулк. Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ муассисаи таърих ва фарҳанги Эрон. 1358.
3. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук. Хазинаи дасхатҳои Осорхонаи мероси хаттӣ ва осори адабии ба номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. № 1554.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Нақшае ба ёдгор гузорем. Суханронӣ дар маҷлиси ботантана бахшида ба 680-солагии олим ҷашни ва мутафаккири бузурги Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. (4 сентябри соли 1995)
5. Эте Ҳ.Назаре ба фалсафаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ.- Душанбе//маҷ.Садои дил, 1994. С.3-4.
6. Муҳаммад Риёз. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Покистон, 1991

ВАСФИ ШОҲИ ОДИЛ ВА РАИЯТПАРВАР ДАР ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

Аннотатсия. Дар яке аз асарҳои маъруфи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ «Захират-ул-мулук» дар баробари андешаҳои баланди ахлоқӣ инчунин, андешаҳои муҳимми итимоиву сиёсӣ, азҷумла доири мақом ва ҷойгоҳи шоҳи одилу раиятпарвар суханҳои ҷолиб баён шуданд. Дар мақола андешаҳои шоир ва мутафакири барҷаста дар бораи шоҳи одил мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Андешаҳои роҷеъ ба хислату сифатҳои шоҳи одил баён кардаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар «Захират-ул-мулук» ва асарҳои дигари ӯ эътирози сахте

ба ҳокимони замон буда, манфиати фуқарои заҳматкашро ифода менамоянд.

Калидвожаҳо: Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, «Захират-ул-мулук», шоҳи одил, раият, адл.

ВОСХВОЛЕНИЯ САРОВЕДЛИВОГО ЦАРЯ В «ЗАХИРАТ-УЛ-МУЛУК»-Е МИР САЙИД АЛИ ХАМАДАНИ

Аннотация. В одном из самых известных произведений Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ «Захират-ул-мулук» наряду с высокими моральными соображениями, также сделал важные социальные и политические соображения, включая статус и положение праведного и спроведлиого царя. В статье рассматриваются поэты и выдающиеся мыслители о праведном короле. Взгляды, высказанные Мир Саидом Сайидом Хамадони в «Закат-уль-Мульк» и его другими работами, выражающими взгляды праведного короля, являются мощным протестом против правителей того времени и представляют интересы тиранического гражданина.

ENCOURAGEMENT OF THE SAR-CARING KING TO “ZAHIRATUL-MULUK”-THE WORLD MIR SAYID ALI HAMADANI

Anatatsion. In one of the most famous works of Mir Sayyid Aliya Kamadon “Zahirat-ul-muluk”, along with high moral considerations, he also made important social and political considerations, including the status and position of a righteous and justified king. The article discusses poets and prominent thinkers of the righteous king. The views expressed by Mir Saeed Sayyid Hamadoni in Zakat-ul-Mulk and his other works expressing the views of the righteous king are a powerful protest against the rulers of that time and represent the interests of a tyrannical citizen.

ИЛМҲОИ ТЕХНИКӢ – ТЕХНИЧЕСКИЕ НАУКИ

ШЕРСТЬ КАК ПЕРСПЕКТИВНОЕ СЫРЬЁ ДЛЯ ПРОИЗВОДСТВА СТРОИТЕЛЬНЫХ МАТЕРИАЛОВ

Шоев А. Н., Тошмуродова Р. Б.

Институт технологий и инновационной менеджмент в городе Куляб

В настоящее время на рынке представленно большое количество натуральных и синтетических строительных материалов. В домостроении по большей части используются легкодоступные и экономичные материалы. Тем не менее, существует потребность в выявлении, распространении и использовании экологически безопасных строительных материалов, произведенных на основе сырья местного происхождения - из шерсти.Эти материалы, изготовленные из натуральных волокон шерсти, изначально могут казатся более дорогостоящими, однако их применение может принести пользу обществу за счет их эффективности. Кроме того, натуральные материалы местного происхождения обеспечивают существенные долгосрочные экологические выгоды по сравнению с искусственными строительными материалами.

При проектировании и строительстве также важно использовать подходы, которые упрощают переустройство, повторное использование и, в конечном счете, снос здания. Подбор долговечных, не требующих частого обслуживания и ремонта материалов, позволяет свести к минимуму потребность в строительных и отделочных материалах в течение всего срока службы здания. Помимо выбора строительных материалов и прочих элементов проектирования, в странах с высокой сейсмической активностью и холодным климатом в целях увеличения срока эксплуатации и снижения энергопотребления

жилых зданий следует уделять особое внимание сейсмостойкому проектированию итеплоизоляции [1, с. 5].

Изоляция — один из наиболее эффективных способов экономии энергии в быту. По имеющимся оценкам, владелец стандартного дома с тремя спальнями и общей с соседним зданием стеной может сэкономить свой семейный бюджет в год на оплате электроэнергии, изолировав чердачное помещение и пустотелые стены. Изоляция способствует поддержанию в доме комфортной температуры в течение всего года, защищает от холода зимой и от избытка тепла летом.

Эффективный изоляционный материал с уникальными эксплуатационными свойствами, способный поглощать и отводить влагу это - шерсть. Это техническое руководство охватывает различные аспекты изоляционных строительных материалов, в том числе свойства, способы применения, сбыт в различных регионах мира.

Под шерстью понимают волосяной покров ряда животных. Шерсть подразделяют на овечью, верблюжью, кроличью, ангорской козы и др. Из всех видов шерсти, используемой в шерстяной отрасли производства, наибольшее значение имеет овечья. Состригаемую с овец шерсть в виде связного покрова называют руном.

Овечья шерсть — натуральный, экологичный, повторно используемый и биологически разлагаемый материал с низкими энергетическими затратами на производство и эксплуатацию. Он безопасен для человека и окружающей среды и, в отличие, например, от стекловаты, при укладке не требует применения средств индивидуальной защиты.

Овечью шерсть, используемую в качестве изоляционного материала, обрабатывают боратом для защиты от вредителей и грибка, а также для повышения огнестойкости. Иногда в овечьей шерсти содержится большое количество воды, в зависимости от типа

стен это может быть преимуществом, однако при многократном намокании и высушивании борат постепенно вымывается. Сопротивление теплопередаче матов из овечьей шерсти составляет 3,5 на дюйм — примерно как у остальных типов изоляции из волокнистых материалов. Доказано, что овечья шерсть хорошо поглощает и нейтрализует вредные вещества.Чистая шерсть – натуральный материал, а значитбольшого вреда окружающей среде не приносит.

Овечья шерсть — натуральный белок, содержащий 18 различных типов цепей аминокислот, 60% из которых имеют реакционноспособную боковую цепь. Эти реакционноспособные области позволяют шерсти поглощать вредные и пахучие вещества, в том числе диоксид азота, диоксид серы и формальдегиды, которые затем нейтрализуются в процессе так называемой хемосорбции. Поэтому овечья шерсть в качестве изоляции обладает несомненными преимуществами с точки зрения благосостояния человека и способствует созданию здорового микроклимата в помещениях.

Административное и жилое здание с качественно выполненной изоляцией является одновременно энергоэффективным и экономичным, потому что позволяет сократить расходы на отопление и охлаждение. Изоляция предотвращает перенос тепловой энергии от одного объекта, расположенного в зоне более высокой концентрации тепла, к другому объекту, расположенному в зоне более низкой концентрации тепла, и тем самым способствует сохранению тепла на конкретном участке. Правильно выполненная изоляция в здании убережет от потерь или избытка тепловой энергии. Строго говоря, строительная изоляция — это использование в строительстве особых материалов с целью снижения тепловых потерь в здании.

Изоляция препятствует переносу тепла и совершенно необходима для защиты жилого дома от холода зимой и от избытка тепла летом. Грамотно спроектированный жилой дом с качественно выполненной

изоляцией позволяет поддерживать комфортную температуру круглый год и сэкономить до 50% на оплате отопления и электроэнергии для системы кондиционирования. Это, в свою очередь, сокращает выбросы парниковых газов.

Основные свойства изоляционных материалов

Теплоизоляция подразумевает сокращение теплопередачи — передачи тепловой энергии между телами, имеющими разную температуру, от одного тела к другому в случае теплового контакта или между телами в диапазоне воздействия излучения. Для устройства тепловой изоляции используются специально разработанные способы и процессы, а также тщательно подобранные формы объектов и оптимальные материалы. Когда обладающие различной температурой предметы соприкасаются друг с другом, неизбежно возникает перенос тепла. Благодаря тепловой изоляции, на изолированном участке снижается теплопроводность или отражается тепловое излучение, и соответственно, перетектепла до минимума к более холодному телу сокращается. Изолирующая способность материала определяется его теплопроводностью. Низкая теплопроводность соответствует высокой изолирующей способности (сопротивление теплопередаче, обозначается буквой R). Другими важными свойствами изоляционных материалов с точки зрения теплотехники являются плотность (ρ) и удельная теплоемкость

Для измерения или расчета сопротивления изоляционного материала тепловому потоку используется сопротивление теплопередаче R. Чем выше значение R, тем выше эффективность изоляционного материала. Значение R зависит от типа, толщины и плотности изоляции. Чтобы вычислить значение R для многослойной изоляции, следует сложить значения R всех ее слоев. Дополнительная изоляция жилого дома увеличивает значение R и, следовательно, сопротивление тепловому потоку. Специалисты по применению

теплоизоляционных материалов могут определить оптимальную для конкретных климатических условий степень изоляции.

Необходимый объем изоляции или сопротивление теплопередаче зависит от климатических условий, типа системы отопления и системы охлаждения, а также части дома, которую планируется изолировать. Воздухонепроницаемое уплотнение и контроль уровня влажности напрямую влияют на энергоэффективность жилого дома, а также на самочувствие и комфорт его обитателей[1.с.12].

Преимущества изоляции из овечьей шерсти *качество воздуха*

Овечья шерсть не выделяет формальдегид, диоксид азота и диоксид серы, а, напротив, поглощает или разлагает эти вещества .

Контроль уровня влажности

Высокое содержание в кератине функциональных групп гидрофильного характера позволяет шерсти поглощать влагу из окружающей среды и набухание . По влагосодержанию шерсть занимает одно из первых мест среди других волокон. В насыщенном водяном паре шерсть удерживает влагу в количестве до 33% от собственного веса, а хлопок в тех же условиях всего до 22% . Абсолютно сухая шерсть при смачивании водой выделяет тепло в

100 Дж/ г, а натуральный шелк в этих же условиях 58 Дж/ г, что свидетельствует о более высокой способности шерсти поглощать влагу, не снижая сопротивления теплопередаче. Наряду с высокой гидрофильностью шерсть характеризуется резко выраженной гидрофобностью поверхности. Качественно это свойство можно наблюдать, если мелко нарезанные участки предварительно обезжиренной шерсти поместить в сосуд с равными количествами несмешивающихся жидкостей , например воды и бензола.Волокна шерсти в такой системе распределяются в неполярной фазе (Бензол), что говорит об их гидрофобной поверхности. После удаления эпикутикулы волокно становится гидрофильным. Таким образом ,

поверхностный слой кератина волокна гидрофобен , а внутренние слои его гидрофильны.Так как соотношение между этими слоями таково, что внутренний во много раз превышает поверхностный , гидрофильность шерстяного волокна вцелом остается очень высокой. Гидрофобная поверхность волокна повышает изоляционные свойства шерсти.

При набухании волокно увеличивается в поперечнике до 20% , а по длине всего лишь на 1-2 %[5, с. 25].

Сердцевидный слой овечьей шерсти является гигроскопичным, это свойство особенно ценно для изоляции чердачных помещений, в которых может накапливаться конденсат.

Огнестойкость

Одним из главных достоинств овечьей шерсти является невоспламеняемость. Пожалуй, это единственное волокно, которое естественным образом не поддерживает горение и внешнего источника горения сама затухает. Овечья шерсть содержит большое количество азота и поэтому не воспламеняется, а только тлеет и обугливается, температура возгорания овечьей шерсти 560°С.

Овечья шерсть не вызывает зуд

При работе со стекловатой и каменной ватой необходимо использовать защитные перчатки для предотвращения серьезного раздражения кожи. Необходимо также использовать средства индивидуальной защиты глаз и легких. При укладкеизоляции из овечьей шерсти использование защитных средств не требуется.

Быстрый экологический эффект

Затраты энергии при производстве овечьей шерсти на 85% меньше, чем при производстве стекловолокна. Переработка овечьей шерсти по специальной технологии дает возможность избавиться от захламления, а также получить по выгодной цене вторичное сырье.

После переработки отходов получается вторсырье, которое может быть использовано в качестве наполнителя для одеял, мягкой мебели, одежды, для производства нетканых материалов, а также в строительстве – напольной выкладки, прокладочных и изоляционных материалов и т.д. Шерстяные отходы – остатки и обрезки тканей, пришедшие в негодность изделия, бракованные материалы, волокна, застрявшие в деталях перерабатывающих машин. Переработка шерсти – поэтапная технологическая процедура. В процессе нее отходы проходят сортировку и разделяются на две категории. Первая группа идет на переработку вторичного сырья, вторая – на утилизацию.

Литература:

1. Теплоизоляция .Свойства и способы применения в жилищном строительстве. Техническое руководство. Доктор Амид Раи, Международный эксперт ЮНИДО, 2017. 34 с.
2. Википедия - Шерсть .htts:// ru.m.wikipedia.org.
3. Современная техника и технология производства шерстяной пряжи.
4. В.Д. Фролов , Д.Н. Сапрыкин, Г.Н. Горьков , и др. Иваново, 1999.
5. Разработка и промышленное освоение эффективных технологических комплексов для производства высококачественных изделий из шерсти и других натуральных и химических волокон. Сборник научных трудов . Под редакцией д.т.н.,проф. Разумеева К.Э. , Москва 2010. 320с.
6. Технология отделки шерстяных тканей , И.А. Шиканова , Москва 1983, 352 с.

ПАШМ ҲАМЧУН АШЁИ ОЯНДАДОР БАРОИ ИСТЕҲСОЛИ МАСНУОТҲОИ СОХТМОНӢ

Аннотатсия. Ҳар як маводи сохтмонӣ ба муҳити зист таъсири муайяне дорад. Барои кам кардани ин таъсир як қатор равандҳоро бояд риоя кард, ки имкон медиҳад масолеҳи оптималии аз ҷиҳати экологӣ тоза ва технологияҳо инаватсиониро интихоб карда шавад. Яке аз онҳо пашми гусфанд аст. Таҳлили бодиққат ва интихоби оқилонаи масолеҳ, аз ҷумла омезиши дурусти онҳо метавонад ба роҳатӣ ва самаранокии иқтисодии биноҳои истиқоматиро хеле баланд бардорад, бори гарони муҳити зистро дар тӯли тамоми давраи зиндагии онҳо хеле кам кунад.

Калидвожаҳо: пашми гӯсфанд, масолеҳи сохтмон, изолятсия, табии, аз ҷиҳати экологӣ тоза, партов.

ШЕРСТЬ КАК ПЕРСПЕКТИВНОЕ СЫРЬЁ ДЛЯ ПРОИЗВОДСТВА СТРОИТЕЛЬНЫХ МАТЕРИАЛОВ

Аннотация. Каждый строительный материал оказывает определенное воздействие на окружающую среду. Чтобы смягчить это воздействие следует руководствоваться ряд принципов, которые позволяют подобрать оптимальные экологически чистые материалы и технологии строительства.

Одна из них - овечья шерсть. Тщательный анализ и аргументированный выбор материалов (в том числе правильное их сочетание) могут существенно повысить комфорт и экономическую эффективность жилых зданий, значительно снизив нагрузку на окружающую среду в течение всего срока их эксплуатации.

Ключевые слова: овечья шерсть, строительные материалы, изоляция, натуральный, экологически чистый, отход.

WOOL AS A PROSPECTIVE RAW MATERIAL FOR THE PRODUCTION OF BUILDING MATERIALS

Annotation. Each building material has a specific impact on the environment. To mitigate this impact, a number of principles should be followed that allow you to select the optimal environmentally friendly materials andnew construction technologies.

One of them is sheep's wool. Careful analysis and reasoned choice of materials (including their correct combination) can significantly increase the comfort and economic efficiency of residential buildings, significantly reducing the burden on the environment during their entire life cycle.

Key words: sheep wool, building materials, insulation, natural, environmentally friendly, waste.

ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ И ЭФФЕКТИВНОСТИ РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

Бузрукова С.Ф., Норбобоев Л.Б - *ИЭТТГУК.*

Проблемы устойчивости промышленного предприятия показал, что исследование в данной области ведется достаточно интенсивно, но внимание исследователей сосредоточено в основном на финансовых и экономических ее аспектах. Глубокие и широкомасштабные изменения в промышленности, вызванные как научно-техническим прогрессом, так и системными преобразованиями, осуществляемыми в процессе выхода из мирового финансового кризиса и экономической нестабильности, ставят перед экономической наукой множество задач. Особое значение

приобретают научные разработки, связанные с решением проблемы обеспечения устойчивого развития промышленных предприятий в современных условиях. В этой связи возникает необходимость оценки степени устойчивого развития промышленного предприятия, что позволит определить влияние внутренних факторов развития организации на ее положение во внешней среде (ее конкурентоспособность), а также принять решение о своевременной переориентации механизма управления предприятием. Проблема обеспечения устойчивого развития промышленных предприятий, особенно в условиях глобализации мирохозяйственных связей обусловлены следующими причинами. С одной стороны, роль традиционной сферы промышленности определяется материальными потребностями экономических субъектов, которые лежат в основании пирамиды потребностей индивидиума. С другой стороны, промышленность само обеспечивает и обеспечивает средствами производства все сферы экономики. В.И. Маевский называет «ядром саморазвития» набор машиностроительных и строительных отраслей, которые обладают способностью своим совместным действием воспроизводить в натуре самих себя и создавать орудия труда для других отраслей на родные хозяйства [1].

Анализ проблемы устойчивости промышленного предприятия показал, что исследование в данной области ведется достаточно интенсивно, но внимание исследователей сосредоточено в основном на финансовых и экономических ее аспектах. Хотя устойчивость - комплексная категория, которая не может быть отражением только одной из сторон деятельности предприятия. Так, не выработано единого мнения по таким категориям, как «устойчивость», «устойчивое функционирование», «устойчивое развитие» предприятия, не решен вопрос о корректности применения статического термина «устойчивость» к динамическим системам, не рассмотрены условия и модели, позволяющие прогнозировать устойчивое развитие предприятия. Очень

часто в научно-технической литературе встречается такое понятие как «экономическая устойчивость», главным компонентом которой рассматривают финансовую устойчивость. В последнее время необходимость оценки экономической устойчивости предприятий приобретает все более возрастающее значение. Оценка экономической состоятельности включена в технологию комплексной оценки соответствия предприятий. Существует несколько методов оценки экономической устойчивости предприятий, которые базируются на нескольких группах показателей: производственно-хозяйственной деятельности; финансово-хозяйственные показатели; экологические показатели; показатели производственно-технологического потенциала; конкурентная среда; оценка поставщиков и потребителей; совокупность показателей, характеризующих промышленно-производственный потенциал и целый ряд других. По мнению многих экономистов-исследователей данной проблемы, финансовая устойчивость является отражением стабильного превышения доходов над расходами, обеспечивает свободное маневрирование денежными средствами предприятия: путем эффективного их использования способствует бесперебойному процессу производства и реализации продукции. Именно поэтому финансовая устойчивость, формируемая в процессе всей производственно-хозяйственной деятельности, является главным компонентом экономической устойчивости предприятия [5]. В экономике под финансовой устойчивостью предприятия понимают обеспеченность запасов и затрат собственными и заемными источниками формирования. В узком смысле под финансовой устойчивостью предприятий понимают платежеспособный спрос, способность при сбалансированном привлечении кредита обеспечивать собственными источниками активное инвестирование и прирост оборотных средств, создавать финансовые резервы. Применительно к разным формам предприятий и объединений условия обеспечения финансовой устойчивости будут несколько

отличаться. Так, для крупных международных корпораций условиями финансовой устойчивости, стабильности, наряду с платежеспособным спросом на внутреннем рынке, являются: благоприятный курс валюты, период экономического подъема производства. Некоторые экономисты считают, что изучение общей устойчивости крупных корпораций является ключом к пониманию их финансово-экономической устойчивости. Для таких корпораций характерна стабильность развития, поскольку спад производства и падение конъюнктуры в одной стране компенсируется ростом производства и улучшением рыночной конъюнктуры в другой. Для них характерна устойчивость к экономическим кризисам производства[4]. Учитывая существование для предприятия определенного критерия финансовой устойчивости, за пределами нижней границы которого ей грозит банкротство, отметим, что такой нижней границей выступает обеспечение платежеспособности, ликвидности и кредитоспособности предприятия, поскольку для сохранения устойчивости необходимо, чтобы движение денежных потоков предприятия давало ему, по крайней мере, возможность рассчитаться с поставщиками, кредиторами и государством. Платежеспособность выступает как признак и как основа финансовой устойчивости предприятия. Данное требование предполагает, что предприятие должно иметь возможность оплачивать свои производственные потребности, поэтому индикатором устойчивого состояния в этом случае является отрегулированный баланс денежных потоков. Мы согласны с мнением авторов, что в настоящее время именно несбалансированность денежных потоков хозяйствующих субъектов является одной из основных причин их нестабильного состояния[6].

Рассмотрим понятие «устойчивость» в рамках общей теории систем. С понятием «устойчивость» тесно связано понятие «равновесие». Способность системы оставаться в области устойчивости называют «живучестью» системы. Адаптивными являются системы, которые

«изменяют свое поведение таким образом, чтобы оставаться в области устойчивости даже при наличии внешних воздействий»[3].

Очевидно, что предприятия - это искусственные системы, поэтому не являются саморегулирующимися. Для каждой системы существует оптимальное дозирование управляющих воздействий. Именно с помощью такого дозирования система удерживается в области устойчивости. Недостаточное или избыточное управление может вывести систему из этой области в нестабильное состояние. Все вышесказанное подтверждает тезис о том, что «устойчивость» - не есть благо для системы, то есть, если система вынуждена направлять управляющие воздействия для поддержания заданных целевых показателей жизнедеятельности, то это состояние уже может быть охарактеризовано как предкризисное. Устойчивость системы требует устойчивости (то есть неизменных показателей) внешней среды, что невозможно.Так, понятие устойчивого развития промышленных предприятий неоднозначно. Под устойчивым развитием понимают внутренние изменения как улучшение приспособленности предприятия к изменению внешних условий и факторов, рост количественных показателей деятельности промышленного предприятия и качественные изменения в структуре (организационной, технико-технологической и т.д.), поступательное увеличение сложности техники и технологии. Устойчивое развитие связывают с приоритетами будущих поколений, экономическим ростом, качественно новым типом развития. Все это означает многогранность данного понятия, отражает его комплексный характер. Промышленное предприятие является сложной системой, включающей подсистемы (компоненты) и элементы, и поэтому от степени их слаженности, своевременности комплексного реагирования на изменения внешней и внутренней среды зависит дискретное положение предприятия во времени и экономической среде. Закономерности современного этапа экономического развития (глобализация, интеграция, усиление

конкуренции, истощение природных ресурсов и др.), усиление взаимозависимости хозяйствующих субъектов дают синергический экономический эффект.

Следовательно, формирование адекватного механизма устойчивого развития должно находиться в центре внимания как самого промышленного предприятия, так и государства в целом [4].

При описании устойчивости развития промышленного предприятия нами используется категория устойчивости развития относительно поставленных целей. Устойчивость поставленной цели может быть количественно интерпретирована, нежели устойчивость в классическом смысле (рис. 1).

Имрӯз ин растанӣ ба таври васеъ дар кишварҳои Амрикои Марказӣ ва Ҷанубӣ, Африқои тропикӣ ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ парвариш карда мешавад. Дар миқёси ҷаҳон пешсафони соҳаи парвариши лӯбиё мамлакатҳои зерин мебошанд: Бразилия, Чин, Мексика, Ҳиндустон ва ИМА. Дар байни кишварҳои Аврупоӣ – Португалия, Полша, Булғористон ва Руминия буда, дар Ҳиндустон бошад ҳосилнокии тухмӣ 1,2-1,5 тонна аз як гектарро ташкил мекунад Карпухин М.Ю., Юрина А.В., Кирсанов Ю. А., Кивелева Т. В., Зимина В. И., Демчук О. А., Шаблин П. А.[Патент на изобретение RUS 2299539 11.10.2005].

Адабиёт:

1. Карпухин М. Ю., Юрина А. В., Кирсанов Ю. А., Кивелева Т. В., Зимина В. И., Демчук О. А., Шаблин П. А., [2005].
2. Метлицкий, Л.В., Метлицкий, Л.В. Биохимия плодов и овощей. - М.: Экономика, [1979. -271с].
3. Енкин В.Б., Енкин В.Б. Соя // Зернобобовые культуры: Сб. ст. М., [1960.- 10-11с].
4. Касторнова М.Г. Агротехника возделывания овощной фасоли в условиях Тюменской области// Автореф. канд.дис. -Тюмень
5. [2007. -16 с].
6. Стаканов Ф.С.,[1986. - 194 с]. марина, И. [1976.-114-118с].
7. Гагарина И.Н. [2005. -24 с].
8. Бондарь Г.В.,Лавриненко Г.Т., [1977.-256 с].
9. Казадуб Н.Г. Шаманин В.П., [2004. - 140 с].
10. Васильченко И. Т.[1987.-32-254с].

11. Паркина О.В. Селекция фасоли овощной на продуктивность. // Овощеводство в Сибири: сб. науч. тр. /РАСХН. Сиб. отд-ние. СибНИИРС. –Новосибирск. – 2009. – С. 77–81.
12.

ТАЪРИХИ ПАРВАРИШИ ЛӮБИЁ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ХОҶАГИИ ХАЛҚ

Аннотатсия. Дар мақола методҳои мукамалкунии технология ва истифодаи самараноки усулҳои агротехникии парвариши растаниҳои лубиёгӣ дарҷ гардидааст. Оиди хусусиятҳои биологӣ ва гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотии намудҳои гуногуни растаниҳои лубиёгӣ гирд оварда шудааст. Дар мақола оиди гузаронидани корҳои тадқиқотӣ, муайян намудани муҳлати вегетатсионии намудҳои гуногуни растаниҳои лубиёгӣ ва инчунин пешниҳодҳо дар бораи парвариши намудҳои лубиёгӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб маълумот пешниҳод шудааст.

Калидвожаҳо: лубиё, парвариш, самаранокӣ, шароит, намуд, хусусият, вегетатсионӣ, давра, ва ғайраҳо.

ИСТОРИЯ ВЫРАЩИВАНИЯ БОБОВ И ЕЕ ЗНАЧЕНИЕ В НАРОДНОЙ ФЕРМЕ

Аннотация. В статье рассмотрены методы совершенствования технологии и эффективности агротехнических приёмов возделывания различных сортов фасоли. Приводится сведения о биологической особенности исследуемых сортов фасоли в условиях Кулябского региона Представлено сведения о исследования продолжительности вегетационного периода различных сортов фасоли и рекомендации наиболее перспективных сортов для широкого промышленного развития в районах Кулябского региона .

Ключевые слова: фасоль возделывание, эффективность, условия, сорт, осебонности, вегетатсия, периот и други.

HISTORY OF BEAN GROWING AND ITS IMPORTANCE IN THE PEOPLE'S FARM

Annotation. The article discusses methods of improving the technology and efficiency of agrotechnical methods of cultivating various varieties of beans. Presents information on the biological characteristics of the studied varieties of beans in the conditions of the Kulyab region.

Information about the study of the duration of the growing season of various varieties of beans and recommendations of the most promising varieties for wide industrial development in the regions of the Kulyab region are presente

Key words: Beans cultivation, efficiency, conditions, variety, specificity, vegetation, periot and others.

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ – ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

ДАСТОВАРДҲОИ САНОАТИ ЭНЕРГЕТИКА ДАР ДАВРАИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Аминов М.Ҳ., Қодирова Н.А., Каримова М.Д.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

> “Дар се соли оянда суръат бахшидан ба рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус саноату энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, кишоварзӣ, инчунин истифода аз ташаббусҳои соҳибкориву имкониятҳои бахши хусусӣ ва дар ин асос боз ҳам афзун намудани қисми даромади буҷети давлатӣ ва таъмини беҳтари ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати иқтисодии давлат мебошад”
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

Саноати имрӯзаи Тоҷикистон дорои заминаи маҷмӯии инкишофёфта ва аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз буда, соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад. Онро зиёда аз 90 самти истеҳсолот ва бештар аз 140 навъи маҳсулот муаррифӣ мекунанд, ки ба соҳаҳои истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, истихроҷи ангишт, саноати сабук ва кимиё, мошинсозӣ, коркарди металл, масолеҳи сохтмон ва саноати хӯрокворӣ тааллуқ доранд[5, с.12].

Айни замон масъалаҳои суръатбахшии рушди соҳаи саноат ва устувории он, дигаргунсозии куллии сохторӣ, таъсиси корхонаҳои хусусӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ, ҷорӣ намудани навовариҳои техникию

технологӣ дар истеҳсолоти саноатӣ зери таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Бо ин мақсад даҳҳо созишномаҳои ҳамкорӣ байни Ҳукумат ва ширкатҳои ватанӣ ва ширкатҳои хориҷии дуру наздик оид ба таъсиси корхонаҳои нави металлургӣ, истеҳсоли семент ва дигар навъҳои маводи сохтмон, истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, ангишт, нафт ва газ, маҳсулоти кимиёвӣ, мошинсозӣ ва коркарди металл ба имзо расида, бомуваффақият татбиқ шуда истодаанд.

Дар тӯли 30 соли истиқлолияти мамлакат бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ садҳо корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ бунёд ва ҷойҳои корӣ барқарор шуданд. Айни замон, шумораи онҳо то 2068 адад расида, зиёда аз 86,4 ҳазор нафар аҳолии мамлакатро бо кори доимӣ таъмин намуда истодааст. Боиси қайд аст, ки дар давоми солҳои 2005-2015 ба рушди соҳаҳои саноати кишвар дар маҷмӯъ 3,3 млрд. доллари ИМА сармоягузорӣ шудааст, аз ҷумла сармоягузории мустақим 2,8 млрд. доллари ИМА ва дигар сармоягузориҳо 474,8 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. [5, 11]

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2015 ба12,2 млрд. сомонӣ расонида шуд.



Диаграммаи 1. **Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар солҳои 1991-2015 (млн. сомонӣ).**

Тоҷикистон мамлакати кӯҳсор буда, дорои захираҳои зиёди канданиҳои фоиданок мебошад ва азхудкунии онҳо барои рушди иқтисодиёти миллӣ яке аз самтҳои асосӣ арзёбӣ мегардад.

Дар соли 2016 ҳаҷми маҳсулоти саноатиро ба 2,3 млрд. сомонӣ ва суръати афзоиши истеҳсоли металли №1 112,5 фоиз ва металли №2 143,5 фоиз расонида шуд. Истеҳсоли хокаи сурб ба 60,0 ҳаз.тонна, хокаи рӯҳ 108,0 ҳаз. тонна, хокаи мис 20 ҳаз. тонна ва хокаи сурма ба 33,5 ҳазор тонна таъмин гардид. Вобаста ба соҳаи кимиё ва нафту кимиё бояд қайд намуд, ки дар соли 1991 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 10 корхона арзи вуҷуд дошт, ки нишондиҳандаи мазкур дар соли 2015 ба 45 адад расида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои мазкур ба 86 млн. сомонӣ баробар шудааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат дар ҷодаи муваффақ гардидан ба яке аз ҳадафҳои стратегӣ – истиқлолияти энергетикӣ тадбирҳои мушаххас андешида истодааст. Саноати энергетикию сӯзишворӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини хоҷагии халқи Тоҷикистон буда, дар ҷойгиркунӣ, инкишоф ва махсусгардонии хоҷагии халқи мамлакат мақоми муҳимро ишғол мекунад. Саноати энергетикӣ – сӯзишворӣ ба истеҳсоли қувваи барқ ва ба истеъмолкунандагон расонидани онҳоро таъмин мекунад. Саноати энергетикӣ – сӯзишворӣ ба ду соҳаи калон тақсим мешавад: саноати сӯзишворӣ ва истеҳсоли қувваи барқ.

Саноати сӯзишворӣ ба истеҳсоли ангишт, нафт, газ, варақсангҳои сӯзанда, торфро дар бар мегирад. Тоҷикистон аз захираҳои сӯзишворӣ бой мебошад. Муҳимтаринаш захираҳои ангишт мебошад.

Захираҳои умумии ангишти Тоҷикистон ба 4 миллиард тонна мерасанд, ки қариб 41% захираи ангишти Осиёи Миёнаро ташкил менамояд. Бо афзӯн гардидани талабот ба ангишт дар соҳаҳои мухталифи ҷумҳурӣ истихроҷи он дар соли 2015 ба 1,4 млн. тонна расонида шуд.

Конҳои калонтарини он Шӯроб, Фон Яғноб, Равот, Киштут-Заврон, Моғиён, Назарайлоқ ва Миёнаду мебошанд. Бештари ин конҳо дар мавзеъҳои доманакӯҳ ва баландкӯҳҳо ҷойгир шудаанд. Ин ҳолат барои истеҳсол ва истифодабарии ангишти ин конҳо мушкилиҳои зиёдеро ба амал оварда, ба баланд шудани хароҷотҳои зиёд сабаб мешаванд.

Кони ангишти Фон – Яғноб дар ҳавзаи дарёҳои Фон ва Яғноб дар баландии 1700 – 2500м ҷойгир шуда, аз 18 қабат иборат мебошад, ки ҳар яке он қабатҳо аз 0,5м то 12 м ғафсӣ доранд. Захираи умумии геологии ангишти кони Фон - Яғноб қариб ба 2 миллиард тонна баҳо дода мешавад. Ангишти ҳавзаи Фон – Яғноб дорои сифати баланд буда, 86 фоизи онро ангишти кокс ташкил мекунад[2, 23]. Ҳоло як қисми он барои қонеъ гардонидани талаботи комбинати металлургии кӯҳии Анзоб истифода бурда мешавад. Дар оянда истеҳсолоти ангишт дар ин ҳавза аз беҳтар намудани роҳҳои нақлиётӣ ва тараққиёти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳияи иқтисодии Зарафшон вобастагӣ дорад. Дар ҳудуди ноҳияи Зарафшон инчунин кони ангишти Кишту- Заврон ҷойгир шудааст, ки захираи умумии он 850 млн.т. буда, аз 48 қабат ангишт ташкил ёфтааст, ки ғафсии баъзе қабатҳои он то ба 3 метр мерасанд.

Кони ангишти Шӯроб дар ҳудуди ноҳияи Исфараи вилояти Суғд воқеъ гардидааст. Ангишти кони Шӯроб сиёҳтоб буда, қабатҳои ангишт қариб 25 ва ғафсии умумии онҳо ба 35 метр мерасад. Захираи ангишти Шӯроб 600 млн. т. буда, дар таркиби ангишти ин кон аз 3-30 фоиз хокистар мавҷуд аст. Дар айни замон истеҳсоли ангишт дар ин кон қариб, ки қатъ гардидааст, зеро бисёр шахтаҳо хароб шудаанд. Ин ангишт то солҳои 90-ум ба сифати сӯзишворӣ дар Шимоли Тоҷикистон ва қисман дар роҳи нақлиёти оҳани Осиёи Миёна ба сифати сӯзишворӣ истифода мешуд. Конҳои ангишти Зиддӣ, Моғиён, Тошқутан, Сайёд, Назарайлоқ, Шӯрообод, Равнов, Қуртекка низ аҳамияти иқтисодӣ доранд. Аз конҳои

номбурда танҳо дар кони Назарайлоқ ба миқдори кам ангишт истеҳсол карда мешавад, ки он аҳамияти дохилиноҳиявӣ дорад.

Саноати истеҳсоли қувваи барқ дар Тоҷикистон дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ тараққӣ кардааст. Асоси саноати истеҳсоли қувваи барқи ҷумҳуриро захираҳои об ташкил менамояд. Аз ҷиҳати захираҳои об Тоҷикистон ба ҳар як нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар байни мамлакатҳои ИДМ ҷойи дуюмро ишғол мекунад.

Сохтмони НОБ –ҳо аз солҳои 30 – ум сар шуд. Дар солҳои баъди 50 – ум дар дарёҳои Сир ва Вахш як қатор истгоҳҳои барқӣ – обӣ сохта шуд. Дар баробари истгоҳҳои барқӣ дар ҷумҳурӣ якчанд истгоҳҳои олавӣ низ бунёд гардиданд. Дар айни замон истеҳсоли солонаи қувваи барқӣ дар Тоҷикистон зиёда аз 18 млн. кВт/с-ро ташкил менамояд.

Ба ақидаи мутахасисон солона аз ин ҳисоб ба истгоҳҳои барқии обӣ 18 млн. кВт/с ва ба истгоҳҳои барқии олавӣ боқимонда 222 млн. кВт/с истеҳсоли қувваи барқ рост меояд.

Калонтарин истгоҳҳои барқии обӣ инҳо: Норак 3 млн. кВт/с, Сарбанд 210 ҳазор кВт/с дар дарёи Вахш, Қайроққум 126 ҳаз.кВт/с дар дарёи Сир ва истгоҳҳои олавии Душанбе 223 ҳаз. с кВт/с, Ёвон 180 ҳаз. с кВт/с ба ҳисоб мераванд.

Хусусияти сохтмони истгоҳҳои барқии обии ҷумҳурӣ аз он иборат аст, ки онҳо ба тарзи силсила, яъне дар як дарё якчандто истгоҳҳои барқӣ сохта шудаанд. Чунин тарзи ҷойгир намудани истгоҳҳои барқӣ боиси самаранок истифода бурдани қувваи обии дарёҳо мегардад. Ҳоло дар ҳавзаи дарёи Варзоб силсилаи истгоҳҳои барқии обии Варзоби Боло, Варзоби Поён, Варзоб, дар дарёи Вахш истгоҳҳои Шаршара, Сарбанд, Марказӣ, Норак, Бойғозӣ сохта шудааст. Дар дарёҳои Сир, Бартанг, Ванҷ, Ғунд истгоҳҳои хурди барқии обӣ фаъоланд. Обанборҳои онҳо ба ғайр аз истеҳсоли қувваи барқ, инчунин барои идоракунии маҷрои дарёҳо, пешгирии обхезӣ,

обёрикунии заминҳои корам ва бо об таъмин намудани шаҳру деҳаҳо шароити муҳим фароҳам меоваранд.

Дар Тоҷикистон чун дар дигар давлатҳо қувваи барқ ба истеъмолкунандагон бо хатҳои баландшиддати барқӣ фиристода мешаванд, зеро ноҳияҳои истеҳсол ва истеъмолкунандаи қувваи барқ аз якдигар дар масофаи дур воқеанд. Як қисми қувваи барқи ҷумҳурӣ ба воситаи хатҳои баландшиддати барқӣ ба Ӯзбекистон, дар қисми ҷанубу ғарбӣ ва дар қисми шимолии ҷумҳурӣ барқ аз Ӯзбекистон гирифта мешавад. Дар давраи Ҳукумати Шӯравӣ ҳамаи истгоҳҳои барқӣ ба системаи ягонаи энергетикии Осиёи Миёна пайваст буданд. Дар айни замон ин система пурра фаъолият надорад.

Албатта, сохтмони чунин истгоҳҳои пуриқтидор маблағи калон ва мӯҳлати дуру дарозро талаб мекунанд. Ҳол он, ки дар деҳот ва шаҳракҳо аз нарасидани қувваи барқ аҳолӣ танқисии зиёд мекашад. Яке аз масъалаҳои дар оянда ба таври таъҷилӣ таъмин кардани талаботи аҳолӣ бо қувваи барқ ин дар маҳалҳои алоҳида сохтани истгоҳҳои хурди барқии аҳамияти маҳалидошта мебошад.

Бо мақсади рушди босуботи саноати энергетика дар доираи ин ҳадафҳо дар солҳои истиқлолият дар кишварамон иншоотҳои гидроэнергетикӣ монанди як қатор нерӯгоҳҳои хурду бузурги барқӣ, хатҳои интиқоли барқи баландшиддат ва зеристгоҳҳои барқии пуриқтидор сохта ба истифода дода шуда, татбиқи лоиҳаи минтақавии интиқоли нерӯи барқи CASA – 1000 ва барқарору идомаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» оғоз гардидааст.

Дар ин давра иншоотҳои калонтарини зерин сохта ба истифода дода шуданд:

- нерӯгоҳи барқи обии “Сангтӯда – 1” бо иқтидори 670 МВт;
- нерӯгоҳи барқи обии “Сангтӯда – 2” бо иқтидори 220 МВт;
- маркази барқу гармидиҳии «Душанбе – 2» бо иқтидори 400 МВт;

- хатти интиқоли барқи 500 кВ “Ҷануб-Шимол”;
- хатти интиқоли барқи 220 кВ «Конибодом-Баткент»;
- хатти интиқоли барқи 220 кВ «Лолазор-Хатлон”;
- хатти интиқоли барқии 220 кВ Тоҷикистону Афғонистон;
- агрегати аввалини «Роғун»бо иқтидори 600 МВт.

Дар натиҷаи ин чорабиниҳо иқтидорҳои истеҳсолӣ ва имконияти содиротии мамлакат ба дараҷае зиёд шуда, васеъ шудани инфрасохтори интиқоли барқ барои иқтисодиёту иҷтимоиёт имкониятҳои навро фаро оварда, некӯаҳволии мардум ва дастрасӣ ба барқ беҳтар гардид.

Дастовардҳои соҳаи энергетика дар давраи соҳибистиқлолӣ бо татбиқи лоиҳаи минтақавии интиқоли нерӯи барқи CASA – 1000 ва сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» боз ҳам назаррас хоҳанд гардид ва дар ояндаи наздик саноати энергетикии кишвар боз ҳам рушд хоҳад ёфт.

Адабиёт:

1. Пайёмҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1993-2017
2. Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р.. Географияи Тоҷикистон. Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2011.-312 саҳ.
3. М.Раҳимов. Табиат ва сарватҳои табии Тоҷикистон,- Душанбе 2002.
4. Маводҳо аз идораи омори Ҷумҳурии Тоҷикистон.
5. http://www.president.tj/taxonomy/term/5/155#panjakent

ДАСТОВАРДҲОИ САНОАТИ ЭНЕРГЕТИКӢ ДАР ШАРОИТИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Аннотатсия. Дар ин мақола муаллифон гдастовардҳои соҳаи энергетикаро дар давраи Истиқлолияти давлатӣ таҳқиқ ва таҳлил мекунанд. Дар айни замон, бисёр навъҳо, махсусан саноати энергетика, нақлиёт, алоқа, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо аҳамияти бузурги иқтисодӣ

доранд.

Калидвожаҳо: энергетика, саноат, рушд, маҳсулот, интиқолдиҳандагони энергия.

ДОСТИЖЕНИЯ ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В УСЛОВИЯХ НЕЗАВИСИМОСТИ

Аннотация. В этой статье авторы исследуют и анализируют многообразие энергетической промышленности во время независимости. В то же время, многие разновидности имеет большое экономическое значение, в особенности энергетическая промышленность, транспорт, коммуникатсия, сельское хозайство и др. отрасли.

Ключевые слова: энергетика, промышленность, развитие, продукты, энергоносителями.

ACHIEVEMENTS OF THE ENERGY INDUSTRY IN THE CONDITIONS OF INDEPENDENCE

Anatatsion. In this article, the authors analyze the diversity of energy industry units since independence. At the same time, many of these diversities are of great economic importance, especially in the energy, transport, communications, agriculture, and other industries. areas.

Keywords: energy, industry, development, products, fuel.

ТАҶРИБАИ БОЗОРИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКАИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ (МИНТАҚАИ МЕКОНГИ БУЗУРГ) ВА ИМКОНОТИ ИСТИФОДАИ ОН ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Асоев Б. Х.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Энергетика соҳаи аз ҷиҳати стратегӣ муҳим барои ҳар як давлати иқтисодиёташ рушдёфта ва рушдкунанда арзёбӣ мегардад, дар ҳоле ки нақши электроэнергетика дар иқтисоди ҷаҳонӣ мунтазам меафзояд. Бо назардошти хусусиятҳои технологӣ, соҳаи электроэнергетика муддати тӯлонӣ соҳаи «маҳаллӣ» буд ва дар нимаи дуюми асри XX системаҳои энергетикӣ аз миқёси миллӣ ба сатҳи ҷаҳонӣ гузашт.

Баррасии самаранокии иқтисодӣ аз як тараф васеъшавии минбаъдаи миқёси системаҳои электроэнергетикиро талаб кунад, аз тарафи дигар, рақобатро дар соҳаи мазкур шиддат мебахшад. Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI соҳаи энергетика зери таъсири талаботҳое қарор гирифт, ки равандҳои танзимӣ ва ташкилӣ дар бозорҳои фаромиллии нерӯи баркро ба зиддиятҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ кард.

Таҷрибаи фаъолияти муттаҳидкунии бозорҳои энергетикӣ нишон медиҳад, ки афзалияти равандҳои интегратсионии соҳаи электроэнергетика коҳиш додани эҳтиёҷот ба захираҳои энергетикӣ бо сабаби баробаркунии сарбории нерӯи барқ (ҳам рӯзона ва ҳам солона) дар давлатҳои аъзо, васеъшавии бозорҳои нерӯи барқ ва дар натиҷа афзоиши сатҳи рақобат дар бозори нави муттаҳидшуда ба шумор меравад. Ҳамзамон, шабакаҳои мавҷудаи минтақавӣ ва байнидавлатии ҳамгирошудаи энергетикӣ аз ҷиҳати миқёс, сатҳи рушди механизмҳои

ниҳодӣ ва бозорӣ, сифати инфрасохтор ва воситаҳои маблағгузорӣ барои васеъкунӣ ва модернизатсияи онҳо фарқ мекунанд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи равандҳои интегратсионӣ дар бозорҳои электроэнергетикаи минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (минтақаи Меконги Бузург) ва имконоти истифодаи таҷрибаи онҳо дар бозори

Марҳилаҳо	**Ташаккули бозори электроэнергетикаи минтақавӣ**
I	Нерӯи барқ танҳо байни ду кишвар дода мешуд ва баъдтар имкон дод, ки тиҷорати наздисарҳадӣ байни ҳама аъзоҳои кишварҳои узви GMS ба роҳ монда шавад.
II	Он бо қобилияти хариду фурӯши байни ҳар як аъзои давлатҳои GMS бо истифода аз шабакаҳои давлати сеюми минтақавӣ тавсиф карда мешавад. Аммо дар ин марҳила, қобилияти мавҷудаи фаромарзӣ маҳдуд мегардид.
III	Рушди инфрасохтор барои тиҷорати наздисарҳадӣ ба тарафи сеюм, инчунин ба корхонаҳои ғайридавлатӣ.
IV	Бозори рақобати комили минтақавӣ дар марҳилаи 4 пешбинӣ шудааст, ки асоси он бояд таъсиси бозорҳои электроэнергетикӣ дар давлатҳои GMS бо бисёр ширкатҳои мустақил - харидорон ва фурӯшандагон бошад.

электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ мақсади асосӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, мо кӯшиш намудем, ки дар кори худ марҳилаҳои ташаккули бозори электроэнергетикаи минтақаи Меконги Бузургро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳем ва имконоти истифодаи баъзе аз таҷрибаи онҳоро дар бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ баҳогузорӣ намоем.

Минтақаи Меконги Бузург (GMS-The Greater Mekong Subregion) қаламрави васеъ (2,6 миллион километри мураббаъ) -и Осиёи Ҷанубу Шарқиро дар нимҷазираи Ҳиндустон ишғол мекунанд. Минтақа одатан панҷ кишвар (Мянма, Лаос, Таиланд, Камбоҷа ва Вьетнам), музофотҳои Юнан ва Гуанси-Чжуани Чинро дар бар мегирад. Дарёи Меконг аз ин давлатҳо мегузарад ё тавассути қисматҳои марзҳои давлатии онҳо берун меравад. Марҳилаҳои ташаккули бозори электроэнергетикаи минтақаи Меконги Бузург дар ҷадвали 3.3.1 оварда шудааст.

Ҷадвали 3.3.1.Марҳилаҳои ташаккули бозори электроэнергетикаи минтақаи Меконги Бузург Сарчашма: Ҷадвал дар асоси таҳлилу омӯзишҳои муаллиф таҳия гардидааст.

Бо назардошти хусусиятҳои иқтисодиёт ва равандҳои сиёсӣ дар давлатҳои мухталифи аъзои бозори электроэнергетикаи минтақаи Меконги Бузург муҳлати равандҳои интегратсионӣ барои марҳилаҳои ниҳоии 3 ва 4 муайян карда нашудааст ва аз бисёр ҷиҳат ба суръати либерализатсияи бозорҳои миллии электроэнергетика вобаста аст. Барои ташаккули бозори минтақавӣ фондҳои махсус бояд таъсис дода мешуд, лекин то вақти коркарди лоиҳаи GMS таъсис дода нашуданд. Рушди лоиҳаҳои содироти нерӯи барқ, аз ҷумла сохтмони хатҳои фаромарзӣ дар асоси шартномаҳои дуҷониба аз ҳисоби маблағҳои худи давлатҳои шарик амалӣ карда шуданд. Хатҳои фаромарзӣ, ки дар доираи ин лоиҳаҳо сохта шудаанд, ба ихтиёри ширкатҳои барқии кишварҳои ширкаткунанда, ки хатҳои интиқол дар ҳудуди онҳо ҷойгир буданд, дода шуданд.

Фаъолияти бозори электроэнергетика дар минтақави GMS бо ёрии ниҳодҳои ҳамоҳангсоз, ки дар асоси Барномаи GMS таъсис дода шудаанд, амалӣ карда мешавад. Ба ниҳодҳои ҳамоҳангсоз инҳо дохил

мешаванд: Форуми электроэнергетикии GMS, Кумита оид ба ҳамоҳангсозии савдои минтақавӣ, Гурӯҳи мақсаднок ва Гурӯҳи кории банақшагирӣ. Ҳеҷ кадоме аз ин ниҳодҳо котиботи расмии доимӣ надоранд, вале маҷлисҳои корӣ дар вақти зарурӣ гузаронида мешаванд. Нақши котиботро намояндагони ҳукумат ва ширкатҳои бузурги энергетикии давлатҳо, ки дар он ҷаласа баргузор мешавад, иҷро мекунанд[8, с.82-87].

Нархгузорӣ дар асоси созишномаҳои дуҷонибаи тарафҳои мушаххаси муомила аниқ ва арзиши ниҳоии амалиёт бо назардошти ҳама шароити барои ҷонибҳо муҳим муайян карда мешавад. Дар айни замон, ҷонибҳо барои транзити нерӯи барқ тавассути шабакаҳои интиқолии худ ҳеҷ гуна маблағ намегиранд.

Принсипҳои фаъолияти минтақавӣ ба ҷонибҳо имкон медиҳад, ки мустақилона дар асоси ҳамкориҳои мутақобилан судманд андозаи тарифро барои истифодаи шабакаҳои миллӣ муайян кунанд[8, с.31-53].

Осиёи Марказӣ аз об, захираҳои гуногуни энергетикӣ, аз ҷумла канданиҳои фоиданок (нафт, газ, ангишт) ва бахусус манбаҳои барқароршавандаи энергия (гидроэнергетика, шамолӣ ва офтобӣ) бой аст. Ин захираҳо аз талаботи дохилӣ зиёдтар мебошанд ва метавонанд содироти нерӯи барқро ба бозорҳои хориҷӣ таъмин кунанд. Ғайр аз ин, тақсими захираҳои обию энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва дастрасӣ ба он нобаробар мебошад. Дар баъзе ҳолатҳо инфрасохтори воқеӣ ҷавобгӯи талабот нест, системаҳои мавҷуда фарсудашуда, беэътимод ва ғайрисамарабахш мебошанд. Баъзе нуқтаҳои аҳолинишин имконияти таъмини кофии аҳолии худро бо нерӯи барқ дар мавсимҳои муайяни сол ба миқдори зарурӣ надоранд, баъзеи дигарашон бошад аз норасоии об танқисӣ мекашанд.

Инфрасохтори соҳаҳои энергетика ва обии ин кишварҳо муносибати минтақавиеро инъикос менамоянд, ки

банақшагирандагони марказии собиқи давлатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ истифода мебурданд ва ҳоло инфрасохтори мазкур қариб пурра аз байн рафтааст. Ин инфрасохтор мубодилаи захираҳои обӣ - энергетикиро аз сарҳадҳои маъмурӣ, ки он замон сарҳади давлатӣ набуданд, дарбар мегирифт.

Низоми идоракунии захираҳои обӣ, пеш аз ҳама ба сифати низоми обёрикунӣ тарҳрезӣ шуда буд ва нерӯи барқ, ҳамчун маҳсулоти ҳамроҳ истеҳсол карда мешуд. Сипас, низоми энергетикӣ бо назардошти ҷойгиршавии захираҳои гуногуни энергетикӣ тарҳрезӣ мешуд, ба монанди:

• Низоми интиқоли нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ ҳамчун як шабакаи минтақавӣ бо истифодаи содироти нерӯи барқ аз Ҷумҳурии Қирғизистон ва Тоҷикистон;

• Мубодилаи нерӯи барқ байни кишварҳои минтақа, тавассути Маркази танзимкунӣ, ки то имрӯз дар Ӯзбекистон ҷойгир аст;

• Системаи қубурҳои газ барои интиқоли он ба ҷануби Қазоқистон, Ҷумҳуриҳои Қирғизистон ва Тоҷикистон аз Туркманистон ва Ӯзбекистон;

• Коргоҳҳои коркарди нафт дар кишварҳои истеҳсолкунандаи нафт - Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон ҷойгир буданд ва маҳсулоти коркардшуда ба Ҷумҳурии Қирғизистон ва Тоҷикистон интиқол дода мешуданд.

• Истеъмоли ангишт аз сатҳи мавҷудияти ангишти маҳаллӣ ва имконияти истифодаи роҳи оҳан барои интиқоли ангишт вобаста буд [7, с.93-100].

Давлатҳои Осиёи Марказӣ дорои захираҳои зиёди энергетикӣ мебошанд. Дар баробари рушди иқтисодиёт, беҳтар гардидани соҳаи иҷтимоӣ ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ талабот ба таъминоти нерӯи барқ низ меафзояд. Ин ҳама дар навбати худ, ислоҳоти соҳаи

электроэнергетика, муайян намудани стратегияи рушди минбаъдаи он, аз он ҷумла ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсиониро дар соҳаи мазкур талаб мекунад.Ба ақидаи коршиносон, барои навсозӣ, ислоҳот ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар бозори электроэнергетикаи Осиёи Марказӣ сармоягузории калон талаб карда мешавад. Дар раванди ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар бозори электро-энергетикаи Осиёи Марказӣ сармоягузорони хориҷӣ ва донорҳои байналмилалӣ нақши муҳимро мебозанд. Дар стратегияи такмил ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи электроэнергетикаи тамоми давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҷалби ширкатҳои энергетикии хориҷӣ дар раванди навсозӣ ва рушди соҳаҳои энергетикаи миллӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Иштироки сармоя ва технологияи хориҷӣ дар навсозии соҳаи электроэнергетика дар Осиёи Марказӣ афзалиятҳои зиёдро ба бор меорад. Ғайр аз таҷрибаи истеҳсолӣ ва самаранокии истифодабарӣ, барои ҷуброни захираҳои маҳдуди молиявии дар ихтиёри соҳа буда, сармоягузории хориҷӣ низ лозим аст. Соҳаи электроэнергетика сармояи зиёдро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, баъд аз таҳлилу омӯзиши таҷрибаи бозори электроэнергетикаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (минтақаи Меконги Бузург) мо эҳтимолияти истифода ва ҷорӣ кардани баъзе аз онҳоро дар бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ пешниҳод менамоем:

1. Савдои байни ду давлати шарик бо истифода аз шабакаҳои давлати дигари аъзо бе мамоният ба роҳ монда шавад (дар ин марҳила ҳаҷми интиқол метавонад дар меъёри муайян маҳдуд бошад).

2. Инкишофи инфрасохтор барои савдои байнисарҳадӣ, ҳамзамон имконияти иштироки шахсони сеюм, ки ба ширкатҳои давлатӣ алоқаманд нестанд мавҷуд аст.

3. Фаъолияти бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ бо истифода аз ниҳодҳои ҳамоҳангсоз, аз он ҷумла Форум, Кумита, гурӯҳи мақсаднок ва гурӯҳи кории банақшагирӣ амалӣ мешавад (котиботи ниҳодҳои мазкур доимӣ набуда, вобаста ба зарурат дар давлатҳои аъзо, ки вохурӣ баргузор мегардад, ҷамъ меоянд).

4. Имконияти нагирифтани маблағ ё гирифтани маблағи ночиз барои транзити нерӯи барқ аз шабакаҳои худ, ҳангоми савдо байни давлатҳои Осиёи Марказӣ.

Адабиёт:

1. Абдувалиева Н.А. Перспективы и механизмы формирования энергетического кластера Центрально-азиатского региона / Дисс. к-та экон. наук: 08.00.05. – Душанбе, 2019. – 165 с.
2. Аминжонов Ф.С. Программа Центрально-азиатского регионального экономического сотрудничества как драйвер региональных энергетических проектов для укрепления энергетической безопасности в постсоветской Центральной Азии // Проблемы постсоветского пространства – Москва – 2019. – Том. 6. №2. С. 53-64.
3. Амуева У. Страны Центральной Азии планируют разработать единую стратегию развития генерирующих мощностей [Электроный ресурс] – Дата доступа 04.11.2019 г.
4. Анатоль, Б. К обеспечению безопасности и надежности поставок электроэнергии в Центральной Азии (Реформа рынка электроэнергии и защита инвестиций) / Б. Анатоль. – Москва, 2015. - 91 с.
5. Андреева Е.В., Клепиков В.И., Николаев А.Г. и др. Интеграция зарубежных рынков электроэнергии. Москва, январь 2017. – 121 с.

6. Ахророва А.Д., Сайдаминов И., Абидов У.А. Водно-энергетическая стратегия стран Центральной Азии в контексте экономической безопасности // Вестник Таджикского технического университета – Душанбе-2016.-№2/11 (220). С. 44-52.
7. Бахтияр Б.У., Смагулов К. Водноэнергетические проблемы Центральной Азии: Политика государств региона и перспективы развития ситуации // Центральная Азия и Кавказ. - 2011. - № 1 (14). - С. 93-100.
8. Русецкая, М. И. Анализ развития энергетических рынков мира / М. И. Русецкая, В. Н. Богурина; науч. рук. Е. П. Корсак // Актуальные проблемы энергетики [Электронный ресурс]: материалы 75-й научно-технической конференции студентов и аспирантов: секция "Экономика и организация энергетики" / сост. Т. Е. Жуковская. – Минск: БНТУ, 2019. – С. 82-87.

ТАҶРИБАИ БОЗОРИ ЭЛЕКТРОЭНЕРГЕТИКАИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ (МИНТАҚАИ МЕКОНГИ БУЗУРГ) ВА ИМКОНОТИ ИСТИФОДАИ ОН ДАР ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур ҷиҳатҳои назариявию амалии таҷрибаи бозори электроэнергетикаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (минтақаи Меконги Бузург) ва имконоти истифодаи он дар давлатҳои Осиёи Марказӣ мавриди назар қарор дода шудааст. Омӯзиши ҳамаҷонибаи равандҳои интегратсионӣ дар бозорҳои электроэнергетикаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (минтақаи Меконги Бузург) ва имконоти истифодаи таҷрибаи онҳо дар бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ мақсади асосӣ ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, мо кӯшиш

намудем, ки марҳилаҳои ташаккули бозори электроэнергетика минтақаи Меконги Бузургро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳем ва имконоти истифодаи баъзе аз таҷрибаҳои онро дар бозори электроэнергетикаи давлатҳои Осиёи Марказӣ баҳогузорӣ намоем.

Калидвожаҳо: Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Меконги Бузург, Осиёи Марказӣ, бозори электроэнергетика, марҳилаҳои ташаккул, таҷрибаи байналхалқии бозори электроэнергетика, равандҳои интегратсионӣ.

ОПЫТ РЫНКА ЭЛЕКТРОЭНЕРГИИ ЮГО-ВОСТОЧНОЙ АЗИИ (РЕГИОН БОЛЬШОЙ МЕКОНГ) И ЕГО ВОЗМОЖНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В СТРАНАХ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

Аннотация. В данной статье исследуются теоретические и практические аспекты опыта рынка электроэнергетики стран Юго-Восточной Азии (регион Большой Меконг) и его возможности использования в странах Центральной Азии. Основная цель являются комплексное исследование интеграционных процессов на рынках электроэнергетики Юго-Восточной Азии (регион Большой Меконг) и возможности использования их опыта на рынке электроэнергетики Центральной Азии. Поэтому, в своей статье мы постарались проанализировать этапы формирования рынка электроэнергетики в регионе Большого Меконга и возможности использования некоторого его опыта на рынке электроэнергетики стран Центральной Азии.

Ключевые слова: Юго-Восточной Азии, Большой Меконг, Центральной Азии, рынка электроэнергетики, этапы становления, международный опыт рынка электроэнергетики, интеграционные процессы.

EXPERIENCE OF THE ELECTRICITY MARKET OF SOUTH-EAST ASIA (GREAT MEKONG REGION) AND ITS OPPORTUNITIES FOR USE IN CENTRAL ASIAN COUNTRIES

Annotation. This article explores the theoretical and practical aspects of the experience of the electricity market in South-east Asia (the Greater Mekong region) and its possibilities of use in the countries of Central Asia. The main goal is a comprehensive study of integration processes in the electricity markets of Southeast Asia (the Greater Mekong region) and the possibility of using their experience in the electricity market of Central Asia. Therefore, in our article, we tried to analyze the stages of the formation of the electricity market in the Greater Mekong region and the possibility of using some of its experience in the electricity market of Central Asian countries.

Key words: Southeast Asia, Greater Mekong, Central Asia, electricity market, stages of formation, international experience in the electricity market, integration processes.

САНОАТ ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Давлатов Х.М., Шарифова Д.М. Рачабов А.Қ.

Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб

Дар даҳсолаҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ ҶШС Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ – аграрӣ табдил ёфта буд. Дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳиссаи маҳсулоти саноатӣ нисбат ба маҳсулоти кишоварзӣ зиёд буд. Соли 1991 шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон ба 2, 308 адад мерасид. Аз миқдори умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҶШС Тоҷикистон 425

ададаш корхонаҳои нисбатан калон буда, аз онҳо 207 корхонаҳои саноати вазнин ва 119 ададашон корхонаҳои саноати сабук буданд.

Вале баъд аз оне, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти хешро ба даст овард, як қатор монеаҳо ба рушди корхонаҳои саноатӣ таъсири манфӣ гузошт. Яке аз ин омилҳо сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Корхонаҳои саноатии Тоҷикистон аз соли 1996 инҷониб аксар зарардида ҳисоб мешаванд. Зеро, аз ин сол сар карда, ба ҷумҳурӣ дохил гардидани молҳои саноатии хориҷӣ хело афзуд. Дар ин давра аз як тараф аксарияти корхонаҳои саноатӣ фаъолият намекарданд, аз тарафи дигар он корхонаҳое, ки фаъолият мекарданд, маҳсулоташон бо молҳои ба ҷумҳурӣ дохил шуда рақобат карда наметавонистанд.

Дар солҳои охир таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ба сохтани корхонаҳои азим зиёд шудааст. Мувофиқи ахбороти Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ чунин соҳаҳои асосии саноат вуҷуд доранд:

1. Коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металҳои нодир;

2. Истеҳсоли ангишт (дар кони ангишти Шуроб, Фон-Яғноб [кокс] ва Назарайлоқ [антрасит]);

3. Истеҳсоли газ ва нафт (дар водии Вахш, Ҳисор, Хоҷа Сартез дар Кӯлоб ва вилояти Суғд);

4. Истеҳсоли металҳои ранга (арзиз, тилло, нуқра, сурб, синк, висмут, ртуть, вольфрам, молибден);

5. Саноати сабук (асосан коркарди пахта ва хӯрокворӣ);

6. Саноати кимиё (Комбинати кимиёи Ёвон, Заводи нуриҳои азотии ноҳияи Вахш);

7. Саноати масолеҳи сохтмонӣ;

8. Саноати мошинсозӣ;

9.Саноати пилла.

Саноат ва марҳилаҳои он. Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 ҷиҳати ба кор андохтани иқтидорҳои нав, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазиру воридотивазкунанда, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, густариши иқтидори содиротии кишвар ва дар ин замина таъмини иҷрои яке аз ҳадафҳое, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян гардидааст, яъне гузариши рушди иқтисодиёти кишвар аз аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ – аграрӣ як силсила тадбирҳои судманд амалӣ гардидаанд.

Дар натиҷа, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давраи ҳисоботи 16491,8 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13,5 фоиз афзудааст. Дар соҳаи саноати истихроҷ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 3538,6 млн. сомонӣ (суръати рушд 118,6 фоиз), дар соҳаи саноати коркард ба 9118 млн. сомонӣ (суръати рушд 115,2 фоиз) ва истеҳсоли нерӯи барқ, газ, гармӣ ва обтаъминкунӣ ба 3835,3 млн. сомонӣ (суръати рушд 107,5 фоиз) ташкил намудааст.Ҳаҷми номиналӣ ва рушди воқеии саноат дар нуҳ моҳи солҳои 2014-2018.

Тибқи маълумоти оморӣ дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ 105 корхонаю коргоҳҳои саноатӣ бо 1487 ҷойҳои нави корӣ, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе 20 корхона бо 151 ҷойи корӣ, вилояти Суғд 38 корхона бо 561 ҷойи корӣ, вилояти Хатлон 23 корхона бо 443 ҷойи корӣ, ВМКБ 4 корхона бо 184 ҷойи корӣ ва НТҶ 20 корхона бо 148 ҷойи корӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ оғоз намудаанд.

Бояд қайд намуд, ки сарфи назар аз афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот суръати рушди соҳаи саноат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 8,5 банди фоизӣ, аз ҷумла дар соҳаи саноати истихроҷ 4,7 банди фоизӣ, саноати коркард 7,8 банди фоизӣ ва истеҳсоли нерӯи барқ, газ, гармӣ ва обтаъминкунӣ 7,9 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Тибқи таҳлилҳо коҳишёбии суръати рушди соҳаи саноат нисбат ба суръати рушди ҳамин давраи соли гузашта асосан аз ҳисоби кам гардидани истихроҷи маводи энергетикӣ (-28,3 банди фоизӣ), гайриэнергетикӣ (-1,8 банди фоизӣ), истеҳсоли маҳсулоти хурокворӣ, якҷоя бо нушокиҳо ва тамоку (-14,4 банди фоизӣ), истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дузандагӣ (-26,3 банди фоизӣ), истеҳсоли ҳаргуна маснуоти ғайрифилизии маъданӣ (-14,3 банди фоизӣ), истеҳсоли нерӯи барқ (-7,9 банди фоизӣ) ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об (-9,1 банди фоизӣ) ба амал омадааст.

Дар давраи ҳисоботӣ афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи саноати истихроҷ асосан аз ҳисоби корхонахои ҶДММ «Ширкати металлургии Анзоб» (141,9 фоиз) ва КМ ҶДММ «Анзоб» (104,6 фоиз) таъмин гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиханд, ки соҳаи истихроҷ тамоюли коҳишёбӣ дорад, зеро дар нуҳмоҳи соли 2018-ум 118,6 фоиз рушд карда бошад ҳам, суръати рушди он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (123,3 фоиз) 4,7 банди фоизӣ кам шудааст.

Яке аз сабабҳои коҳиш ёфтани суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи истихроҷ ин пеш аз ҳама коҳишёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ҶДММ «Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой» мебошад, ки дар давраи ҳисоботӣ дар сатҳи 86,6 фоизи ҳамин давраи соли гузашта маҳсулот истеҳсол намудааст (дар нуҳмоҳи соли 2017 суръати афзоиш 117,2 фоиз).

Сабабҳои асосии коҳишёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи истихроҷ камшавии захирахои кон, чуқурӣ ва афзоиши дараҷаи душвории корҳои истихроҷӣ, коҳишёбии фоизнокии маъдан, ҳамзамон зиёдшавии ҳаҷми кислота дар таркиби маъдан ва мушкилот дар тартиби ҳисоби бонуси обунавӣ ва роялти барои истихроҷ мебошад.

Ҳамзамон коҳишёбии суръати истеҳсоли маҳсулот нисбат ба

ҳамин давраи соли гузашта дар корхонаҳои истихроҷи ангишт, аз ҷумла КФ Шахта «Фон-Ягноб» (8,5 банди фоизӣ кам), ҶДММ «Комбинати металлургии Тоҷик» (1,9 маротиба кам) ва ҶДММ «Талко ресурс» (27,7 банди фоизӣ кам) ба миён омадааст, ки боиси коҳишёбии суръати истеҳсоли маҳсулотдар соҳаи саноати истихроҷ гардид. Истихроҷи нафт дар 9 моҳи соли ҷорӣ 18017,0 тоннаро ташкил дода, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 336,2 тонна зиёд ва дар сатҳи 101,9 фоиз таъмин гардидааст. Истихроҷи газ бошад, хамаги 706,0 хаз.м^3-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 319,4 хаз.м^3 коҳиш ёфта, дар сатҳи 68,9 фоиз таъмин гардидааст. Сабаби асосии иҷро нагардидани нақшаи истихроҷи газ ин дар марҳилаи ниҳоии истихроҷӣ карор доштани конҳои нафту газ, пурра қатъ гардидани истихроҷи нафту газ дар кони гази «Сурхсимо» ва дар давраи ҳисоботи фаъолият накардани ҷамъиятҳои истихроҷкунандаи нафту гази «Сетос» ва «Суғднафтгаз» ба ҳисоб меравад. Аз ин ру аз ҷониби мақомоти мутасадди бартараф намудани мушкилоти ширкатхои истихроҷкунанда ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти зерсоҳаи истихроҷ, андешидани чораҳои сариваkти зарур арзёби мегарданд.

Мувофиқи маълумоти оморӣ дар давраи ҳисоботи аз 14 зерсоҳаи коркард ба ғайр аз ҳаргуна соҳаҳои саноат (94,7 фоиз нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта) дар дигар зерсоҳаҳо натиҷаҳои мусбӣ таъмин гардиданд.

Тамоюли нишондиҳандаҳои зерсоҳаҳои саноати коркард дар нуҳ моҳи соли 2018 (бо фоиз):

Дар давраи ҳисоботӣ зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи коркард нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта асосан аз ҳисоби ҶДММ «Кока-Кола Нушокихои Тоҷикистон» (141,0 фоиз), ҶСП

«Чунтай Данғара» (134 фоиз), ҶДММ “Хуаксин” Ғаюр Б. Ғафуров (126,5 фоиз), ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент» (113,3 фоиз), ҶСК «Сементи тоҷик» (131,2 фоиз),ЧСП «Норд азия металл» (2,3 маротиба) ва дигар корхонаҳо ба вуҷуд омадааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2018 барои истеҳсоли маҳсулоти нав ва таъсиси истеҳсолоти нав, воридоти таҷҳизоти технологӣ васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ дар соҳаҳои саноат 695,4 млн. сомонӣ маблағҳои дохилии корхонаҳо ва сармоягузорони хориҷӣ, аз ҷумла дар соҳаи саноати сабук ва пилла 11 корхона бо маблағи 204,1 млн. сомонӣ, дар соҳаи саноати маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои қиматбаҳо 3 корхона бо 192,4 млн.сомонӣ, дар соҳаи саноати мошинсозӣ, саноати мудофиа ва кимиё 1 корхона бо маблағи 96,0 млн. сомонӣ, дар соҳаи саноати масолеҳи сохтмон 10 корхона бо маблағи 95,8 млн. сомонӣ, дар соҳаи саноати хӯрокворӣ 8 корхона ба маблағи 79,8 млн. сомонӣ, дар соҳаи саноати ангишт 4 корхона бо маблағи 27,3 млн. сомонӣ равона гардидааст.

Аз ин лиҳоз, вазорату идораҳои масъул бояд ҷиҳати тақвияти истифодаи иқтидорҳои корхонаҳои ватанӣ, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва содиротӣ он ба кишварҳои хориҷӣ чораҳои зарури андешанд. Ҳамзамон таҳлилҳо нишон медиханд, ки дар давраи ҳисоботи дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ 19,4 млн. қуттии шарти консерваҳои меваю сабзавот истеҳсол карда шудааст, ки дар сатҳи ҳамин давраи соли гузашта буда, бо назардошти афзоиши истеҳсоли ашёи хом, аз ҷумла мевагиҳо ва сабзавот ва мавҷудияти иқтидорҳои истеҳсолӣ нокифоя арзёбӣ мегардад. Тибқи маълумоти оморӣ ҳанӯз бозори истеъмолии кишвар қисман аз маҳсулоти консервашудаи

воридоти таъмин мегардад. Бояд қайд кард, ки аз шумораи умумии корхонаҳои консервабарорӣ 14 адади онҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро коҳиш дода, 1 адад корхона дар давраи ҳисоботӣ тамоман маҳсулот истеҳсол накардааст. Яке аз сабабҳои асосии коҳишёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои консервабарорӣ ва фаъолият надоштани онҳо ин пеш аз ҳама фарсудашавии таҷҳизотҳои истеҳсолии корхонаҳо мебошад. Бинобар ин, Вазорати саноат ва технологияҳои навро зарур аст, ки якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот ва азнавтаҷҳизонии корхонаҳои соҳа тадбирҳо андешанд.

Адабиёт:

1. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих “Ирфон”, с1997.
2. Таджикистан в цифрах-Душанбе 2000с
3. Нидоев Н.Ф “таъмини истиқлолияти иқтисодӣ ва суботи иҷтимои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”боби 2 саҳ68-92.
4. Муҳабатов Х.М Диловаров Р.Д. Раҳимов М.Р “Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон” боби 3-45 саҳ 32-143.

САНОАТ ЯКЕ АЗ ОМИЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Аннотатсия. Солҳои охир Ҳукумати кишвар дар бунёди корхонаҳои калон саҳми азим гузошта истодааст.Ин имконият медиҳад, ки иқтидорҳои нав истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазирро тақвият бахшем, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, рушди иқтидорҳои содиротии кишварро таъмин намоем ва

дар ин замина ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллии худ, саноатикунонии кишвар бирасем.

Калидвожаҳо: саноат, аграрӣ, иқтисодиёт, истеҳсолот.

ПРОМЫШЛЕННОСТЬ - ОДИН ИЗ ФАКТОРОВ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

Аннотация. В последние годы Правительство страны внесло значительный вклад в создание крупных предприятий. Это позволит нам создать новые мощности, заменить производство новой конкурентоспособной продукции, обеспечить эффективное использование существующих потенции, обеспечить развитие экспортного потенциала страны и на этой основе достичь одной из наших национальных стратегических целей - индустриализации.

Ключевые слова: промышленность, сельское хозяйство, экономика, производство.

INDUSTRY IS ONE OF THE FACTORS OF ECONOMIC DEVELOPMENT IN THE INDEPENDENCE

Anatatsion. In recent years, the country's government has made a significant contribution to the creation of large enterprises. This will allow us to create new capacities, replace the production of new competitive products, ensure the effective use of existing potential, ensure the development of the country's export potential and, on this basis, achieve one of our national strategic goals - industrialization.

Key words: industry, agriculture, economy, production**.**

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ БАЗАИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Тағоев Ҷ.Ҳ., Ҳисайнов Н.А.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вилояти Хатлон яке аз вилоятҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, айни замон нақши он дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар ниҳоят бузург мебошад. Аз ҷиҳати шумораи аҳолӣ, майдонҳои кишт ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиву саноатӣ аз дигар минтақаҳои кишвар бартарӣ дорад. Ҳудуди умумии вилоят 24,6 ҳазор км^2 мебошад, ки 17%-и ҳудуди умумии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Иқлими вилоят хушк буда, ҳарорат дар тобистон ба 48 дараҷа (гармӣ) ва дар зимистон то ба 20 дараҷа (хунукӣ) мерасад. Аз лиҳози маҳмурӣ аз 24 ноҳия, 21 шаҳрак ва 133 ҷамоату деҳот иборат аст [1. с. 6-7] .

Маҷмӯи маҳсулоти умумии вилояти Хатлон дар соли 2020 22,1 млрд. сомониро ташкил медиҳад, ки ин 27% -и ММД ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Аҳолии вилояти Хатлон 3348,3 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад, ки ба ҳисоби фоиз 36,0%-и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти мазкур зиндагӣ мекунанд. Аҳолии шаҳрии вилоят 599,6 ҳаз нафар, аҳолии деҳоти буда, 2748,7 ҳазор нафар мебошад. Аҳолии машғули кори вилоят 473,2 ҳазор нафар, дараҷаи бекорӣ 15,7 ҳазор нафарро ташкил медиҳад [2. с. 8] .

Дар вилояти Хатлон дар соли 2019, 595 корхонаҳои саноатӣ фаъолият мекард, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо ба маблағи 8661099,7 ҳазор сомонӣ мебошад. Соли 2019 нисбати соли 2014 шумораи корхонаҳои саноатӣ ба миқдори 30 адад ё ин ки 5,3% афзудааст. Аз шумора 595 корхонаи саноати дар вилоят 91 адади он корхонаи саноати истихроҷи маъдан, 438 адади корхонаҳои саноати сабук, 30 адад корхонаҳои таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво, 36 адад он корхонаҳои

таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастраси коркарди дуюминдараҷа мебошанд [3. с. 67-68].

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**						**Афзоиш дар соли 2019 нисбат ба соли 2014 бо фоиз**
	2014	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	
Маҷмӯи корхонаҳои саноатӣ	565	577	537	591	583	595	+5,3
Аз он ҷумла:							
Саноати истихроҷи маъдан	46	53	62	81	84	91	+97,8
Корхонаҳои саноати сабук	477	478	427	457	435	438	-8,2
Корхонаҳои таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво	30	30	30	30	30	30	0
Корхонаҳои таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастраси коркарди дуюминдараҷа	12	16	18	23	34	36	+200

Ҷадвали 1. Динамикаи рушди корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар солҳои 2014-2019 Сарчашма: Ҷадвал дар асоси омӯзишу таҳлил аз ҷониби муаллифон таҳия гардидааст.

Ҳамин тариқ, шумораи умумии корхонаҳои саноатии дар давраи соҳибистиқлолии кишвар дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бунёд

гардида аввали соли 2021 ба 620 расидааст, ки аз ин ҳисоб 37 корхонаи он дар соли 2020 таъсис ёфтааст ва бояд қайд намуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба имконияту захираҳои вилоят тамоман паст мебошад. Дар соли 2020 –ум 77 корхонаи саноатӣ аз фаъолият бозмонда, фаъолияти 27 корхона пурра қатъ гардидааст.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилоят соли 2020 ба 8,8 миллиард сомонӣ расонидашуда, нисбат ба соли 2019 ҳамагӣ 0,7 фоиз афзоиш ёфтааст ва дар 4 шаҳру ноҳия (Ёвон, Ҷайҳун, Дӯстӣ ва Шамсиддини Шоҳин) кам шудааст.

Дар ин давра аз 163 номгӯйи маҳсулоти саноатии дар вилоят тавлидшаванда суръати афзоиши иистеҳсоли 61 номгӯйи он (37 фоиз) нисбат ба соли 2019 таъмин нагардидааст [4, с.12].

Дар соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 870256 тонна зироатҳои ғалладона истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 105,8 фисадро ташкил медиҳад. Аз ҳаҷми умумии истеҳсоли ғалладонагиҳо ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ- 5,6 фисад, хоҷагиҳои деҳқонӣ- 58,5 фисад ва хоҷагиҳои шахсӣ- 36,0 фисадро ташкил медиҳад. То 1-уми январи соли 2020 дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии вилоят 266789 тонна(мувофиқи шакли 17-ВҚ-вазни кондитсионӣ) пахта истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 88029,4 тонна зиёд шуда 149,2 фисадро ташкил медиҳад.

Дар соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 222943 тонна картошка истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 103,0 фисадро ташкил медиҳад. Аз ҳаҷми умумии маҳсулоти картошка ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ- 4,5 фисад, хоҷагиҳои деҳқонӣ- 49,8 фисад ва хоҷагиҳои аҳолӣ- 45,7 фисадро ташкил медиҳад.

Дар соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 1258993 тонна сабзавот истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 5,1 фисад зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии истеҳсоли сабзавот ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ-

3,9 фисад, хоҷагиҳои деҳқонӣ – 53,7 фисад ва хоҷагиҳои аҳолӣ – 42,4 фисадро ташкил медиҳад.

Дар соли 2019 хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонии вилоят аз майдони 19781 гектар сабзавот ҷамъоварӣ намуданд, ки нисбат ба соли 2018-ум 67 гектар кам шуда 99,7 фисадро ташкил медиҳад. Аз майдони умумии ҷамъоварӣ кардашуда 570417 тонна ҳосил гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 22953 тонна ё 4,2 фисад зиёд мебошад. Ҳосилнокии сабзавот аз як гектар 288,4 сентнериро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2018-ум 12,5 сентнер ё 4,5 фисад зиёд мебошад.

Дар соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 558908 тонна полезӣ истеҳсол карда шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 9,1 фисад зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии истеҳсоли полезӣ ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ- 2,8 фисад, хоҷагиҳои деҳқонӣ- 74,8 ва хоҷагиҳои шахсӣ- 22,4 фисадро ташкил медиҳад. Дар соли 2019 хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонии вилоят аз майдони 12453 гектар полезӣ ҷамъоварӣ намуданд, ки нисбат ба соли 2018-ум 1220,7 гектар зиёд шуда 110,9 фисадро ташкил медиҳад. Аз майдони умумии ҷамъоварӣ кардашуда 351675 тонна ҳосил гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 33583,1 тонна зиёд мебошад.

Ҳосилнокии полезӣ аз як гектар 282,4 сентнериро ташкил дод, ки ба ҳамин давраи соли 2018-ум баробар мебошад [5. с.17].

Номгӯи маҳсулотҳо	Соли 2018	Соли 2019				Соли 2019 нисбат ба соли 2018, ба ҳисоби фисад
		Хоҷагиҳои ҷамъиятӣ	Хоҷагиҳои деҳқонӣ	Хоҷагиҳои шахсӣ	Ҳамагӣ	
Ғалладона	822560	48430	508910	312916	870256	105,8

Пахта	178760	43312	223477	-	266789	149,2
Картошка	216540	10103	110959	101881	222943	103,0
Сабзавот	1198323	48697	676635	533661	1258993	105,1
Полезиҳо	512434	15857	417888	125163	558908	109,1
Меваҷотҳо	188463	6844	84432	110259	201534	106,9

Ҷадвали 2. Истеҳсоли маҳсулотҳо дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2019

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди ҲҶТ. – вилояти Хатлон, 2020. - с.18-23 ва ҳисобкуниҳои муаллифон тартиб дода шудааст.

Таҳлили сохтори парки техникии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон нишон дод, ки соли 2020 миқдори трактороҳо ба 13045 адад, комбайнҳои ғалладарав 475 мошинҳои пахтачинӣ 12 ва автомобилҳои боркаш ба 331 адад расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2014 трактороҳо 4497 адад, комбайнҳои ғалладарав 196 адад, мошинҳои пахтачинӣ бошад соли 2020 нисбати соли 2014 2 адад зиёд гардидааст. Автомобилҳои боркаш бошад дар давраи таҳлилӣ ба миқдори 590 адад кам гардидааст. [6. с.460-463] (ниг. ҷадвали 3).

Солҳо	***Ҷумҳурии Тоҷикистон***			
	Трактороҳо	**Комбайнҳои ғалладарав**	**Мошинҳои пахтачинӣ**	**Автомобилҳои боркаш**
2014	10446	447	122	3167
2015	9197	375	106	2575
2016	26102	980	99	2777
2017	26405	1021	96	2249

2018	27134	1024	67	2470
2019	27776	1099	70	1790
2020	27376	1068	95	1684
Вилояти Хатлон				
2014	4497	196	-	921
2015	4021	150	-	759
2016	12230	406	-	701
2017	12144	455	-	462
2018	12639	468	10	803
2019	13155	486	12	357
2020	13045	475	12	331

Ҷадвали 3. Динамикаи миқдори техникаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон тайи солҳои 2014-2020

Сарчашма: Ҷадвал дар асоси маълумотҳои "Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ, маҷмӯаи оморӣ", // Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон– 2021с. –с. 460- 463. ва ҳисобкуниҳои муаллифон тартиб дода шудааст.

Барои ташаккул ва рушди базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзии вилоят бояд дастгирии давлатӣ ва чораҳои танзимкунии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ (қарзҳо бо фоизи паст, барномаҳои истифодабарӣ, барномаҳои лизингӣ ва ғайра) диққати махсус дода шавад. Айни замон Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарони корхонаҳои кишоварзӣ барои гирифтани кумаки молиявӣ ва кумаки молиявии беподош ёрӣ мерасонад. Дар натиҷа, танҳо як қисми ками истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ кумаки давлатӣ мегиранд, боқимонда кӯшиш

мекунанд, ки дар иқтисоди бозорӣ «зинда монанд». Барномаҳои мукаммали давлатӣ оид ба дастгирии истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони техникаи кишоварзӣ барои ҳамаи корхонаҳои кишоварзӣ таҳия ва ҷорӣ карда шудааст. Инчунин корхонаҳои кишоварзӣ аз намудҳои нави техникаи кишоварзии ватанӣ, ки нисбат ба рақибони хориҷӣ бартарӣ доранд (натанҳо аз ҳисоби нархи пасттари техникаи кишоварзӣ, балки аз ҳисоби камхароҷот будан) истифода мебаранд.

Маҳсулоти кишоварзии воридотивазкунанда ва тағйир додани самти истифодаи ҳадди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ барои истеҳсоли техникаи кишоварзӣ занҷирҳои байнисоҳавиро ба вуҷуд меорад, инчунин барои рушди соҳаҳои кишоварзию саноат ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ имкон фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, базаи моддию техникии истеҳсолоти кишоварзии вилояти Хатлонро таҳлилу таҳқиқ намуда, чунин натиҷагирӣ намудем.

1. Ба андешаи мо дар вилоят тарзи истифодабарии базаи моддӣ-техникиро аз рӯи номгӯй ва шумораи таҷҳизотҳои мавҷудбуда, соли истифодабарии он ва дараҷаи автоматикунонӣ, таносуби қисми фаъол ва ғайрифаъоли фондҳои асосӣ, дараҷаи аз ҷиҳати энергетикӣ пурра таъмин будани истеҳсолот ва дигарҳо баҳо додан беҳтар аст.

2.Барои дар сатҳи баланд дастрас намудани маҳсулотҳои кишоварзӣ аз техникаҳои муосир истифода баранд ва дар як муддати кӯтоҳ теъдоди зиёди техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ мавриди истифода қарор дода шавад, захираҳои дахлдори тухмиҳо, хӯрока ва дигар воситаҳо ба вуҷуд оварда шаванд.

3. Самаранокии истифодаи воситаҳои моддию техникии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзии вилоят аз бисёр ҷиҳат ба мавсимии истеҳсолот вобаста аст. Мӯҳлати корӣ бо вақти истеҳсолот мувофиқат намекунад, бисёр мошинҳо дар соҳаи кишоварзӣ ҳамагӣ чанд рӯз дар як сол истифода мешаванд. Вобаста ба ин, хароҷоти иловагӣ барои нигоҳдории мошинҳо

талаб карда мешаванд, зарурат барои ташкили захираҳои тухмӣ, хӯрок ва ғайра ба миён гузошта шавад.

4. Қисми ҷудонопазирии базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзиро заминҳои корам ташкил мекунад, ки ҳосилхезии он гуногун аст ва барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот хароҷоти ҳархела талаб мекунад, аз ин хотир барои кам намудани хароҷотҳо аз заминҳои обӣ зиёдтар истифода намоянд.

5. Базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзии вилоят бояд бо таъминоти моддию техникии дигар қисматҳои маҷмӯи агросаноатии ҷумҳурӣ, ки нигаҳдорӣ, коркард, интиқол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзиро анҷом медиҳанд, алоқаи зич дошта бошад.

Адабиёт:

1. Барномаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020. – С.6-7.
2. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 2014-2019 // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Бохтар – 2020с. – С. 8.
3. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 2014-2019 // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Бохтар – 2020с. – С. 67-68.
4. Суханронии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохурӣ бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон, ноҳияи Кӯшониён 26 марти соли 2021 / ҷумҳурият №60-61 санаи нашр 29.03.2021.
5. Вазъи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон январ – декабр // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон. Бохтар – 2019с. – С. 17.

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ БАЗАИ МОДДӢ-ТЕХНИКИИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур вазъибазаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудааст. Барои он, ки истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ дар вилоят муваффақона пеш равад ва рақобатпазирии он боло бурда шавад, механизми дурусти тарҳрезӣ ва истифодаи базаи моддӣ –техникиро дурӯст ба роҳ мондан лозим аст.

Муаллифон байён намудаанд, ки ҷустуҷӯи намудҳои нави техникаҳои муосир ва бунёди шароитҳои мувофиқ барои коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини иқтисодиёти муосир, алалхусус соҳаи кишоварзии вилоят ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: техника, заминҳои кишоварзӣ, заминҳои обӣ, захира, базаи моддию техникӣ, воситаҳои моддию техникии истеҳсолот, истеҳсолоти кишоварзӣ.

АНАЛИЗ ПОЛОЖЕНИЕ МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКОЙ БАЗЫ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

Аннотация. В статье анализируется и оценивается материально-техническая база аграрного сектора Хатлонской области.Для успешного развития сельскохозяйственного производства в регионе и повышения его конкурентноспособности необходимо наладить надлежащий механизм проектирования и использования материально-технической базы.

Автор констатирует, что поиск новых видов современной техники и создание благоприятных условий для переработки сельхозпродукции - одна из важнейших задач современной экономики, особенно в аграрном секторе региона.

Ключевые слова: техника, земли сельскохозяйственного назначения, орошаемые земли, резервы, материально-техническая база, материально-технические средства производства, сельскохозяйственное производство.

ANALYSISTHE POSITION OF THE MATERIAL AND TECHNICAL BASE OF AGRICULTURE OF THE KHATLON REGION

Anatatsion. The article analyzes and evaluates the material and technical base of the agricultural sector of the Khatlon region.For the successful development of agricultural production in the region and increasing its competitiveness, it is necessary to establish an appropriate mechanism for the design and use of the material and technical base.

The author states that the search for new types of modern technology and the creation of favorable conditions for the processing of agricultural products is one of the most important tasks of the modern economy, especially in the agricultural sector of the region.

Key words: machinery, agricultural land, irrigated land, reserves, material and technical base, material and technical means of production, agricultural production.

РАҚОБАТ ҲАМЧУН ШАРТИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИ УСТУВОР

Аллашукуров Б. Э.

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ таваҷҷуҳи олимони ватанӣ ба таҳқиқи илмии проблемаҳои иқтисоди миллӣ хеле афзудааст. Сабабаш ин аст, ки Тоҷикистон дар марҳилаи таърихии муосир давлати ягонаву мукаммали иборат аз минтақаҳои гуногуни ба ҳам алоқаманд буда, ҳар яке аз ин минтақаҳои дорои захираҳои

мухталифи табиӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва захираҳои дигар мебошанд ва аз лиҳози сатҳи иқтисодию иҷтимоӣ низ тафовут доранд.

Ҳамзамон, дар ҳоли ҳозир дар адабиёти ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми «минтақа» нуқтаи назари ягона ташаккул наёфтааст ва аз ин сабаб таърифи аз ҷониби умум эътирофгардидаи он то ҳол вуҷуд надорад. Бинобар ин, баррасӣ намудани истилоҳи «минтақа», ки муаллифони гуногун тафсири додаанд, ба мақсад мувофиқ хоҳад буд. Э.В. Алёхин менависад, ки мафҳуми «минтақа» дар ИҶШС соли 1975 аз ҷониби академик Н.Н. Некрасов ҳангоми тақсими қаламрави мамлакат ба макроминтақаҳо ҷорӣ карда шудааст.

Дар асари назариявии худ зери унвони «Иқтисоди минтақавӣ. Назария, проблемаҳо, усулҳо («Региональная экономика. Теория, проблемы, методы») Н.Н. Некрасов зери мафҳуми минтақа ҳудуди калони мамлакатро бо шароити табиии каму беш якҷинс ва самти хоси рушди қувваҳои истеҳсолкунанда дар заминаи захираҳои табиӣ, базаи моддӣ-техникӣ, зерсохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ мефаҳмад. Ба андешаи О.С. Пчелинтсев, минтақаҳо табиати духела доранд. Аз як тараф, минтақаҳо сохторҳои гуногунҷабҳаи экологӣ-иҷтимоӣ-иқтисодие мебошанд, ки танҳо қобили таҳқиқи байнифаннӣ мебошанд. Аз тарафи дигар минтақа ҷузъи сохтори фазоии иқтисод, яъне навъи махсуси системаҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар заминаи рушди ҳамгирои истеҳсолот, аҳолӣ ва захираҳо ба миён меояд.

Аз таснифҳои зикршудаи мафҳуми «минтақа» чунин бармеояд, ки асоси онро се ҷузъи таркибӣ ташкил медиҳад:

- Аломати ҳудудӣ;
- Махсусгардонии иқтисодӣ;
- Робитаҳои дохилихоҷагии нисбатан сарбаста.

Дар назарияи илмҳои муосир «минтақа»-ро чун системаи дорои вазифаву ҷанбаҳои сершумор таҳқиқ мекунанд. Бештар аз ҳама якчанд парадигмаи «минтақа» маъмул мебошанд масалан:

1) «Минтақа» ҳамчун шабеҳаи давлат (квази давлат). Ин зерсистемаи нисбатан ҷудогонаи давлат ва иқтисоди миллӣ мебошад. Дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон дар минтақаҳо тамоми функсияву захираҳои молиявие гирд оварда мешаванд, ки пештар ба «марказ» тааллуқ доштанд (равандҳои ғайримутамарказонӣ ва федерализатсия). Яке аз функсияҳои асосии ҳокимияти минтақавӣ ин танзими иқтисоди минтақа мебошад. Ҳамкории мақомоти ҳокимияти умумидавлатӣ ва минтақавӣ, инчунин шаклҳои гуногуни муносибатҳои иқтисодии байниминтақавӣ (масалан, дар чорчӯбаи иттиҳодияҳои ҳамкории иқтисодӣ) фаъолияти иқтисодиёти минтақаҳоро дар системаи иқтисоди миллӣ таъмин мекунанд;

2) «Минтақа» ҳамчун шабеҳаи ширкат (корпоратсия). «Минтақа» чун субъекти калони моликияти (минтақавӣ ва маҳаллӣ) иқтисодӣ баромад мекунад. «Минтақа»-ҳо аз лиҳози иқтидори захиравӣ барои рушд аз ширкатҳо мондани надоранд. Тавсеаи мустақилияти минтақаҳо (тавассути додани ҳуқуқҳои иқтисодӣ аз «марказ») аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти иқтисодӣ ба шумор меравад;

3) «Минтақа» ҳамчун бозор. Аз ин нуқтаи назар ба шароити умумии фаъолияти иқтисодӣ (фазои соҳибкорӣ) ва хусусиятҳои бозорҳои минтақавии молу хизматрасонӣ, меҳнат, захираҳои кредиту молия, коғазҳои қиматнок, иттилоот, дониш ва дороиҳои дигар диққат дода мешавад;

Дар доираи ин парадигма «минтақа» ба ҳайси инҳо баромад мекунад:

- қисми фазои иқтисодии ҷаҳон, ки дар ҳамроҳшавӣ ба иқтисоди ҷаҳон аз базаи захиравӣ ва озодии муайяни амал бархурдор аст;

- воҳиди худкифо дар комплекси хоҷагии халқи мамлакат, ки ба он ҳуқуқу масъулияти муайян дода шудааст;

- субъекти комплекси хоҷагии халқи мамлакат, ки технологияҳои муосири идораи минтақаҳои водӣ, наздикӯҳӣ ва кӯҳиро ба мақсади ҳосил намудани сохтори беҳтарини маҷмӯи маҳсулоти ҷумҳуриявӣ гирд меорад;

- қисми системаи миллии инноватсионӣ, ки татбиқи амалии нишондиҳандаву самтҳои мақсадноки онро таъмин мекунад.

Парадигмаи нави рушди иқтисоди миллӣ, ба фикри Е.В. Беляков дар заминаи технологияҳои нави иттилоотӣ, иқтисодиёти «дониш», назари нав ба арзёбии истифодабарии базаи захираи худ, ки инъикосгари тамоюлоти нави ҷаҳонист ва сохторҳои нави ташкилӣ бар асоси рушди равандҳои ҳамгироӣ баррасӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, аз афкори муаллиф бармеояд, ки моҳияти парадигмаи нави рушди минтақаӣ аз ин иборат аст, ки дар шароити муосир минтақаҳо на танҳо қисми иқтисоди миллӣ мебошанд, балки дар муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ҳам фаъолона ширкат меварзанд, яъне дар воқеъ қисми системаи иқтисоди ҷаҳонӣ ва миллӣ ҳастанд.

Дар сурати фароҳам омадани омилҳои мусоиди бозоргонӣ корхонаҳо кӯшиш мекунанд имкониятҳои худро дар бозори байналмилалӣ амалӣ карда, муносибатҳоро бо минтақаву корхонаҳои алоҳидаи мамлакатҳои дигар ба роҳ монанд.Рушди равандҳои рақобат дар ҳама сатҳҳои системаи иқтисодӣ (сатҳи макро, миёна (мезо-) ва микро-) ногузир ба ташаккули рақобатпазирии як объект нисбат ба объекти дигар оварда мерасонад. Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ солҳои охир (пас аз инкори дурударози илмӣ) самти рақобатпазирии минтақа ҳамчун қобилияти фароҳамсозии шароит дар бозори дохилӣ ва берунӣ ё ҳосилнокии истифодабарии захираҳо инкишоф ёфтааст.

Ташкилёбии минтақа ба субъекти муносибатҳои рақобат ба маънои ташаккули хосияту стандартҳои нави сифати ин система бо номи «минтақа» мебошад. Он талаботи нигоҳдорӣ ва рушд додани субъекти иқтисодӣ дар шароити рақобат коркунандаро инъикос мекунад. Дар шароити «иқтисоди нав» рақобатпазирии минтақа яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳамзамон, мавзӯи таҳлили назариявии иқтисодӣ мегардад.

Рақобатпазирии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қобилияти татбиқи вазифаи асосии мақсадноки фаъолияти он — рушди устувори иҷтимоию иқтисодии он дар минтақа бо таъмини сифати баланди зисти аҳолии он мебошад. Рақобатпазирӣ тавассути бартариҳои рақобат татбиқ карда мешавад, ки ба гурӯҳҳои аломатҳои базавӣ (заминавӣ) ва таъминкунанда (ё амиқ) ва зоҳирии рақобатпазирии минтақа тақсим карда шудаанд. Ба гурӯҳи якум (аломатҳои базавӣ) захираҳои табиии ашёи хом, захираҳои меҳнатӣ ва сатҳи тахассуси онҳо, иқтидори илмию идорӣ, заминаи истеҳсолӣ; ба гурӯҳи дуюм - фазои соҳибкорӣ, сифати иқтидори идорӣ, арзиши қувваи корӣ, зерсохтор дохил мешаванд. Чунин сиёсат дар дурнамои дарозмуддат натиҷаи мусбат дода наметавонад.

Ба назари як қатор муҳаққиқон шарти заминагузори рушди иқтисодӣ ва густариши рақобатпазирии ҷумҳурӣ такрористеҳсоли васеи сармоя мебошад. Дар шароити экстремиалии истеҳсол таъмини ҳаёту фаъолияти аҳолӣ, ки дар як қатор минтақаҳои мамлакат вуҷуд доранд, инҳоянд:

- сатҳи пасти истеҳсоли молу хизматрасонӣ чун таҷассуми пошхӯрии иқтисоди минтақа;
- иқтидори сусти зеҳнии баъзе минтақаҳо ва сатҳи пасти таъмини иҷтимоии аҳолии мамлакат бо имкониятҳои худии минтақа ва ғайра.

Асосан се консепсияи асосии таъмини рақобатпазирии минтақаро нишон медиҳад:

- усули кластерӣ;
- рушди системаи инноватсионии минтақа;
- омилҳои имконпазири ташаккули рақобатпазирии минтақа.

Кластери ин гурӯҳҳо «анбӯҳҳо»-и субъектони хоҷагидори бахшҳои воқеӣ ва молиявии иқтисоди минтақавӣ дар чорчӯбаи соҳаҳои алоҳида ё ташкилотҳои ҷудогона мебошанд, ки дар бозор мавқеи пешсафро ишғол менамоянд. Ҳамин тавр, баҳри баланд бардоштани рақобатпазирии ҷумҳурӣ сиёсати минтақавии фаъолро пеш бояд бурд, ки он ба ташаккули ташкилотҳои кластерӣ дар системаи иқтисоди миллӣ равона шудааст. Моҳияти консепсияи кластер дар ҳамин зоҳир мегардад.

Дар хулоса ҳаминро қайд мекунем, ки бо вуҷуди нуфузи шинохташудаи назарияи рақобатпазирии ҷумҳурӣ, аҳамияти он дар илми иқтисоди муосир, инчунин таваҷҷуҳи рӯзафзун ба он аз ҷониби иқтисодчиёну сиёсатмадорон, олимони алоҳидае ҳам ҳастанд, ки ғояи рақобатпазирии давлат ва ҳам минтақаҳои алоҳидаи онро танқид мекунанд. Масалан, ҷоизадори Нобел (с. 2008) Пол Кругман мегӯяд, ки рақобатпазирӣ дар мавриди иқтисоди миллӣ маъное надорад ва таваҷҷуҳ ба рақобатпазирӣ иштибоҳноку хатарнок аст. Барои тасдиқи гуфтааш ин олим чунин далелҳоро меорад:

- таваҷҷуҳи беш ба манзараи рақобати мамлакатҳо инро рад мекунад, ки аксарияти мушкилоти иқтисодӣ аз омилу сабабҳои дохилӣ бармеоянд
- омилҳое, ки ба савдо дар бозори байналмилалӣ вобастагӣ надоранд, яъне сатҳи зист якҷоя бо афзоиши ҳосилнокӣ баланд мешавад, на бо мурури афзоиши ҳосилнокӣ нисбат ба мамлакатҳои дигар;

- симои малакатҳои рақиб дар сатҳи эҳсос хулосаҳои савдои байналмилалиро инкор мекунад, боигарии мамлакат бо махсусгардонии байналмилалӣ ва истифодабарии бартариҳо алоқаманд аст, бинобар ҳамин пайравӣ аз консепсияи «рақобатпазирии миллӣ» протексионизм ва ҷангҳои тиҷоратиро ба бор оварда метавонад;

- дар мавриди давлат истифода бурдани мафҳуми «рақобатпазирӣ» ба ҷои корхонаи тиҷоратӣ маънои маҷозӣ дорад, зеро давлат дар қиёс бо корхона ченаки рақобатпазирӣ, тавозуни фоидаву зарар надорад ва дар натиҷаи муфлисшавӣ аз байн намеравад; - таваҷҷуҳи беш ба рақобатпазирии байналмилалӣ боиси дастгирӣ ёфтани соҳаҳои камҳосили иқтисоди миллӣ ва пастшавии стандартҳои ҳаётии он шуда метавонад.

Албатта, хулосаҳои П. Кругман дурустанд, ақаллан барои он ки хулосаҳои барандаи ҷоизаи Нобел ҳастанд. Лекин, ба андешаи мо, мавҷудияти чунин ақидаҳо аз мураккабии худи мафҳуми «рақобатпазирӣ», сермаъноии он ва норасоии омӯзиши методологияи таҳқиқи объектҳои мухталифи рақобатпазирӣ, хусусан дар сатҳи макроиқтисодӣ дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, дигаргуншавии муносибатҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 1990-ум ба густариши равандҳои минтақавишавии хоҷагии халқ мусоидат намуда, ҷараёни рақобати байни мамлакатҳоро шадидтар гардонид ва зарурати баландбардории рақобатпазирии ҷумҳуриро бедор кард. Дар ин ҳангом ҷумҳурӣ на танҳо қисми иқтисоди миллӣ гардид, балки ба системаи равобити иқтисодии ҷаҳонӣ ҷалб карда шуд. Ҳамаи ин аҳамияту мубрамии омӯзиши иқтисоди минтақавиро афзунтар намуда, зарурати таҳқиқи рушди миллии иқтисодро дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба миён овард.

Адабиёт:

1. Алехин Э.В. Региональная экономика и управление. – Пенза: Пензенский государственный университет,
2. Институт государственной службы и управления при губернаторе Пензенской области, 2007. – С. 128.
3. Некрасов Н.Н. Региональная экономика. Теория, проблемы, методы. Изд. 2-е. – М.: Экономика, 1978. – С. 225.
4. Пчелинцев О.С. Региональная экономика в системе устойчивого развития. - М.: Наука, 2004. – С.132.
5. Челноков И.В., Герасимов Б.И., Быковский В.В. Региональная экономика: организационно-экономический механизм управления ресурсами развития региона / Под науч. ред. д-ра эконом, наук, проф. Б.И. Герасимова. –Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2002. – С. 322.
6. Герасимова В.В. Интеграционные процессы в регионах Российской Федерации // Региональные проблемы преобразования экономики. - 2009. - №2. – С. 79.
7. Чайникова Л.Н. Методологические и практические аспекты оценки конкурентоспособности региона. - Тамбов: Изд-во Тамб. гос. техн. ун-та, 2008. – С. 265.
8. Региональная экономика / Под ред. В.И. Видяпина и М.В. Степанова. - М.: ИНФРА-М, 2007
9. Коломак Е.А. Анализ факторов конкурентоспособности региона // Регион: экономика и социология. - 2009. -№3. – С. 59.
10. Особенности воспроизводства регионального капитала: сущность, подходы к оценке, методы управления / Институт экономики КарНЦ РАН, Под общей ред. Ю.В. Савельева. - Петрозаводск: Изд-во Карельского научного центра РАН, 2008. – С. 109.

РАҚОБАТ ҲАМЧУН ШАРТИ ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИ УСТУВОР

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур, масъалаҳои рақобатпазирӣ дар хоҷагиҳои кишоварзии минтақаҳо, инчунин маҳсулотҳои агроозуқаврорӣ дар шароити бозорҳои дохилӣ ва берунии савдо тадқиқ шудааст. Ҳамин тариқ, дигаргуншавии муносибатҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 1990-ум ба густариши равандҳои минтақавишавии хоҷагии халқ мусоидат намуда, ҷараёни рақобати байни мамлакатҳоро шадидтар гардонид ва зарурати баландбардории рақобатпазирии ҷумҳуриро бедор кард.

Калидвожаҳо: ҷараёни рақобат, рақобатпазирӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ, кластеризатсия**,** парадигма, субъектони хоҷагидорӣ, хоҷагии халқ.

КОНКУРЕНЦИЯ КАК УСЛОВИЕ УСТОЙЧИВОЙ ЭКОНОМИКИ

Аннотация. В данной статье расматриваются задачи конкурентноспособности в области сельского хозяйства регионов, а также продукты сельского хозяйства в условиях внутренего и внешнег рынка.

Ключевые слова: конкурентноспособность в региональной экономике, кластеризация, парадигма, субъекты сельского хозяйства.

COMPETITION AS A CONDITION FOR SUSTAINABLE ECONOMY

Anatatsion. The article problems of competitiveness in the field of agriculture of regions, and also agriculture products in conditions and the market.

Keywords: competitiveness in regional economy, claster, a paradigm, subjects of agriculture.

НАҚШИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ТАҲЛИЛИ ИДОРАВӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Саидҷонов С.Ш.

Айни замон ҷараёни идоракунии ҳар як корхонаи саноатӣ новобаста аз шакли моликият ва шакли ташкили ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар шароити рушди муносибати бозоргонӣ бениҳоят душвор гардидааст.Имрӯзҳо доираи масъалаҳои идоракунӣ васеъ гардида,ҷараёни иттилоотӣ, ки барои қабули қарорҳои ягона ва дуруст таҳия мешавад, меафзояд. Дар ин ҳолат роҳбари корхона бояд объектҳои идоракуниро таснифот дода, баҳисобгирии онҳоро ба роҳ монад. Вобаста ба ин роҳбари муосир ба маълумоте, ки барои қабули қарори дуруст таъсир мерасонад, эҳтиёҷ дорад. Аз ин лиҳоз, масоили баландбардории самаранокии таркиби анъанавии баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳамчун сарчашмаи маълумоти номбурда, диққати зиёдро доро мебошад. Маълум, ки усули анъанавӣ бо тартиби маъмул бояд ба тартиби баҳисобгирӣ, ки ба имконоти ташкилот мутобиқ карда шудаанд, ҷой диҳад.

Ташкили самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ ин талаботи иқтисодиёти ватанӣ аст, ки ба бунёди механизми бозорӣ равона шудааст. Барои босифат идоракунии фаъолияти корхона ахбороти идоравии саривақтӣ ва босифат лозим аст. Раванди ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҷалби қарзҳо ва сармоягузориҳои

хориҷӣ дар шароитҳои муфид ба иқтисодиёти давлат, аз он ҷумла дар саноатикунонии иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Фаъолияти ташкилотҳо дар шароитҳои бозор баландбардории самаранокии истеҳсолот, рақобатпазирии маҳсулот, ташаббускорӣ, фаъолгардонии соҳибкорӣ ва ғайраҳо дар назар дорад. Нақши муҳимтарин дар татбиқи вазифаҳои зерин ба таҳлили иқтисодӣ рӯ ба рӯ мегардад. Баробари ин, ҷорӣ намудани таҳлили иқтисодӣ молиявӣ ва идоравӣ бо ҷудо гардидани баҳисобгирии муҳосибӣ ва идоравӣ вобастагӣ дорад.

Масъалаҳои таъмини ташкилӣ ва методии таҳлили молиявӣ дар адабиёти махсуси иқтисодӣ ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Лекин то ҳол ақидаи ягона оид ба мазмун, таъинот ва услуби гузаронидани таҳлили идоравӣ вуҷуд надорад.

Мувофиқи тасаввуротҳои пешқадами муосир баҳисобгирии идоравӣ қисми идоракунии корхона аст, ки айниятдиҳӣ, ташаккулёбӣ, пешниҳод, шарҳу эзоҳдиҳӣ ва истифодабарии ахборотро, ки ба тамсилаи бизнес – стратегия шомил аст чунин корҳоро мади назар набояд кард:

-банақшагирӣ ва назорати намудҳои фаъолият;

-таҳлил ва қабули қарорҳои идоравӣ;

-истифодабарии самараноки захираҳо;

- баландбардории маҳсулнокӣ ва афзунгардонии арзиши корхона; -ҳифзи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ;

-роҳбарии корпоративӣ ва назорати дохилӣ.

Рушди муосири иқтисодиёт аз роҳбарони корхонаҳо маҳорати дуруст баҳогузорӣ намудан ва сари вақт ба динамикаи рушди амалиётҳои хоҷагидорӣ аҳамият доданро талаб мекунад. Зарурияти ташкили менеҷменти амиқу доимӣ пайдо мешавад, ки барои ин маълумоти таҳлилии фаврӣ оид ба ҳолати объект зарур

аст, то дар сатҳҳои гуногун қарорҳои асоснок қабул карда шавад. Аз ин лиҳоз, моҳияти менеҷменти самаранок дар маҳорати пешгӯӣ намудани нишондиҳандаҳои фаъолият, интихоби роҳҳои қулайи бадастории самтҳои афзалиятнок, муносибгардонии хароҷот ва натиҷаи фаъолияти корхона ифода меёбад.

Чӣ тавре, ки ба мо маълум аст, идоракунии ҳар як объект шаш марҳиларо дар бар мегирад, ки инҳо аз банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, назорат, таҳлил, ҳосил кардани як қатор қарорҳои алтернативӣ ё муайян кардани қарорҳои оптималӣ, тадбиқи як ё якчанди ин қонунҳо иборат мебошанд.

Аз ин рӯ, идоракунии корхона амалиёти ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти он барои ноил шудани мақсади гузошташуда ба ҳисоб меравад. Ҳар як хадамот ва корманди идоравӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ ба маълумот эҳтиёҷ дорад. Идоракунӣ аз қабул ва омӯзиши маълумот оғоз гардида, қабули қарор дар асоси маълумот бояд таҳлил гардад ва бо назорат аз рӯи иҷрои ин қарор, ҳамчунин дар асоси маълумоти мувофиқ ба итмом расад.

Баҳисобгирӣ ҳамчун яке аз функсияҳои менеҷмент дар шароити муосир беҳтарин воситае ба шумор меравад, ки барои ба натиҷа ноил гардидан ва муваффақият дар тиҷорат имконият медиҳад.

Дар фазои ягонаи ахборотӣ баҳисобгирӣ унсури муҳим мебошад. Мувофиқан, барои қабули қарорҳои босифати идоравӣ фазои баҳисобгирӣ - хабарӣ бунёд намудан лозим аст. Низоми баҳисобгирии идоравӣ қисми асосии низоми идоравии корхона буда, дар ин самт нақши муҳимро иҷро менамояд.

Ҳар як субъекти хоҷагидор бояд низоми маълумоти идоракунии мутобиқ ба стратегияи рушди худро таъсис диҳад. Ба корхонаҳои муосир чунин услубҳои идоракуние заруранд, ки

мақсадҳои стратегии корхонаро бо масъалаҳои оперативӣ, бизнес - амалиётҳои мавҷуда ва одамони мушаххаси дохили корхонаро алоқаманд мегардонад.

Бояд қайд намуд, ки то ҳол дар байни олимон фаҳмиши ягонаи консепсияи баҳисобгирии идоравӣ вуҷуд надорад. Консепсияи баҳисобгирии идоравиро мақсад, вазифаҳо, функсияҳо ва принсипҳои он муайян менамоянд. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми баҳисобгирии идоравӣ ба таври гуногун тавсиф дода шудааст.

Ба фикри мо, тавсифи гуногуни баҳисобгирии идоравӣ дар ҳама давлатҳо аз асосҳои рушди иқтисодиёти бозорӣ, амалинамоии бозор, рақобат, сатҳи маълумотнокии муҳосибон, асосҳои қонунгузорӣ, намудҳои тиҷорат, вобастагӣ дорад. Мувофиқан вобаста ба ин, ҳар як давлат бояд асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии идоравиро ташаккул дода, барои мутобиқсозии баҳисобгирии идоравӣ дар амалияи корхонаҳо мусоидат намояд.

Ба фикри мо, баҳисобгирии идоравии яквақта ҳам мақсад ва ҳам восита ба ҳисоб меравад, зеро мақсади қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ дошта, барои ин воситаҳои самаранокиро ба монанди банақшагирӣ, таҳлил, назорат, танзимкунӣ, ҳавасмандкуниро тавсия медиҳад. Чуноне, ки олими рус Пизенголтс М.З. иброз медорад, мақсади баҳисобгирии муҳосибӣ - ин таъсисдиҳӣ ва нигоҳдории низоми ахборотӣ дар ташкилот мебошад, ки ба роҳбарият барои қабули қарорҳои дурусти идоравӣ имкон медиҳад[7,6].

Дар байни мақсадҳои асосии баҳисобгирии идоравӣ инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

- ёрирасонии ахборотӣ ба менеҷерон дар қабули қарори идоравии фаврӣ;

- назорат, банақшагирӣ ва пешгӯикунии фаъолияти иқтисодии корхона ва марказҳои масъул.
- таъминкунӣ бо базаи ахборотӣ барои нархгузорӣ.
- интихоби роҳҳои беҳтари рушди самараноки корхона.

Дарки моҳияти баҳисобгирии идоравӣ имконияти ошкор кардани вобастагии амалҳои ин намуди баҳисобгирӣ аз амалҳои идоракунӣ (банақшагирӣ, назорат, таҳлил, корҳои ташкилӣ, ҳавасмандгардонӣ, алоқаи дохилии ахборотӣ) аст.

Азбаски саҳомон фаъолияти менеҷеронро дар асоси ҳисоботҳои молиявӣ баҳогузорӣ менамоянд, қарори худро дар охир дар асоси ҳисоботҳои идоравӣ қабул менамоянд. Пас баҳисобгирии молиявӣ ва идоравӣ бояд ба ҳамдигар мувофиқ ва алоқаманд бошанд.

Баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслӣ, яъне баҳисобгирии истеҳсолӣ қисми марказии баҳисобгирии идоравӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси ахборот оиди хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот, корҳо, хизматрасониҳо қарорҳои асосноки идоравӣ ҷиҳати рушди истеҳсолот, самаранокии маҳсулоти гуногун, қабули фармоишҳои махсус, аутсорсинг, инчунин нархгузорӣ ва ғайраҳо қабул карда мешавад.

Идоракунии фаъолияти истеҳсолӣ раванди душвор ва мураккаб аст. Низоми баҳисобгирӣ низ, ки ба талаботи идоракунӣ ҷавобгӯ мебошад мураккаб буда, аз таркиби зиёд иборат аст. Ҳамчунин таркиби унсурҳои низоми баҳисобгирии идоравӣ вобаста аз мақсади идоракунӣ тағйир меёбад.

Ба роҳмонии баҳисобгирии идоравӣ бояд дар мувофиқа бо принсипҳои масъулиятнокӣ, идорашавӣ, эътимоднокӣ, ба ҳамдигар вобастагӣ, релевантнокӣ ба амал оварда шавад. Маҷмӯи

ин принсипҳо самаранокии баҳисобгирии идоравиро таъмин менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар мамлакати мо мисли дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маълумоти муҳосибӣ ҳамчун анъана холисӣ, эътимоднокӣ, саривақтӣ ва амиқӣ талаб карда мешавад. Аммо, дар зинаи муосири ташаккули идоракунӣ, низоми иқтисодиёти бозорӣ, танҳо ба ин талабот ҷавобгӯ будан кофӣ нест. Дар шароити муосир ахбороти пешниҳодгардида бояд бо сифати баланд ва самаранок, ба талаботи истифодабарандагони берунӣ ва дохилӣ ҷавобгӯ бошад.

Ин маънои онро дорад, ки ахбороти муҳосибӣ бояд миқдори камтарини нишондиҳандаҳоро дар бар гирифта, ба талаботҳои истифодабарандагони зиёди сатҳҳои гуногуни зинаҳои идоракунӣ ҷавобгӯ бошад. Ахбороти пешниҳодшаванда бояд зарур, муҳим ва самаранок буда, нишондиҳандаҳои изофагӣ надошта бошад.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло қайд намудан зарур аст, ки маълумоти баҳисобгирӣ на танҳо барои худи баҳисобгирии муҳосибӣ, балки барои истифодабарандагони берунӣ ва дохилаи он манфиатбахш буда, асоси зарурӣ барои пешгӯи, банақшагирӣ, меъёргузорӣ, таҳлил ва назорат буда, ҳамчун воситаи муҳими қабули қарорҳои самараноки идоравӣ баромад мекунад. Мусаллам аст, ки барои қонеъ гардонидани ҳамаи талаботҳои зикргардида, бояд усулҳои гуногуни ҷамъоварӣ, коркард ва инъикоси маълумот истифода шавад. Дар мамлакатҳои мутараққии иқтисодӣ ин мушкилот бо роҳи тақсими тамоми низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба ду қисм- молиявӣ ва идоравӣ ҳал шудааст.

Баҳисобгирии идоравӣ (management accounting) дар якҷоякунии ду мафҳум – баҳисобгирӣ ва менеҷмент пайдо шудааст. Вожаи асосии мафҳуми «баҳисобгирии идоравӣ», «идоракунӣ» аст.

Ба менеҷмент доимо ахборот лозим буда, аммо баҳисобгирии молиявӣ ба менеҷерон маълумоти эътимоднок ва заруриро пешниҳод карда наметавонанд.

Баҳисобгирии идоравӣ на танҳо инкишофи баҳисобгирии молиявӣ аст, балки ин мафҳуми нави босуръат инкишофёбанда мебошад. Баҳисобгирии идоравӣ якҷоя бо рушди менеҷмент, технологияҳои иттилоотӣ, муҳити бозорӣ рушд меёбад.

Бояд қайд намуд, ки баҳисобгирии идоравӣ қисми ҷудонашавандаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста бо тамоюли ахбороти молиявӣ ба истифодабарандагони дохилӣ баҳисобгирии муҳосибӣ ба идоравӣ мубаддал мегардад.

Бо инкишофи муносибатҳои бозорӣ ташкилотҳо мустақилияти хоҷагиро ба даст оварданд. Дар шароитҳои ба миён омада, амалкунии онҳо ба пурзӯршавии масъулияти менеҷмент оид ба қарорҳои қабулшаванда оварда расонидааст. Ба роҳбарияти ташкилот таҳлили иқтисодӣ барои интихоби қарорҳои оптималии идоравӣ на танҳо дар ҳоли ҳозир, балки барои таҳияи саҳнаи рушди ояндаи иқтисодӣ лозим аст.

Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳлили иқтисодии ягона ва ҷудонашаванда дар гузашта, дар айни замон ба намудҳои гуногун тақсим гардид: иҷтимоӣ – иқтисодӣ, иқтисодӣ – экологӣ, маркетингӣ, сармоягузорӣ ва ғайра.

Дар адабиётҳои гуногун, чӣ дар илмӣ ва чӣ дар таълимӣ, методӣ ҳар чӣ бештар «таҳлили иқтисодӣ» истифода мешавад.

Моҳият ва аломатҳои асосии таҳлили идоравиро ба таври зерин муайян намудан мумкин аст:

1) рӯоварӣ ба истифодабарии дохилӣ;
2) истифодабарии ахбороти релевантии ғайрирасмӣ;

3) самтнокии перспективии натиҷаҳои таҳлил;

4) фаврияти таҳлил ва дискретӣ будан;

5) рӯоварии соҳавии таҳлил;

Хусусияти махсуси таҳлили идоравӣ он ба ҳисоб меравад, ки нисбат ба молиявӣ, ки аз рӯи услубҳои умумӣ гузаронида мешавад, ба маросимҳои таҳлили иқтисодӣ хусусиятҳои техникӣ – иқтисодии ташкилот таъсир мерасонанд.

Ин тасдиқот имкон медиҳанд, ки таҳлили идоравӣ ба таври зерин муайян гардад: таҳлили идоравӣ – ин таҳлилест, ки ба истифодабарии дохилӣ нигаронида шудааст, ба ахбороти фаврӣ ва релевантӣ такя намуда, хислати махфиро дорад ва самти перспективиро касб кардааст, бо назардошти хусусияти фаъолияти таҳлилшаванда доир карда шуда, натиҷаҳояш аз тарафи менеҷмент барои коркарди қарорҳои ҷорӣ ва перспективӣ истифода бурда мешаванд.

Баъзе аз намудҳои дар айни замон истифодашавандаи таҳлил (молиявӣ, иҷтимоӣ – иқтисодӣ, оморӣ – иқтисодӣ ва ғ.) ба аломатҳои овардашуда ҷавоб намедиҳанд. Дигар намудҳои таҳлили иқтисодӣ (сармоягузорӣ, арзишӣ функсионалӣ, логистикӣ), баръакс ба онҳо мувофиқанд.

Ҳамин тариқ, баҳисобгирии истеҳсолӣ қисми таркибии баҳисобгирии идоравӣ буда, танҳо дар доираи он ҳисоб намудани арзиши аслӣ ва самаранокии воҳиди маҳсулот ба даст меояд, захираҳои ниҳоии баландбардории самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратии корхонаро ошкор менамояд.

Адабиёт:

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон».

КВД КТН «Шарқи озод» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018 - 47 с.
2. Бахрушина М.А. Управленческий анализ / М.А. Бахрушина. М.: Омега-Л, 2004.
3. Друри К. Введение в управленческий и производственный учет: пер. с англ. / К. Друри, под ред. С.А. Табалиной. М.: Аудит, ЮНИТИ, 1997. - 560 с.
4. Друри К.Е. Управленческий и производственный учет (пер.с англ./под ред. Н.Д. Эриашвили) - М.: Изд.об-ние «ЮНИТИ»,2003
5. Зайцев Л.Г., Соколова М.И. Стратегический менеджмент: учебник. М.: Магистр, 2010
6. Каверина О.Д. Управленческий учёт: системы, методы, процедуры. – М.: Финансы и статистика, 2004. С. 52
7. Пизенгольц М.З. О содержании управленческого учёта // Бухгалтерский учёт. – М., 2000. -№19. – с. 60-62.

НАҚШИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ТАҲЛИЛИ ИДОРАВӢ ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Аннотатсия. Дар мақолаи мазкур муаллиф кушиш кардааст, ки доир ба масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла таҳлилҳои бухгалтерӣ ва идоракуниро дар иқтисодиёт ба қадри имкон нишон диҳад. Инчунин дар мақола як қатор проблема ва мушкилотҳое, ки имрӯз дар баъзе аз корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ оиди ин масъалаи таҳлилгардида арзи ҳастӣ доранд, андешаҳои худро баён кардааст. Қайд кардан зарур аст, ки муаллиф муҳимияти мавзӯро ба қадри имкон дар мақолаи худ нишон додааст.

Калидвожаҳо: баҳисобгирӣ, менеҷмент, корхонаҳо, саноат, молия, идоракунӣ, истеҳсолот.

РОЛЬ БУХГАЛТЕРСКОГО И УПРАВЛЕНЧЕСКОГО АНАЛИЗА В РАЗВИТИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

Аннотация. В данной статье автор по мере возможности старается показывать бухгальтерские и управленческие анализы в экономике относительно разного характера экономических проблем. Также в статье, автор излагает свое мнение про ряда пробелем и вопросов, которые сегодня существуют в государственных и негосударственных предприятий относительно анализируемой проблеы. Следует отметить, что автор показывать актуальность темы в статье.

Ключевыеслова:бухгалтерия, менеджмент, предприятии, промышленность, финансы, управление, производство.

ROLE OF ACCOUNTING AND MANAGEMENT ANALYSIS IN THE DEVELOPMENT OF ACTIVITIES OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

Anatatsion. In this article, the author, as far as possible, tries to show bukhgalter and managerial analyzes in economics with respect to the different nature of economic problems. Also in the article, the author expresses his opinion about a number of gaps and issues that exist today in state and non-state enterprises regarding the analyzed problem. It should be noted that the author, as far as possible, show the relevance of the topic in the article.

Keywords: accounting, management, enterprises, industry, finance, management, production.

МУНДАРИҶА-СОДЕРЖАНИЕ

ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

1. **Нозимов Х., Эркаев С. А., Истамкулов Д., Курбанов С. И.** Подготовка профессиональных специалистов таджиков и её роль в социокультурном развитие современной России……....5
2. **Эркаев С. А., Эркаева Н. С.** Роль российких специалистов в изучении истории и культуры Таджикистана……16
3. **Хакимова Р.Р.** Структурно-семантический анализ пословицы и поговоркы в французском, русском и таджикском языках……..29
4. **Сафарова М. Б.** Технология и цифровизация - тенденции развития международной миграции……42
5. **Шарифов Ш. Ҷ.** Мактаби мусиқӣ ва саҳми он дар тарбияи ахлоқӣ – эстетикии насли наврас……..52
6. **Шифои К.Б.** Асосҳои ҳуқуқии низоми интихобот……60
7. **Боронова М. С.** Таъсири касбияти омӯзгор дар ташаккули шахсияти хонандагон……..……68
8. **Гулямов Х. К.** Функционально - семантический аспект метафорического поля английского и таджикского языков…….79
9. **Убайдуллои А., Чолова С. П.** Тадқиқотҳои математикони барҷастаи тоҷик ва тадбиқи баъзеи онҳо дар саноатикунонии кишвар……..…86
10. **Асозода Ҳ. Р.** Васофи шоҳи одил ва раиятпарвар дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ……92

ИЛМҲОИ ТЕХНИКӢ – ТЕХНИЧЕСКИЕ НАУКИ

1. **Шоев А. Н., Тошмуродова Р. Б.** Шерсть как перспек-тивное сырьё для производства строительных материалов……104
2. **Бузрукова С.Ф., Норбобоев Л.Б.** Повышения и эффективности развитие промышленных предприятий ……112
3. **Джураева М.М., Темири М.И.** Природные предпосилки развития гидроэнергетической промышленности в Таджикистане……121
4. **Курбонов Б.Д., Джононзода М.Н.** Натуральные волокна перспективная сырьевая база при производстве нетканых материалов и текстильных изделий……130

5. **Муҳиддинов А.Р., Атабекова Х.** Аҳамият ва хусусиятҳои морфологии мушакҳои қутосҳои экотипи Помирии Куҳистони Мастчоҳ……..…..138
6. **Мамадризохонов А.А., Норов М.С. Саидзода Р.А.** Таърихи парвариши лӯбиё ва аҳамияти он дар хоҷагии халқ……...145

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ- ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

1. **Аминов М.Ҳ., Қодирова Н.А., Каримова М.Д**. Дастовардҳои саноати энергетика дар давраи соҳибистиқлолӣ……..155
2. **Асоев Б.Х.** Таҷрибаи бозори электроэнергетикаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (минтақаи меконги бузург) ва имконоти истифодаи он дар давлатҳои Осиёи Марказӣ…….……163
3. **Давлатов Х.М., Шарифова Д.М. Рачабов А.Қ.** Саноат яке аз омилҳои рушди иқтисодиёт дар даврони истиқлолият……172
4. **Тағоев Ҷ.Ҳ., Ҳисайнов Н.А.** Таҳлили вазъи базаи моддӣ-техникии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон……..180
5. **Аллашукуров Б. Э.** Рақобат ҳамчун шарти ташаккули иқтисоди устувор……..…189
6. **Саидҷонов С. Ш.** Нақши баҳисобгирӣ ва таҳлили идоравӣ дар рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ……..……198

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмӣ-оммавии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб «Илм ва технологияҳои асри XXI» пешниҳод мешаванд.

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботҳои зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад.
2. Мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад.
3. Мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати MicrosoftWord омода гардида, бо ҳуруфи TimesNewRoman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи TimesNewRomanTj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,15 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 8 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Қобилзода А.М.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 3 номгӯ ва на бештар аз 15 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1- 2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, шарҳи мухтасар ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ, ва англисӣ) таҳия гарданд. Шарҳи мухтасар дар ҳаҷми то 10 сатр ва калидвожаҳо аз 6 то 8 номгӯ бояд таҳия карда шавад;
- дар охири мақола бо ду забон (агар мақола ба забони тоҷикӣ бошад, шарҳи мухтасар ба забони русӣ ва англисӣ, аммо агар мақола ба забони русӣ бошад, шарҳи мақола ба забони тоҷикӣ ва англисӣ);
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа нишон [ ] дода шавад. Намуна [4, с.25]. Яъне, адабиёти рақами №4 ва саҳифаи 25;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо, ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научно – популярный журнал Института технологий и инновационного менеджмента в городе Куляб «Наука и технология XXI века».

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям:

1. Статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала;
2. Статья должна быть результатом научных исследований;
3. Статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Требования к оформлению научных статьей:

Статья должна быть подготовлена в формате MicrosoftWord, шрифтом TimesNewRoman, кегль 14, поля 2,5см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 6 до 8 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

- название статьи;
- фамилия и инициалы автора (например, Кобилзода А.М.);
- название организации, в которой работает автор статьи;
- основной текст статьи;
- список использованной литературы (не менее 3 и не более 15 наименований научной литературы);
- название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляются в объеме не менее 10 строк, ключевые слова от 6 до 8 слов или словосочетаний;
- информация об авторе на русском и английском языках;
- при цитировании конкретного материала ссылки указываются в

квадратных скобках[ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература 4 и страница 25;

- таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и

пронумеровать.Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

INFORMATION FOR AUTHORS

Requirements for scientific articles submitted to the popular scientific journal of the Institute of Technology and Innovation Management in the city of Kulob "Science and Technology of the XXI Century".

All scientific articles submitted to the editorial office of the journal must meet the following requirements:

1. The article must be written in compliance with the established requirements of the journal;
2. The article must be the result of scientific research;
3. The article must correspond to one of the directions (sections) of the journal.

Requirements for the design of scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, TimesNewRoman font, size 14, 2.5 cm margins on all sides, one-and-a-half spacing.

The volume of the article (including annotation and bibliography) should be
within 6 to 8 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

- title of the article;
- surname and initials of the author (for example, Kobilzoda A.M.);
- the name of the organization in which the author of the article works;
- the main text of the article;
- list of used literature (no less than 3 and no more than 15 titles of scientific literature). The list of references is drawn up in accordance with the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;
- the title of the article, abstract and keywords are drawn up in three languages (in Tajik, Russian and English). Annotation should be drawn up in at least 10 lines, keywords from 6 to 8 words or phrases;
- information about the author in Russian and English;
- When citing specific material, references are indicated in square brackets []. Sample: [4, p. 25]. That is, literature №4 and page 25;
- tables, charts, diagrams and figures must be grouped and numbered. Tables, charts, diagrams and figures must have a title.